ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САЙЁҲӢ ВА СОҲИБКОРИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 339.543 (575.3)
ТКБ: 65.304.15
Ш.87

Бо ҳуқуқи дастнавис

ҶУРАЕВ ШОҲРУХ НЕЪМАТОВИЧ

МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ
аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт
(5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Валиев Низомиддин Шаробудинович

Душанбе – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ..... 3
Муқаддима..... 4
БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ НАҚШ ВА МОҲИЯТИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ..... 16
1.1. Асосҳои назариявии таҳқиқи моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ..... 16
1.2. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ..... 29
1.3. Таҷрибаи хориҷии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаълияти соҳибкорӣ..... 49
БОБИ 2. АРЗЁБИИ МЕХАНИЗМИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..... 75
2.1. Таҳлили вазъи муосири истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ..... 75
2.2. Арзёбии нақши истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 93
2.3. Баҳодиҳии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 114
БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ - ИҚТИСОДИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ..... 129
3.1. Такмили танзими давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ..... 129
3.2. Амсилаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ..... 146
3.3. Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... 161
Хулоса..... 181
Рӯйхати адабиёти истифодашуда..... 187

НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ISO 9000	-	Низоми идоракунии сифат
ААИ	-	Андоз аз арзиши иловашуда
ДГБ	-	Декларатсияи гумрукии бор
ИА	-	Иттиҳоди Аврупо
ИДМ	-	Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
ИИАО	-	Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё
КОА	-	Комиссияи олии аттестатсионӣ
ММД	-	Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ
НИХ	-	Низоми идоракунии хавф
СИТГ	-	Низоми идоракунии хавфи гумрукӣ
СМР-2030	-	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030
СУГ	-	Созмони умумиҷаҳонии гумрук
СУС	-	Созмони умумиҷаҳонии савдо
ТМХ	-	Таснифоти хизматрасониҳо дар фаъолияти иқтисодии беруна
ФИБ		
ФИБ	-	Фаъолияти иқтисодии берунӣ
ҶТ		Ҷумҳурии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити таҳаввулоти зудтағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳони муосир вобастагии байни кишварҳо ва рушди рақобати байналмилалӣ рӯ ба афзоиш буда, сиёсати давлатӣ дар самти рушди соҳибкорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб намудааст. Дар чунин шароит таъмини устувории иқтисоди миллӣ бидуни истифодаи воситаҳои муассири дастгирии давлатии соҳаҳои гуногун ғайриимкон аст. Бинобар ин, яке аз механизмҳои муҳими таъсиррасонӣ дар соҳаи соҳибкорӣ имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб рафта, ба коҳиш ёфтани хароҷоти фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, ин раванд ба зиёдшавии ҳаҷми содирот, афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт таъсири муассир боқӣ гузошта, дар натиҷа заминаи моддию техникии истеҳсолот мукаммал гардонида мешавад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул бо имкониятҳои васеи рушди соҳибкорӣ арзёбӣ гардида, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун омилҳои муҳими такмилдиҳандаи воситаҳои танзими давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд, зеро онҳо ба ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат мекунанд. Чуноне, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсус таъкид мегардад: «...соҳибкорони кишвар дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат, таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ саҳми назаррас мегузоранд ва Ҳукумати кишвар вазифадор аст тадбирҳои иловагиро ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, таъмини иҷрои кафолатҳо ва имтиёзҳо, дастгирии давлатии соҳибкорон ва рушди инфрасохтори сармоягузорӣ амалӣ намояд» [11]. Маҳз ҳамин мавқеъ зарурати такмили минбаъдаи сиёсати гумрукӣ ва истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи муҳими рушди иқтисодӣ тақвият медиҳад.

Ҳамчунин, дар Паёми Президенти кишвар зарурати такмили минбаъдаи инфрасохтори сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ ҳамчун воситаи калидии ноил шудан ба натиҷаҳои пешрафтаи иқтисодӣ таъкид мегардад [11]. Дар шароити кунунӣ, баландбардории самаранокии механизми имтиёзҳои гумрукӣ ва мутобиқсозии он ба омилҳои дохилию хориҷии иқтисодӣ, ҳамгироии он бо дигар воситаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз ҷиҳати илмию амалӣ муҳимияти мавзуи мазкурро тақвият мебахшанд.

Дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ба фароҳам овардани шароит барои коҳиш додани монеаҳо ҳангоми татбиқи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда, осон гардонидани дастрасӣ ба технологияҳо ва таҷҳизоти муосир равона шудааст. Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҳқиқот на танҳо бо вазифаҳои стратегии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо зарурати объективии асосноккунии илмии механизмҳои такмили имтиёзҳои гумрукӣ ба манфиати рушди устувори соҳибкорӣ пайванди амиқ дорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Имтиёзҳои гумрукӣ ҷанбаи муҳими фаъолияти иқтисодии беруниро ифода намуда, метавонанд ба иқтисодиёти кишвар таъсири назаррас боқӣ гузоранд. Масаълаҳои ташаккул ва идоракунии сиёсати гумрукӣ аз тарафи олимон-иқтисоддонони классик, Друкер П.В. [43], Смит А. [74], Хизрич Р. [83], Самуэлсон П. [73], Шумпетер Й. [89] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккулёбӣ ва рушди низомҳои гумрукӣ ва истифодаи онҳо дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар корҳои илмии олимони ватанӣ ба монанди: Абдуқодирзода Ҷ.К. [130], Азамат А. [131], Алиев М. Б. [132], Ғаниев Т.Б. [101], Ғаюрова Р.С. [102], Каримова М.Т. [106, 107], Ҳикматов С.И. [69], Нидоев Н.Ф. [115], Нидоев П.Ф. [48, 128], Рахматзода Р. [110], Раҷабов Р.К. [67, 70, 110], Саидмуродов Л.Х. [119], Самиев Ф.Б. [150], Хоҷаев П.Д. [84], Ҷаборов А.И. [140], Шоҳназари Х.Ғ. [128] ва дигарон таҳқиқ карда шуданд.

Дар баробари ин баъзе масъалаҳои ҳифзи соҳибкории ватанӣ дар шароити савдои озод тавассути истифодаи чораҳои ҳавасмандгардонии

истеҳсолот ва пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ дар корҳои олимони ватанӣ, Асрорзода А.С. [96], Валиев Н.Ш. [136], Қодирзода Д.Б. [108, 109], Сафоев А.К. [120, 121], Фақеров Ҳ.Н. [67, 72], Ҷумаев Б.М. [96], Шаропов Ф.Р. [88] мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Доир ба назария ва амалияи самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи олимони Россия ва кишварҳои ИДМ, ба монанди Агамагомедова С.А. [104], Андрейчук Е.Л. [27], Артемев А.А. [28], Артемев А.А. [94], Барамзин С.В. [30], Беляев М.Г. [31], Блинов Н.М. [33], Гончаренко Л.И. [46], Гречкина О.В. [104], Завялова Е.О. [114], Комиссаров Н.А. [146, 147], Макрусев В.В. [56, 57], Мигел А.А. [59], Орлова Е.Н. [114, 160], Синенко О.А. [122], Стрелсов И.А. [76, 153], Тарасов И.Т. [77, 78], Халипов С.В. [87] ва дигарон таҳқиқ карда шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, сарфи назар аз саҳми назарраси муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар омӯзиши механизмҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ ва воситаҳои гумрукӣ, дарки илмии фарогир ва низомноки имтиёзҳои гумрукӣ ва нақши онҳо дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ маҳз дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба таври нокифоя таҳқиқ гардида, ба омӯзиши амиқу дақиқи илмӣ ниёз дорад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ. Таҳқиқот бо ҳуҷҷатҳои стратегии миллӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои сиёсати давлатии иқтисодӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ ва такмили танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла татбиқи имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд, зич алоқаманд мебошад. Аввалан, ҳамчун заминаи самти стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст, ки афзалиятҳои сиёсати давлатиро дар самти беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузориҳо ва муосиркунии иқтисодиёт муайян мекунад. Дар баробари ин, мавзуи таҳқиқот ба татбиқи як қатор санадҳои муҳими барномавии соҳаи соҳибкорӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи сармоягузорӣ», Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, № 169), инчунин Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2023, № 50) мутобиқат менамояд.

Диссертатсия ба самти илмии кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисоди соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, вобаста ба масъалаҳои рушди соҳибкорӣ, такмили фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисоди соҳавӣ мутобиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот мазмун ва хусусиятҳои асосии диссертатсияро инъикос намуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, усулҳои таҳқиқот, заминаи иттилоотӣ, навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, сатҳи эътимоднокӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муаллиф, тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, интишори натиҷаҳои илмӣ, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро дар бар мегирад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ - таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Дар асоси мақсади таҳқиқот, вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- муайян намудани моҳияти назариявӣ ва мазмуни иқтисодии имтиёзҳои гумрукӣ, таҳқиқи шаклҳо ва намудҳои асосии онҳо, таҳияи таснифи мукаммал ва муайян намудани аҳаммияти онҳо ҳамчун воситаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва омили мусоидаткунанда ба рушди соҳибкорӣ;

- таҳлили таҷрибаи пешқадаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ ва истифодаи самараноки он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- асоснок намудани амсилаи баланд бардоштани самаранокии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ;
- коркарди Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030.

Объекти таҳқиқот. Низоми имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ.

Предмети таҳқиқот. Муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилии бавуҷудоянда дар раванди пешниҳод ва истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ.

Фарзияи таҳқиқот. Татбиқи механизми ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва ташкилӣ, ки мутаносибкунии расмиёти пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, беҳтар намудани ҳамкории иттилоотӣ байни мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон, инчунин рушди низоми мониторинг ва арзёбии самаранокии истифодаи имтиёзҳоро дар бар мегирад, боиси баланд шудани рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ва ҳавасмандгардонии рушди онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мегардад. Инчунин, равиши низомнокӣ ба идоракунии имтиёзҳои гумрукӣ метавонад барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити мусоидтар фароҳам оварад, дар навбати худ ба рушди иқтисодии минтақа ё кишвар, дар маҷмуъ мусоидат мекунад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот аз муқаррароти бунёдии назарияи иқтисодии классикӣ ва муосир, инчунин аз консепсияҳои танзими давлатии иқтисодиёт, рушди институтсионалӣ, назарияи соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ иборат мебошад. Дар ташаккули заминаи назариявии таҳқиқот корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки дар онҳо моҳият, тасниф ва механизмҳои татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, инчунин таъсири онҳо ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва равандҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардидаанд, саҳми

назаррас гузоштаанд. Дар таҳқиқоти мазкур зарурати истифодаи равиши маҷмуӣ ҳангоми арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бо дарназардошти омилҳои макроиқтисодӣ, соҳавӣ ва институтсионалӣ таъкид мегардад. Ҳамин тариқ, маҷмуи равишҳои назариявӣ ва консепсияҳои илмии баррасишуда имкон доданд, ки тасаввури илмии фарогир ва низомнок дар бораи нақши имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул ёфта, ҳамчун заминаи боэътимод барои анҷом додани таҳлил, асосноккунии хулосаҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намояд.

Асосҳои методологии таҳқиқот ба принсипҳо ва консепсияҳои илмии рушди соҳибкорӣ вобаста ба имтиёзҳои гумрукӣ такя менамояд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҳалли масъалаҳои таҳияшуда маҷмуи равишҳои методологӣ, аз ҷумла таҳлили ҳамаҷониба барои омӯзиши мушкилот, арзёбӣ вобаста ба нишондиҳандаҳо, хулосаҳои омилӣ, асосҳои баҳодиҳии сохторӣ, таҳлили муқоисавӣ баҳри муқоисаи маълумот ва равишҳои гуногун, таҳлили функсионалӣ, инчунин, усулҳои таҳлили мантиқӣ ва муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ, таҳлили сохторӣ ва динамикӣ, индексӣ, оморӣ, графикӣ, усули сенариявӣ ва моделсозии иқтисодӣ истифода гардидаанд. Усулҳо ва равишҳои интихобшуда барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда кумак расонида, бо ин васила натиҷаҳои таҳқиқотро дар амал татбиқ кардан мумкин аст.

Сарчашмаҳои таҳқиқот. Сарчашмаи иттилоотии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз маҷмуи маводҳои меъёрии ҳуқуқӣ, оморӣ, таҳлилӣ ва илмӣ иборат буда, омӯзиши фарогир ва ҳамаҷонибаи механизми имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири он ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Ба манбаъҳои асосӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои танзими гумрукӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, соҳибкорӣ ва сиёсати сармоягузориро ба танзим медароранд, дохил мешаванд.

Дар ин радиф Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»,

«Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», инчунин қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии идоравӣ қарор дошта, онҳо тартиби пешниҳоди имтиёзҳо ва преференсияҳои гумрукиро ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ муайян менамоянд. Ҳамзамон, санадҳо ва созишномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии онҳо мебошад, ба гуруҳи манбаъҳои таҳқиқот шомил мебошанд.

Ҳамин тариқ, хусусияти маҷмуии манбаи иттилоотии таҳқиқот имкон дод, ки масъалаи мавриди омӯзиш ҳамаҷониба таҳлил гардида, сатҳи асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳо баланд бардошта шавад ва ба ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намояд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2025 иҷро гардидааст.

Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқиқотро маводи маҷмуаҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ, ҳисоботҳои илмӣ-таҳқиқотии Минтақаҳои озоди иқтисодию гумрукӣ ва Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ), инчунин, маълумоти оморӣ ва таҳлилии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Ба пойгоҳи ташкилӣ ва иттилоотии таҳқиқот ҳамчунин бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории корхонаҳои ватанӣ, маводи Ассотсиатсияи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оид ба истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ, нишондиҳандаҳои фаъолияти тиҷорати хориҷӣ ва маводи марбут ба фаъолияти соҳибкорӣ дохил мешаванд.

Навгонии илми таҳқиқот. Аз таҳия ва асоснок намудани пешниҳодҳои назариявию методӣ ва амалӣ оид ба такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти

соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар натиҷаҳои зерини илмӣ инъикос меёбад:

1. Механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ таҳия шудааст. Таснифи муаллифии намудҳои имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод карда шуд ва таъсири онҳо ба рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ муайян карда шуд. Дар доираи таҳқиқот таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод карда шудааст. Аз нигоҳи муаллиф, имтиёзҳои гумрукӣ маҷмуи сабукиҳо ва афзалиятҳое мебошанд, ки аз ҷониби давлат ба шахсони ҳуқуқӣ ё нисбат ба гурӯҳҳои муайяни молҳо дар раванди амалиёти савдои хориҷӣ дода мешаванд.

2. Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ гузаронида шуда, равишҳо барои мутобиқ шудан ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд. Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки таҷрибаи Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё дар пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва тарифӣ, истифодаи имтиёзҳо, ҷорӣ намудани механизмҳои рақамӣ, принсипи равзанаи ягона, арзиши пешакии гумрукӣ, қарорҳои пешакӣ ва мақоми оператори ваколатдори иқтисодӣ аз ҷумлаи воситаҳое мебошанд, ки метавонанд ба таҳкими муҳити мусоиди савдо ва баланд бардоштани самаранокии корҳои гумрукӣ мусоидат кунанд. Таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки омилҳои асосии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳо шаффофияти равандҳо ва рақамисозии идоракунии гумрук, маҳдудияти муҳлат ва назорати ноил шудан ба ҳадафҳои иқтисодӣ мебошад.

3. Амсилаи пешниҳодгардидаи иқтисодӣ-риёзӣ имкон фароҳам меорад, ки таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба равандҳои рушд ва густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври миқдорӣ арзёбӣ гардида, робитаи байниҳамдигарии нишондиҳандаҳои дахлдор аз нигоҳи иқтисодӣ таҳлил карда шавад. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки афзоиши шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ бештар ба содирот вобаста буда, таъсири ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ ва воридот ба ин раванд нисбатан камтар мебошад. Муайян гардид, ки коҳиши пардохтҳои гумрукӣ содиротро ҳавасманд намуда,

шумораи соҳибкоронро ба андозаи 3,6% дар ҳолати афзоиши содирот ба 1% зиёд менамояд. Амсила омилҳои иқтисодӣ ва институтсионалиро мутаҳҳид намуда, арзёбии объективӣ ва пешгӯии таъсири дарозмуддати имтиёзҳоро таъмин менамояд.

4. Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст, ки барои гузариш аз имтиёзҳои умумӣ ба истифодаи мақсаднок барои соҳаҳои афзалиятноки дорои фоидаи баланд пешбинӣ шудааст. Стратегияи пешниҳодшуда ба муайян намудани таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди минбаъдаи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, тағйирёбии нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ, аз қабили сатҳи шуғл, ҳаҷми сармоягузорӣ, нишондиҳандаҳои содиротӣ ва шумораи субъектҳои хоҷагидорро ба инобат мегирад. Истифодаи чунин маҷмуи нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки нақши сиёсати гумрукӣ дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, навсозии сохтори иқтисодӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Натиҷаҳои зерини диссертатсия ба ҳимоя бароварда мешаванд:

1. Асоснок шудааст, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими андозию гумрукӣ, балки ҳамчун механизми иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ баромад намуда, вобаста ба намуд ва самти татбиқ ба рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Дар ин замина, таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод ва таснифи онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодӣ ва самтҳои таъсиргузориашон асоснок карда шудааст.

2. Муайян шудааст, ки самаранокии татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дар таҷрибаи хориҷӣ, бахусус кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ба шаффофияти расмиёти гумрукӣ, рақамисозии идоракунии гумрукӣ, маҳдуд намудани муҳлати амали имтиёзҳо ва арзёбии натиҷаҳои иқтисодии онҳо вобастагӣ дорад. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ имкониятҳои мутобиқсозии таҷрибаи

пешқадами хориҷӣ ба шароити иқтисодӣ ва институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

3. Модели иқтисодӣ-математикӣ дар асоси таҳлили коррелятсионӣ-регрессионии нишондиҳандаҳои асосӣ, ки робитаи байни шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ, ҳаҷми содирот, воридот ва пардохтҳои гумрукиро инъикос мекунанд, таҳия шудааст. Дар асоси натиҷаҳои моделсозӣ муайян карда шудааст, ки афзоиши ҳаҷми содирот ба 1 фоиз бо зиёдшавии шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ ба андозаи 3,6 фоиз алоқаманд мебошад, ки аҳаммияти ҳавасмандгардонии содиротро дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад.

4. Исбот шудааст, ки такмили механизми татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дар асоси равиши ҳадафнок, бо афзалият додан ба соҳаҳои дорои иқтидори баланди истеҳсолӣ ва содиротӣ, метавонад ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодии давлат мусоидат намояд. Дар ин замина, Стратегияи рушди соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 таҳия гардида, тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими имтиёзҳои гумрукӣ бо дарназардошти таъсири онҳо ба шуғл, сармоягузорӣ, содирот ва шумораи субъектҳои хоҷагидор пешниҳод шудаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот. Таҳқиқи таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкории истеҳсолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аҳаммияти назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Таҳқиқот дар ин соҳа ба амиқ кардани донишҳои назариявӣ дар бораи механизмҳои фаъолияти низоми гумрукӣ, инчунин таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии бахши истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Таҳлили муқоисавии имтиёзҳои гумрукӣ дар кишварҳои гуногун метавонад барои муайян кардани таҷрибаҳои беҳтарин ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити мушаххаси кишвар кумак кунад. Таҳқиқот метавонад ба мақомоти давлатӣ дар таҳияи сиёсати беҳтари танзими гумрукӣ, ки ба дастгирии бахши соҳибкорӣ нигаронида шудааст, кумак расонад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намояд. Ҳамин тариқ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардида ба Стратегияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ барои давраи то соли 2030 ворид гардида, ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати истифода дар таҳияи барномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешниҳод шудаанд. Коркарди асосҳои назариявии муаллиф дар раванди таълими фанҳои “Танзими тарифи гумрукии фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ”, “Фаъолияти гумрукӣ”, “Пардохтҳои гумрукӣ”, “Асосҳои соҳибкорӣ” барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути миқдори кофии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои нашршуда тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ба таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: 8. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ. 12. Методология ва назарияи таъмини рақобатнокии сохторҳои соҳибкорӣ. 15. Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ. 16. Ҳавасмандкунии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ. 19. Ташкили ҳамкории сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ.

Саҳми шахсии илмии довталаб. Дар раванди таҳқиқот аз марҳилаи таҳияи асосноккунӣ ва мубрамияти мавзуъ, муайянкунии мақсаду вазифаҳо, инчунин дар коркарди механизмҳо истифодабарии самараноки имтиёзҳои

гумрукӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муаллиф назаррас мебошад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои методӣ, барои муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онҳо кумак хоҳад кард. Ҳамин тариқ, таҳияи механизми самараноки истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ метавонад саҳми нав дар таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи иқтисод ва танзими гумрукӣ бошад. Коркардҳои муаллиф, ҳамчун маводи илмӣ - амалӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гумрукӣ дар раванди таълим татбиқ гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 12 ҷ.ч. аз он ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Сохтори диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, руйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 200 саҳифа инъикос гардидааст, дар он 30 ҷадвал, 15 расм ва 4 диаграмма оварда шудааст.

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚИ НАҚШ ВА МОҲИЯТИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

1.1.Асосҳои назариявии таҳқиқи моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ

Дар масъалаи дастгирии рушди фаъолияти сохибкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҳангоми ироаи паёмҳояшон ба дастгирии соҳибкорҳо ишора намуда, пешниҳоди имтиёзҳои иловагиро барои рушду ташаккули намудҳои гуногуни соҳибкорӣ ҷонибдорӣ менамоянд, ки яке аз сиёсати бунёдкоронаи сарвари давлат дар ин самт мебошад. Муҳимтарин воситаҳои ҳавасмандгардонии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ҷорӣ намудани имтиёзҳои тарифию андозӣ ба ҳисоб меравад.

Дар доираи Форуми байналмилалии сармоягузории «Душанбе Инвест - 2025» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳамияти имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати иқтисодӣ таъкид намуда, зикр намуданд, ки «онҳо ба фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат менамоянд. Ҳамзамон, татбиқи чунин тадбирҳо ба дастгирии фаъолияти тиҷоратӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар равона гардида, барои рушди соҳаҳои калидӣ, аз ҷумла саноат, инфрасохтор ва сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам меорад» [13]. Инчунин, Пешвои миллат кайд намуданд: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар ин замина, ба сармоягузорон маҷмуи васеи кафолатҳо ва имтиёзҳо пешниҳод гардида, қисми назарраси онҳо ба соҳаҳои андоз ва гумрук равона шудаанд, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя мусоидат менамоянд» [1].

Вобаста бо гуфтаҳои дар боло овардашуда гузаронидани таҳлили назариявии мафҳумҳои имтиёзҳои гумрукӣ ва имтиёзҳои тарифиро зарур мешуморем.

Дар асоси натиҷаи таҳқиқоти олимони хориҷӣ хулоса намудан зарур аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз таъминкунандаи маҷмуи манфиатҳои молиявӣ ва ҳуқуқии давлат ба субъектҳои иқтисодӣ баҳисоб меравад.

Бинобар ин, имтиёзҳои гумрукиро нафақат барои паст намудани меъёри боҷҳои гумрукӣ баррасӣ кардан мумкин аст, балки як қатор сабукиҳоро низ дар бораи иҷрои талаботи қонунгузории гумрукӣ низ дар бар мегирад.

Ба андешаи М.Г. Беляев «расмиёти гумрукӣ дар механизми танзими муносибатҳои гумрукӣ ва татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ мавқеи марказӣ ва ҳалкунанда доранд. Маҳз тавассути интихоби расмиёти мушаххаси гумрукӣ шароит ва тартиби истифодаи имтиёзҳо, аз ҷумла озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ муайян карда мешаванд. Дар ин замина, имтиёзҳои гумрукӣ наметавонанд аз расмиёти гумрукӣ ҷудо баррасӣ гарданд, зеро ҳар як расмиёт хусусиятҳои ҳуқуқӣ, шартҳои татбиқ ва оқибатҳои ҳуқуқии худро дорад. Аз ин рӯ, доираи истифода ва самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бевосита аз намуди расмиёти интихобшуда вобаста буда, маҳз он имконияти истифодаи сабукиҳо ва афзалиятҳои пешбининамудаи қонунгузориро муайян месозад. Чунин вобастагии зич байни расмиёти гумрукӣ ва имтиёзҳои гумрукӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки расмиёти гумрукӣ на танҳо воситаи барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт мебошанд, балки ҳамчун механизми муҳими татбиқи сиёсати гумрукии давлат низ хизмат менамоянд. Дар натиҷа, интихоби дуруст ва асосноки расмиёти гумрукӣ барои таъмин намудани мувозинати манфиатҳои иқтисодии давлат, рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои гумрукӣ аҳамияти махсус касб менамояд» [32, с. 62].

Комиссаров Н.А. дар таҳқиқоти худ, чунин қайд мекунад, «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун истисно аз низоми умумии ситонидани пардохтҳои гумрукӣ танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ татбиқ гардида, хусусияти махсуси ҳуқуқӣ доранд. Онҳо ҳамчун воситаи амалисозии сиёсати иқтисодӣ

ва гумрукии давлат истифода шуда, тартиб ва шартҳои татбиқи онҳо аз ҷониби қонунгузорӣ ба таври қатъӣ муайян карда мешаванд» [148, с. 45].

Ба андешаи И.Т. Тарасов «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун афзалиятҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи давлат дар соҳаи ситонидани пардохтҳои гумрукӣ баромад намуда, татбиқи онҳо ба риояи шартҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста мебошад. Дар ин замина, имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо воситаи дастгирии иқтисодӣ, балки яке аз унсурҳои муҳими механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои гумрукӣ ба ҳисоб мераванд» [79, с. 78].

Ба ақидаи И.И. Кучеров «имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои молиявию ҳуқуқии танзими давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, тавассути онҳо давлат метавонад ба ҳаҷм ва самти фаъолияти иқтисодии субъектҳо таъсир расонад. Татбиқи чунин имтиёзҳо одатан ба кам намудани сарбории молиявии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста буда, барои ҳавасмандгардонии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, рушди истеҳсолот, ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат равона карда мешавад. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо унсури механизми ҳуқуқии танзими муносибатҳои гумрукӣ, балки яке аз воситаҳои муҳими сиёсати молиявӣ ва иқтисодии давлат низ ба шумор мераванд» [52, с. 312].

Стрелсов И.А. чунин қайд мекунад, «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз институтҳои махсуси ҳуқуқи гумрукӣ баромад намуда, дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои гумрукӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Моҳияти онҳо дар он ифода меёбад, ки тавассути муқаррар намудани шартҳо ва афзалиятҳои махсус барои гурӯҳҳои алоҳидаи субъектҳо ё категорияҳои муайяни молҳо, давлат имконияти фарқгузории тартиби интиқоли молҳоро тавассути сарҳади гумрукӣ таъмин менамояд. Ба ақидаи муаллиф, чунин тартиб барои татбиқи самараноки сиёсати гумрукӣ, дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат аҳамияти муҳим дорад. Ҳамзамон, имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ҳамчун воситаи танзими

муносибатҳои гумрукӣ, балки ҳамчун унсури муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ низ баромад намуда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла рушди иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоягузорӣ, дастгирии истеҳсолоти ватанӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалии иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ дар низоми ҳуқуқи гумрукӣ дорои аҳамияти натанҳо ҳуқуқӣ, балки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ мебошанд» [154, с. 204].

Ба андешаи С.В. Халипов «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаҳои махсуси ҳуқуқии танзими муносибатҳои гумрукӣ баромад намуда, ба фароҳам овардани шароити мусоид барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона карда шудаанд. Моҳияти чунин имтиёзҳо дар пурра ё қисман озод намудани молҳо аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин дар татбиқи тартиботи содагардонидашудаи барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукӣ ифода меёбад. Дар ин замина, имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ба коҳиш додани сарбории молиявии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунанд, балки ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии расмиёти гумрукӣ, суръат бахшидани гардиши молҳо ва рушди савдои байналмилалӣ низ хизмат менамоянд. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ яке аз унсурҳои муҳими сиёсати гумрукӣ ва иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, барои таъмини мувозинати манфиатҳои давлат ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аҳамияти муҳим доранд» [88, с. 247-249]. Баландбардории самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бо мақсади муҳайё сохтани шароити мусоид ба рушди тиҷорат ё дастгирии дигар ҳадафҳои муайяни иқтисодӣ ё иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад.

Майкл Л. таъкид мекунад, ки имтиёз дар ҳуқуқи гумрукии Иттиҳоди Аврупо воситаи қатъии ҳуқуқӣ мебошад, ки на «бо ихтиёр», балки дар асоси меъёрҳои Кодекси гумруки Иттиҳоди Аврупо ва ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дода мешавад.

Ба андешаи С.В. Халипов «имтиёзҳои гумрукӣ бо расмиётҳои махсуси гумрукӣ робитаи зич дошта, дар доираи онҳо имконияти истифодаи

тартиботи содагардонидашуда, мавқуфгузорӣ ё озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ пешбинӣ мегардад. Истифодаи чунин расмиётҳо ба коҳиш додани хароҷоти молиявӣ, самаранокии гардиши молҳо ва рушди савдои байналмилалӣ мусоидат менамояд» [88, с. 250-252].

Ба андешаи И.И. Кучеров, «имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими танзими давлатии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, тавассути онҳо давлат метавонад ба равандҳои савдои байналмилалӣ таъсир расонад ва барои рушди истеҳсолоти миллӣ ва таъмини мувозинати манфиатҳои иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам оварад» [52, с. 312].

Дар таҳқиқоти худ оид ба масъалаи «Tariff and Non-Tariff Barriers», Ҷексон Ҷ. таъкид менамояд, ки пас аз коҳиши назарраси тарифҳо дар доираи созишномаҳои бисёрҷонибаи тиҷоратӣ, аз ҷумла General Agreement on Tariffs and Trade ва минбаъд World Trade Organization, монеаҳои асосии савдои байналмилалӣ бештар ба шакли чораҳои ғайритарифӣ зоҳир мегарданд. Ба чунин чораҳо квотаҳо, иҷозатномаҳо (литсензияҳо), стандартҳои техникӣ ва расмиёти маъмурӣ дохил мешаванд, ки метавонанд таъсири маҳдудкунандаи ҷиддӣ ба гардиши молҳо дошта бошанд.

Олими дигар соҳа Ҷексон Ҷ. қайд мекунад, ки сабукиҳои тарифӣ, коҳиши меъёрҳои боҷҳо дар аввал воситаи асосии либерализатсияи тиҷорат буданд. Мутаасифона паст намудани тарифҳо худ аз худ ҳамаи монеаҳоро бартараф намекунад: аксари кишварҳо ба чораҳои ғайритарифӣ (non-tariff barriers, NTBs) ё «дастгоҳҳои мураккаб» (ingenious devices) барои ҳимояи бозорҳои дохилӣ такя мекунанд. Гузашта аз ин, Ҷексон Ҷ. нишон медиҳад, ки барои бисёр кишварҳо (хусусан кишварҳои рӯ ба инкишоф) паст кардани тарифҳо маънои кушодани пурраи бозорро надорад, дар баробари ин қонунгузории миллӣ, танзим, квотаҳо, субсидияҳо, танзими давлатии савдо нақши худро мебозанд.

Мавриди зикр аст, ки имтиёзҳои гумрукиро Созмони умумиҷаҳонии гумрук (WCO) чунин шарҳ медиҳад: «имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун шакли озодкунӣ аз пардохти боҷҳои воридотӣ ё содиротӣ ва андозҳо шарҳ медиҳад,

ки татбиқи онҳо ба риояи шартҳои муайяни муқаррарнамудаи қонунгузории миллӣ вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ баромад намуда, истифодаи онҳо танҳо дар доираи талаботи қонунгузорӣ имконпазир аст» [176].

Дар баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳои гумрукӣ дар чунин шакл оварда шудааст. «Тибқи моддаи 346 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои тарифии гумрукӣ ҳамчун маҷмуи имтиёзҳое муайян карда мешаванд, ки дар доираи татбиқи сиёсати тиҷоратии давлат бо тартиби яктарафа ё дар асоси муносибатҳои мутақобила нисбат ба молҳое, ки тавассути сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, пешниҳод мегарданд» [5]. Аз ин бармеояд, ки имтиёзҳои мазкур хусусияти ҳуқуқӣ дошта, ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии равандҳои иқтисодӣ ва танзими давлатии тиҷорати хориҷӣ истифода мешаванд.

Ҳамин тавр, «Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №670 аз 2020 сол «Дар бораи тартиби пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ», имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои рушди истеҳсолот, ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ татбиқ мегарданд. Аз мазмуни ин санад бармеояд, ки чунин имтиёзҳо ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ истифода шуда, ба ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ва таҳкими иқтидори сармоягузории кишвар равона карда шудаанд» [7].

Мувофики Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” «имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо ба сармоягузорон дар асоси тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пешниҳод мегарданд. Аз мазмуни қонун бармеояд, ки пешниҳоди чунин имтиёзҳо хусусияти ҳуқуқӣ дошта, татбиқи онҳо дар доираи механизмҳои муайянгардидаи давлатӣ сурат гирифта, ба таъмини шаффофият, баробарӣ ва ҳифзи манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ равона карда шудааст» [10].

«Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ нишон медиҳад, ки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт ба таври дифференсиалӣ тақсим гардидаанд. Дар ин замина, бештари имтиёзҳо ба соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ рост меоянд, дар ҳоле ки ба энергетика, нақлиёт, бахши молиявӣ, инчунин соҳаҳои тандурустӣ ва сайёҳӣ ҳаҷми муайяни имтиёзҳо пешбинӣ шудааст. Чунин тақсимоти соҳавӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар самти имтиёзҳо ба рушди бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла истеҳсолот ва кишоварзӣ, нигаронида шуда, ҳамзамон соҳаҳои хизматрасонӣ ва инфрасохторро низ фаро мегирад» [12].

Турсунов Х.М. чунин қайд мекунад: «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун маҷмӯи механизмҳои ҳуқуқию иқтисодӣ дар доираи татбиқи сиёсати тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, метавонанд бо тартиби якторафа ё дар асоси муносибатҳои мутақобила нисбат ба молҳое, ки аз сарҳади гумрукӣ интиқол дода мешаванд, татбиқ гарданд. Дар ин замина, имтиёзҳои гумрукӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, кам кардани меъёри онҳо, баргардонидани боҷҳои қаблан пардохташуда, инчунин муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридот ё содироти имтиёзноки молҳо ифода меёбанд» [80, с. 124].

Олими ватанӣ Ашурзода Ш.М. чунин қайд менамояд: «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими иқтисодӣ баромад намуда, метавонанд ба коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ, беҳтар гардидани вазъи молиявии корхонаҳо, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо мусоидат намоянд. Дар натиҷа, чунин механизмҳо аҳамияти имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун омили муҳими таъсиргузор ба рушди устувори иқтисоди миллӣ ва самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ тақвият медиҳанд» [23, с. 87].

Ҳамин тавр, равишҳои гуногуни назариявӣ оид ба тавсифи имтиёзҳои гумрукӣ дар ҷадвал ҷамъоварӣ карда шудааст (ҷадвали 1.1.1).

Ҷадвали 1.1.1. - Равишҳои назариявӣ оид ба тавсифи имтиёзҳои гумрукӣ

Муаллифони назарияҳо	Тавсифи асосии имтиёзҳои гумрукӣ
Беляев М.И.	Имтиёзҳои гумрукӣ бевосита бо интихоби расмиёти гумрукӣ алоқаманданд, зеро ин тартиб доираи асосҳоро барои озод кардан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ муайян мекунад
Комиссаров А.А.	Имтиёзҳои гумрукӣ - истисноҳо аз низоми умумии ситонидани пардохтҳои гумрукӣ мебошанд ва танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун иҷозат дода мешаванд
Кучеров И.И.	Имтиёзҳои гумрукӣ, механизми молиявию ҳуқуқӣ мебошад, ки ба кам кардани пардохтҳои ҳатмӣ ҳангоми воридот ё содироти молҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии намудҳои муайяни фаъолияти иқтисодӣ равона карда шудааст
Стрелсов И.А.	Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун як ниҳоди махсуси ҳуқуқи гумрукӣ баррасӣ карда мешаванд, ки фарқияти шароити интиқоли молро таъмин мекунад ва манфиатҳои иқтисодии давлатро амалӣ мекунад
Тарасов И.Т.	Имтиёзҳои гумрукӣ, ин афзалиятҳои муқаррарнамудаи давлат оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ мебошанд, ки ҳангоми риояи шартҳои муқаррарнамудаи субъектҳо дода мешаванд
Майкл Л.	Имтиёзҳои гумрукӣ ин механизмҳои ҳуқуқие, ки молҳоро аз пардохти боҷ озод мекунанд ё истифодаи расмиёти гумрукиро сабук мекунанд
Ҷексон Ҷ.	Имтиёзҳои гумрукӣ ва имтиёзҳои тарифӣ воситаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо ҳукумат тиҷорати байналмилалиро танзим мекунанд ва гаронии андозро барои молҳо ё соҳаҳои муайян ба таври интихобӣ коҳиш медиҳанд
Вулф Л. ва Дж. Сокол	Имтиёзҳои гумрукӣ ба режимҳои гумрукӣ дахл доранд, ки тибқи онҳо молҳо бо боздоштани пардохти боҷҳо то содироти такрори ворид карда мешаванд. Чунин озодкунӣ аз пардохти боҷҳо метавонад ҳангоми воридоти муваққатӣ барои коркард дар қаламрави гумрукӣ, истеҳсол таҳти назорати гумрукӣ, дар минтақаҳои коркарди содирот, ҳангоми воридоти муваққатӣ барои реэкспорт дар ҳамон давлат, ҳангоми анборкунии гумрукӣ ва транзит дода шавад
Турсунов Х.М.	Имтиёзҳои гумрукӣ чунин имтиёзе фаҳмида мешавад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати тиҷоратии ҶТ бо тартиби яктарафа шартҳои муносибатҳои мутақобила ё нисбати моли аз сарҳади гумрукии ҶТ интиқолшаванда, баргардонидани боҷи қаблан пардохташуда, озод кардан аз пардохти боҷи гумрукӣ, кам кардани меъёри боҷи гумрукӣ, муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) имтиёзноки мол пешниҳод карда мешавад
Ашурзода Ш.М.	Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба кам шудани хароҷоти истеҳсолӣ, беҳтар шудани вазъи молиявии корхонаҳо, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва бартариҳои рақобатӣ мусоидат кунанд
Ҷураев Ш.Н. (муаллиф)	Имтиёзҳои гумрукӣ, ин озодкунӣ ё кам кардани пардохтҳо ва расмиёти гумрукӣ мебошанд, ки давлат ба шахсони алоҳида, ташкилотҳо ё намудҳои молҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, дастгирии соҳаҳои муайян ё сода кардани савдо медиҳад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [33, 148, 51, 154, 79, 170, 168, 56, 124, 24]

Дар ҷадвали 1.1.1 андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, инчунин мавқеи муаллиф вобаста ба шарҳи мафҳум ва хусусиятҳои имтиёзҳои гумрукӣ ба низом дароварда шудаанд. Таҳлили андешаҳои пешниҳодгардида имкон медиҳад, ки хусусиятҳои асосии ин мафҳум муайян ва гуногунҷабҳаи нишонаҳои хоси имтиёзҳои гумрукӣ ошкор карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки танҳо дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзи тарифӣ муқаррар карда мешаванд.

Мафҳумҳои «имтиёзи гумрукӣ» ва «имтиёзи тарифӣ»-ро мазмунан бояд аз ҳам фарқ кард. Имтиёзҳои гумрукӣ маънои ҳама гуна озодкунӣ тибқи қоидаҳои муқаррар намудаи қонунгузории гумрукӣ (озодкунӣ аз барасмиятдарории гумрукӣ, назорати гумрукӣ ва ғайра), аз ҷумла озодкунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ мебошад, ки он ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ инчунин андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, хизматрасониҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмие, ки ҳангоми интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ ситонида мешаванд, дар бар мегирад.

Дар таҳқиқоти худ Валиев Н.Ш. чунин дарҷ менамояд, «барои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои асосии он, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳибкории хусусӣ тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар низоми андозбандии фоида, арзиши иловашуда, пардохти боҷу хироҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий дар давраи муайян нисбати санҷишҳои зиёди фаъолияти муваффақонаи субъектҳои соҳибкорӣ ва аз байн бурдани дигар монеаҳои мавҷуда ба қатори чораҳои муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб мешаванд» [137, с. 61].

Имтиёзҳои тарифӣ бошад, маънои андозбандии имтиёзнокро вобаста ба озод шудан аз ситонидани боҷҳои гумрукӣ, ки меъёри он дар тарифи гумрукӣ муайян карда шудааст, мебошад. Аз ин рӯ, чунин озодкунии ситонидани боҷи гумрукӣ номи имтиёзи тарифиро гирифтааст.

Тибқи моддаи 346 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, «имтиёзҳои тарифии гумрукӣ ҳамчун маҷмӯи афзалиятҳое муайян карда мешаванд, ки дар доираи сиёсати тиҷоратии давлат бо тартиби яктарафа ё дар асоси муносибатҳои мутақобила нисбат ба молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда татбиқ мегарданд. Дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки чунин имтиёзҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла озодкунӣ аз боҷ, кам кардани меъёр, баргардонидани пардохтҳо ва муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ ифода ёбанд» [5].

Ҳамин тавр, мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» нисбат ба «имтиёзҳои тарифӣ» маънои васеътар дорад. Он тамоми намудҳои сабукиҳо ва бартариҳоеро дар бар мегирад, ки дар доираи фаъолияти гумрукӣ мутобиқи талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки чунин молҳои дорои имтиёз будаи аз қаламрави гумрукии ИДМ содиршаванда аз назорати гумрукӣ, баррасмиятдарории гумрукӣ ва ғайра озод нестанд ва ё маънои онро надорад, ки ҳамаи моли барориши ин кишварҳо, аз ҳама гуна пардохтҳои гумрукӣ озод мебошанд.

Ба андешаи А.А. Мигел «имтиёзҳои тарифӣ яке аз воситаҳои асосии коҳиш додани сарбории боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ба ҳисоб рафта, тавассути онҳо хароҷоти молиявии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ кам карда мешавад. Истифодаи чунин имтиёзҳо ба афзоиши ҳаҷми гардиши мол, баланд шудани самаранокии фаъолияти гумрукӣ ва беҳтар гардидани ҷолибияти сармоягузории кишвар мусоидат менамояд» [60, с. 96].

Ба андешаи Т.О. Алексеева «имтиёзҳои тарифӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ЕАЭС) ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ баромад намуда, ба танзими савдои хориҷӣ, ҳавасмандгардонии равандҳои воридот ва содирот ва коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ равона карда шудаанд. Истифодаи чунин механизмҳо ба беҳтар гардидани шароити фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва тақвияти равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат менамояд» [96, с. 58].

Ба андешаи А.П. Манушина «имтиёзҳои тарифӣ ҳамчун унсури муҳими сиёсати ҳамгироии иқтисодӣ баромад намуда, ба кишварҳои иштирокчӣ имконият медиҳанд, ки рақобатпазирии худро дар бозорҳои хориҷӣ баланд бардоранд ва хароҷоти вобаста ба амалиёти воридот ва содиротро коҳиш диҳанд. Ин раванд ба густариши ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва тақвияти ҳамгироии минтақавӣ мусоидат менамояд» [59, с. 73].

Ҳамзамон, ба андешаи Е.Б. Дробот «истифодаи васеи имтиёзҳои тарифӣ метавонад ба даромадҳои буҷети давлатӣ таъсири манфӣ расонад, зеро дар ҳолати додани имтиёзҳои аз ҳад зиёд коҳишёбии воридоти молиявӣ ба буҷет

ба миён меояд. Аз ин рӯ, зарурати мувозинати байни ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодӣ ва таъмини устувории молиявии давлат ба миён меояд» [43, с. 102].

Муқаррарсозии моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ ва мафҳуми он асосан ба якчанд асосҳои назариявӣ такя мекунад, ки ҳар яке аз онҳо барои муайян намудани мақсад ва аҳамияти чунин имтиёзҳо нақши муҳим мебозанд.

Роҳандозӣ намудани имтиёзҳои гумрукӣ сараввал барои рушди молистеҳсолкунандагони дохилӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, ҳамзамон ҷиҳати паст намудани арзиши ашёи хом, таҷҳизот ва дигар молҳои барои истеҳсолот зарурӣ ба корхонаҳои миллӣ имконият медиҳад, ки маҳсулоти дорои сифати баланд ва рақобатпазир истеҳсол намоянд. Илова бар ин, имтиёзҳои мазкур метавонанд ба густариши муносибатҳои савдои байналмилалӣ мусоидат кунанд. Онҳо ба истеҳсолкунандагони ватанӣ шароит фароҳам меоранд, ки маҳсулоти худро дар бозорҳои хориҷӣ бо имкониятҳои бештари рақобаткунанда пешниҳод намоянд. Дар натиҷа, татбиқи босамари имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, фаъолшавии иқтисоди маҳаллӣ ва афзоиши устувори иқтидори содиротии кишвар замина гузорад.

Дуюм, назарияи ҳифзи саноати дохилӣ имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун яке аз воситаҳои муҳофизати истеҳсолоти миллӣ аз рақобати шадиди хориҷӣ шарҳ медиҳад. Дар доираи ин равиш, давлат метавонад бо пешниҳоди сабукиҳои гумрукӣ барои воридоти ашёи хом, таҷҳизот ва дигар воситаҳое, ки барои рушди соҳаҳои ватанӣ аҳаммияти стратегӣ доранд, ба таҳкими иқтидори истеҳсолии миллӣ мусоидат намояд. Дар айни замон, чунин сиёсат метавонад бо тадбирҳои дигари танзимӣ, аз ҷумла бо афзоиши боҷҳои гумрукӣ нисбат ба баъзе молҳои воридотӣ, дастгирӣ карда шавад, то ки бозори дохилӣ аз таъсири манфии рақобати аз меъёр зиёди хориҷӣ ҳифз гардад.

Аз ин лиҳоз, имтиёзҳои гумрукӣ барои таҳкими саноати дохилӣ аҳаммияти ҷиддӣ доранд. Ҷиҳати самаранок истифода намудани захираҳои

молиявии худ ба корхонаҳои миллӣ имконият медиҳад, ки истеҳсолоти худро ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ намуда, барои ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, яке аз натиҷаҳои муҳими татбиқи чунин имтиёзҳо коҳиш додани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти маҳсулоти тайёр мебошад. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ дар доираи назарияи ҳифзи саноати дохилӣ бояд ҳамчун воситаи муваққатии дастгирии давлатӣ истифода шаванд.

Сеюм, назарияи рағбатнокии содирот имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии содироти миллӣ арзёбӣ мекунад. Мувофиқи ин назария, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи дастгирии фаъолияти содиротӣ истифода мешаванд. Яке аз ҳадафҳои асосии онҳо паст кардани хароҷоти корхонаҳои содиркунанда ва баланд бардоштани қобилияти рақобатии маҳсулоти миллӣ дар бозори хориҷӣ мебошад. Ҳамзамон, чунин тадбирҳо метавонанд ба ворид шудани даромади асъорӣ ба кишвар мусоидат намоянд. Бо истифода аз сабукиҳои гумрукӣ, корхонаҳо метавонанд маҳсулоти худро бо хароҷоти камтар ба бозорҳои байналмилалӣ бароварда, мавқеи худро дар савдои хориҷӣ беҳтар намоянд. Мавриди зикр аст, ки ҷори намудани чунин имтиёзҳо сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ низ ҷалб намуда, дар натиҷаи муҳайё намудани шароити сабукиҳои гумрукӣ имконияти ба даст овардани фоидаи бештар ва васеъ намудани истеҳсолот афзоиш меёбад. Ҳамин тавр, имтиёзҳои гумрукӣ дар асоси назарияи ҳавасмандгардонии содирот метавонанд ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ замина фароҳам созанд.

Дар доираи ин равиш, имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд дар асоси созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба, инчунин дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии тиҷоратӣ муқаррар карда шаванд. Мақсад асосии ҷори намудани чунин имтиёзҳо фароҳам овардани шароити мусоид барои воридоту содироти молу воситаҳои нақлиёт

буда, таъминкунандаи рушди фаъолияти савдои хориҷӣ ва таҳкими муносибатҳои муштараки иқтисодию сиёсии кишварҳо мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ дар ин замина чанд вазифаи муҳимро иҷро менамоянд. Пеш аз ҳама, коҳиш додани монеаҳои гумрукӣ ба рушди савдои байни давлатҳо мусоидат намуда, метавонад ҳаҷми тиҷорати дуҷониба ва бисёрҷонибаро зиёд намояд. Илова бар ин, содатар шудани дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, чунин созишҳо танҳо ба масъалаҳои гумрукӣ маҳдуд намешаванд, балки қисми муҳими сиёсати тиҷорати байналмилалии давлат мебошанд.

Панҷум, назарияи идоракунии гумрукӣ имтиёзҳоро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрукӣ арзёбӣ менамояд. Аз мавқеи ин назария, сабук кардани баъзе тартибот ва пардохтҳои гумрукӣ, содасозии расмиёти барасмиятдарорӣ ва коҳиш додани сарбории маъмурӣ метавонанд ба беҳтар гардидани фаъолияти низоми гумрукӣ мусоидат кунанд. Дар заминаи ин равиш, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун унсури сиёсати модернизатсияи идоракунии гумрукӣ баррасӣ мешаванд, ки ҳадафи он кам намудани монеаҳои бюрократӣ, сарфаи вақт ва захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият мебошад.

Дар доираи ҳамин назария, аҳаммияти махсус ба содасозии равандҳои гумрукӣ дода мешавад. Ин содасозӣ метавонад дар шакли тақдиди расмиёти маъмурӣ, кам намудани марҳилаҳои нолозим, ҷорӣ кардани механизми «як равзана» ва ҳамоҳангсозии ҳуҷҷатгузорӣ амалӣ гардад. Ҳамзамон, автоматикунонӣ ва рақамикунонии равандҳои гумрукӣ ҳамчун шарти муҳими баланд бардоштани самаранокии идоракунии гумрукӣ баромад мекунанд. Истифодаи низомҳои рақамӣ, мубодилаи электронии маълумот ва ҳамгироии байниидоравӣ имконият медиҳад, ки муҳлати барасмиятдарорӣ коҳиш ёфта, сатҳи хароҷоти маъмурӣ паст гардад. Ба ин баробар, сабуксозии сохтори пардохтҳои гумрукӣ ва истифодаи низоми имтиёзнок нисбат ба субъектҳое, ки талаботи гумрукиро бо тартиби муқарраршуда иҷро

менамоянд, ба баланд шудани интизоми ҳуқуқӣ ва беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ мусоидат мекунад. Дар чунин шароит, идоракунии хавфҳо низ аҳаммияти хос касб менамояд, зеро он имкон медиҳад, ки санҷишҳои иловагӣ танҳо ба интиқолҳои дорои хавфи баланд равона шуда, барои субъектҳои боэътимод шароити содатар фароҳам оварда шавад. Ҳамкории самараноки мақомоти гумрук бо бахши хусусӣ барои беҳтар намудани фаъолияти гумрукӣ аҳамияти муҳим дорад. Чунин ҳамкорӣ метавонад сатҳи эътимоди байни ҷонибҳоро зиёд карда, харочоти вобаста ба амалиёти тиҷоратиро коҳиш диҳад. Дар натиҷа, самаранокии фаъолияти низоми гумрукӣ низ баланд мегардад.

Таҳлили назарияҳои асосии илмӣ нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ як падидаи бисёрҷанба ва мураккаби ҳуқуқию иқтисодӣ мебошанд. Маҳз ҳамин гуногунсамтӣ ва фарогирии функсионалии имтиёзҳои гумрукӣ зарурати омӯзиши амиқи назариявӣ ва такмили доимии механизмҳои ҳуқуқии татбиқи онҳоро ба миён меорад.

Амалӣ намудани ин принсипҳо барои фароҳам овардани муҳити мусоиди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ замина мегузорад. Дар баробари ин, самаранокии кори мақомоти гумрук беҳтар шуда, барои густариши муносибатҳои савдои байналмилалӣ шароити бештари мусоид ба вуҷуд меояд. Ин раванд дар умум метавонад ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат расонад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи равишҳои назариявии омӯзиши имтиёзҳои гумрукӣ ва хусусияти онҳо муайян гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ ба маҷмуи сабукиҳо ва тахфифҳое ишора намуда, аз ҷониби давлат бо мақсади зиёд намудани фаъолияти содирот ва воридоти молҳо мусоидат мекунад.

1.2. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ

Асосан «ду самти асосии сиёсати савдои хориҷӣ - сиёсати протексионистӣ ва сиёсати савдои озод (фритредерӣ) - дар низоми танзими

гумрукӣ ташаккул ёфтаанд. Сиёсати протексионистӣ асосан ба ҳифз ва рушди истеҳсолоти ватанӣ равона гардида, тавассути муқаррар намудани меъёрҳои баланди тарифӣ нисбат ба молҳои воридотӣ шароити мусоиди рақобатиро барои истеҳсолкунандагони дохилӣ фароҳам меорад. Дар муқобил, сиёсати савдои озод ба коҳиши монеаҳои гумрукӣ ва ҳавасмандгардонии воридоти молҳои хориҷӣ нигаронида шуда, дар доираи он меъёрҳои пасти боҷҳои гумрукӣ татбиқ мегарданд, ки ба либерализатсияи савдо ва ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат менамояд» [161, с. 76].

Ҳамзамон, имтиёзҳои гумрукӣ «метавонанд ҳам ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии воридот ва содироти молҳои алоҳида ва ҳам ҳамчун механизми иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлат истифода шаванд. Дар ин замина, татбиқи меъёрҳои паст ё сифрии боҷҳои гумрукӣ нисбат ба молҳои воридшаванда аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ аҳамияти махсус дошта, имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи ҳам иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқии танзими савдои байналмилалӣ нишон медиҳад» [112, с. 112]. Илова бар ин, «дар амал, имтиёзҳои гумрукӣ бештар дар ҳудудҳои дорои мақоми махсуси иқтисодӣ татбиқ мегарданд, зеро чунин минтақаҳо бо истифодаи механизми имтиёзҳо ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолот ва содагардонии равандҳои савдои хориҷиро таъмин намуда, муҳити мусоиди иқтисодӣ фароҳам меоранд» [123, с. 67].

Ба андешаи Орлова Е.Н.: «танзими фаъолияти савдои хориҷӣ тавассути имтиёзҳо яке аз самтҳои муҳимтарини танзими гумрукӣ мебошад, зеро некӯаҳволии давлат на танҳо аз вазъи дохилии иқтисодиёт, балки аз сатҳи рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки бевосита ба рушди он мусоидат мекунад, муайян карда мешавад. Аз нуқтаи назари равишҳо ба танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд қайд кард, ки дар амалияи хориҷӣ равишҳои протексионистӣ ва фритредерӣ (савдои озод) ташаккул ёфтаанд. Равиши якум муқаррар кардани меъёрҳои баландро ба молҳои воридотӣ пешбинӣ мекунад, ки тавассути он барои рушди истеҳсолоти ватанӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Дар равиши дуюм, баръакс, меъёрҳои

пастшудаи боҷхои воридотӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии воридоти молҳои хориҷӣ муқаррар карда мешаванд» [115, с. 135].

Ҳамитов М.С. ва Ҳакимзода А. чунин қайд мекунанд: «...ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо ва боҷхои гумрукӣ ситонида намешавад, ба истиснои хироҷи барасмиятдарории гумрукӣ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодидошта. Ҳангоми интиқоли мол аз ҳудуди МОИ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд, андоз аз арзиши иловашуда аз тарафи харидор пардохт карда мешавад» [130, с. 12-18].


Муҳақиқони дигари ватанӣ Ашурзода Ш.М., Саидзода Ф.М. чунин дарҷ менамоянд: «Ҳукумат дар замони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ намудаанд. Ин сабукиҳо то ба имрӯз зиёда аз 120 намудро ташкил менамояд» [24, с. 115-122].

Турсунов Х.М. чунин дарҷ мекунад, «....умуман, аз натиҷаи таҳлил чунин бар меояд, ки имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ хислати мусбӣ дошта, аз ҳисоби татбиқи онҳо дар давраи таҳлилӣ нишондиҳандаҳои самаранокии рушди иқтисодии он тамоюли болоравиро дар бар гирифтаанд. Воқеан дуруст аст, ки новобаста аз он ки татбиқи имтиёзҳои андозиву гумрукӣ хароҷоти буҷети давлатӣ маҳсуб меёбад, дар навбати худ боздеҳии он барои зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ дар солҳои минбаъда заминагузор мебошад» [124, с. 495-502].

Илова бар ин, Намозализода Ш.Н. дар таҳқиқоти қайд менамояд, «дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ таҳкими механизми ҳавасмандгардонии соҳаҳои мухталиф, тақвият додани саҳми бахши хусусӣ ва истифодаи таҷрибаи муосири байналмилалӣ нақши муассир дорад. Имтиёзҳо ва сабукиҳои пешбинишудаи андозӣ ба беҳтаргардонии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ нигаронида шуда бошад, аз ҷониби дигар хароҷоти андозӣ эътироф гардида, дар сурати ғайримақсаднок истифода шудан, бинобар маҳдудияти сарчашмаҳои

андозбандӣ ва дар ин радиф бавуҷудоии мушкилоти молиявӣ дар тавозуни буҷети давлатӣ сарбории иловагиро эҷод менамояд» [113, с. 254-261].

Таҳлили таҷрибаи амалии татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ нишон медиҳад, ки онҳо метавонанд аз рӯйи як қатор меъёрҳо гурӯҳбандӣ карда шаванд. Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ дар расми 1.2.1. оварда шудааст.



Расми 1.2.1. - Таснифи меъёрҳои гурӯҳбандии имтиёзҳои гумрукӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [88, с. 110]

Чунин тасниф имконият медиҳад, ки сиёсати гумрукӣ ба таври системавӣ ва самаранок амалӣ карда шавад.

Ҳамзамон, Раҷабов Р.К., Раҷабова Н.Р. чунин дарҷ менамоянд, «рушди кунунии расмиёти декларатсиякунонии гумрукии электронӣ имкон медиҳад, ки технологияи бақайдгирии автоматӣ ва додани декларатсияи мол бидуни иштироки шахси мансабдори гумрук, инчунин татбиқи маълумоти ҳатмии пешакӣ доир ба молҳо ва воситаи нақлиёт, инчунин технологияи бақайдгирӣ

ва додани ДГЭ, истифодаи технологияи пардохти фаврии боҷҳои гумрукӣ оғоз карда шавад. Декларатсияи гумрукии электронӣ тартиби ояндаи муваффақ ва пешрафта мебошад, аз ин рӯ ҷорӣ ва татбиқи самтҳои асосии такмили он дар шароити муосири рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида мешавад» [119, с. 22-28].

Ба андешаи С.В. Халипов, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун истисно аз низоми умумии танзими гумрукӣ баромад намуда, татбиқи онҳо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ имконпазир мебошад» [88, с. 156]. Дар ҳоле, ки «А.А. Артемев таъкид менамояд, ки имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд тамоми унсурҳои раванди гумрукӣ, аз ҷумла пардохтҳои гумрукӣ, тартиби барасмиятдарорӣ ва назорати гумрукиро фаро гиранд» [29, с. 98]. Дар навбати худ, Л.И. Гончаренко «имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун воситаи танзими молиявию иқтисодӣ арзёбӣ намуда, ба нақши онҳо дар коҳиш додани сарбории молиявии субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ишора мекунад» [47, с. 203].


Ҳамзамон, О.Ю. Бакаева бар он назар аст, ки «имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд тамоми марҳилаҳои фаъолияти гумрукиро фаро гирифта, ҳамчун унсури муҳими механизми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ баромад намоянд» [30, с. 174].

Кочубей И.С. «имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун шакли афзалиятҳои ҳуқуқӣ шарҳ дода, истифодаи онҳоро бо ҳадафҳои сиёсати давлатӣ ва уҳдадориҳои байналмилалӣ вобаста медонад» [112, с. 112].

Дар Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё мафҳуми имтиёзҳои гумрукӣ чунин шарҳ дода шуд: «ҳамчун имтиёзҳо оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ тавассути интиқоли бевоситаи намудҳои пардохтҳои мавҷуда оварда шудааст: имтиёзҳо оид ба пардохти боҷи воридотӣ, содиротӣ, андозҳо, инчунин боҷҳои гумрукӣ» [6].

Ҳамин тавр, вобаста ба самти татбиқ ва соҳаи танзими гумрукӣ, имтиёзҳои гумрукиро метавон ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намуд. Меъёри асосии чунин тасниф муайян намудани он мебошад, ки истисноҳои

сабуккунанда дар кадом марҳила ва самти фаъолияти гумрукӣ татбиқ мегарданд. Аз ин нуқтаи назар, имтиёзҳои гумрукӣ ба ду гурӯҳи асосӣ, якум - имтиёзҳои дорои хусусияти молиявӣ ва дуюм, имтиёзҳои дорои хусусияти маъмурӣ тақсим мешаванд. Ба гурӯҳи аввал имтиёзҳое дохил мегарданд, ки бевосита ба пардохтҳои гумрукӣ ва тартиби иҷрои ӯҳдадориҳои молиявӣ вобаста мебошанд. Гурӯҳи дуюм бошад, имтиёзҳоеро фаро мегирад, ки ба содагардонии расмиёти гумрукӣ, амалиёти гумрукӣ ва назорати гумрукӣ равона шудаанд (Расми 1.2.2).



Расми 1.2.2. - Намудҳои имтиёзҳои гумрукӣ.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [115, с. 136]

Имтиёзҳое, ки ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ алоқаманд мебошанд, вобаста ба хусусият ва навъи пардохти дахлдор ба якчанд гурӯҳ ҷудо карда мешаванд. Чунин тасниф имкон медиҳад, ки самтҳои асосии сабукӣ дар

низоми пардохтҳои гумрукӣ мушаххас гардида, таъсири онҳо ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян карда шавад:

- ба гурӯҳи аввал имтиёзҳои тарифӣ ва преференсияҳои гумрукӣ дохил мешаванд, ки ба пардохти боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ вобаста мебошанд. «Онҳо метавонанд дар шакли озодкунӣ аз пардохти боҷ, паст кардани меъёри боҷ, муқаррар кардани квотаҳои тарифӣ барои воридоти (содироти) афзалиятноки мол пешниҳод карда шаванд. Инчунин дар адабиёти илмӣ имконияти тағйир додани муҳлати пардохти боҷҳо дар баъзе ҳолатҳо, инчунин баргардонидани боҷи қаблан пардохтшуда ҳамчун имтиёз баррасӣ карда мешавад» [15];
- гурӯҳи дуюмро имтиёзҳои вобаста ба пардохтҳои андозӣ ташкил медиҳанд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, сабукиҳо вобаста ба пардохти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ва андози аксизӣ мансуб мебошанд. Моҳияти чунин имтиёзҳо дар коҳиш ё бартараф намудани уҳдадории андозии субъектҳои дахлдор ҳангоми анҷом додани амалиёти муайяни воридотӣ ё содиротӣ ифода меёбад;
- гурӯҳи сеюм имтиёзҳо вобаста ба пардохти хизматрасониҳои гумрукӣ дохил мешаванд. Ин гурӯҳ сабукиҳоеро дар бар мегирад, ки ҳангоми анҷом додани амалиёти гумрукӣ, нигоҳдории молҳо ва воситаҳои нақлиёт, инчунин ҳангоми ҳамроҳии гумрукӣ татбиқ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, таснифи имтиёзҳо аз рӯйи намудҳои пардохт имкон медиҳад, ки хусусиятҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҳар як шакли сабукии гумрукӣ ба таври алоҳида муайян карда шуда, нақши онҳо дар танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ арзёбӣ карда шавад.

Як гурӯҳ муқақиқони тоҷик чунин қайд мекунанд, «саҳми имтиёзҳои тарифии гумрукӣ дар умум ба ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ нақши калидӣ дорад. Аз он ҷумла, ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар нигаронида шуда, ба вусъат бахшидани иқтидори содиротии мамлакат ва ҷалби бештари сармоягузории дохилию хориҷӣ дар кишвар боис мегардад» [129, с. 148].

Дар таҳқиқоти худ Раҳмонов Д.Р. қайд мекунад, «имтиёзҳои тарифию андозӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ҳавасмандгардонии сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳисоб меравад» [118, с. 112].

Валиев Н.Ш. дар кори илмии худ чунин қайд менамояд, «байни воҳидҳои муҳити беруна ва дохилаи соҳибкории хурд ва инфиродӣ иртиботе вуҷуд дорад, ки онҳо бояд ҳангоми коркарди механизми ташаккулёбии муҳити мусбии соҳибкорӣ барои соҳибкории хурд ва инфиродӣ бояд ба эътибор гирифта шаванд. Ҳангоми пайдо шудани хавфу хатарҳои умумииқтисодӣ (буҳрони иқтисодӣ, монеаҳои беасоси иқтисодӣ - баланд бардоштани боҷу хироҷҳои гумрукӣ, андозҳо, муҷозотҳои иқтисодӣ ва ғ) назорати беасоси сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкории хурд ва инфиродӣ, бешубҳа халалдор мешавад ва натиҷаи фаъолияти хоҷагиашон торафт рӯ ба мушкилоти иқтисодӣ - молиявӣ меорад ва ҳамаи ин боиси қатъ шудани фаъолияти онҳо мегардад, ки имрӯз хеле зиёд мушоҳида мешавад» [137, с. 110].

Асосҳои пешниҳоди имтиёзҳои тарифӣ хусусияти гуногун дошта, муайян намудани ҳуқуқ ба истифодаи онҳо метавонад ба як қатор меъёрҳо ва ҳолатҳои мушаххас вобаста бошад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама, хусусияти мол, мақсади воридоти он, арзиши гумрукӣ ва расмиёти гумрукии интихобшуда ба назар гирифта мешаванд. Аз ин лиҳоз, омилҳои асосии муайянкунандаи пешниҳоди имтиёзҳои тарифиро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ намуд:

- категория ва хусусияти мол. Яке аз асосҳои пешниҳоди имтиёзҳои тарифӣ метавонад ба навъи мол ва аҳамияти он барои иқтисоди миллӣ вобаста бошад. Масалан, нисбат ба таҷҳизоте, ки дар дохили кишвар истеҳсол намешавад ва маҳсулоти ҳаммонанди он аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватанӣ пешниҳод намегардад, инчунин нисбат ба баъзе намудҳои асарҳои санъат ва дигар молҳои дорои хусусияти махсус, метавонанд сабукиҳои тарифӣ пешбинӣ карда шаванд;


- мақсади ворид намудани мол. Ҳангоми муайян намудани имконияти истифодаи имтиёз мақсади воридоти мол низ аҳамияти муҳим дорад. Аз ҷумла, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ молҳое, ки аз ҷониби муассисони хориҷӣ ҳамчун саҳм ба сармояи оинномавии ташкилот ворид карда мешаванд, метавонанд аз пардохти баъзе намудҳои пардохтҳои гумрукӣ озод карда шаванд;
- арзиши моли воридотӣ. Дар ҳолатҳои муайян ҳаҷми арзиши гумрукии мол низ метавонад ҳамчун меъёри татбиқи сабукии тарифӣ баромад намояд. Масалан, мутобиқи меъёрҳои дахлдори Кодекси гумрукии ИИАО, ҳангоми татбиқи расмиёти воридоти муваққатӣ ё бароориш барои истеъмоли дохилӣ нисбат ба молҳое, ки арзиши гумрукиашон аз ҳадди муқарраргардида зиёд нест ва ба суроғаи як қабулкунанда аз ҷониби як шахси фиристанда дар доираи як ҳуҷҷати нақлиётӣ ворид карда мешаванд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ пардохти боҷҳои гумрукӣ талаб карда намешавад [6];
- расмиёти гумрукии интихобшуда. Намуди расмиёти гумрукие, ки мол таҳти он ҷойгир карда мешавад, инчунин метавонад ба тартиб ва имконияти истифодаи имтиёзҳои тарифӣ таъсир расонад. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии ҳуқуқи субъект ба имтиёзи гумрукӣ бояд на танҳо хусусиятҳои мол, балки мақоми ҳуқуқии он дар доираи расмиёти интихобшуда низ ба назар гирифта шавад.

Дар баробари имтиёзҳои тарифӣ, дар низоми танзими гумрукӣ имтиёзҳо вобаста ба анҷом додани амалиёти гумрукӣ низ мавқеи муҳим доранд. Моҳияти чунин имтиёзҳо бештар дар сода намудани расмиёти марбут ба ҷойгиркунии мол таҳти расмиёти гумрукӣ ифода меёбад. Онҳо метавонанд ба коҳиш додани муҳлати анҷом додани амалиёти гумрукӣ, кам намудани ҳаҷми ҳуҷҷатҳо ва маълумоти пешниҳодшаванда, инчунин сода намудани тартиби гузаронидани расмиёти дахлдор равона карда шаванд.

Дар натиҷа, истифодаи чунин шакли сабукиҳои гумрукӣ ба коҳиш ёфтани вақти барои гузаронидани амалиёти гумрукӣ зарурӣ ва паст

гардидани харочоти иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат менамояд. Аз ин ҷиҳат, имтиёзҳои марбут ба амалиёти гумрукӣ на танҳо воситаи содакунии расмиёти маъмурӣ, балки яке аз омилҳои беҳтар намудани муҳити фаъолияти соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар расми 1.2.3. рӯйхати намудҳои имтиёзҳо доир ба амалиёти гумрукӣ оварда шудааст.



Расми 1.2.3. - Таснифи имтиёзҳо вобаста ба амалиёти гумрукӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [7]

Дар доираи имтиёзҳои дорои хусусияти маъмурӣ метавон инчунин сабукиҳоеро ҷудо намуд, ки ба озод намудани молҳо ё категорияҳои муайяни объектҳо аз баъзе шаклҳои назорати гумрукӣ вобаста мебошанд. Моҳияти чунин имтиёзҳо дар сода ё маҳдуд намудани татбиқи чораҳои назоратии гумрукӣ нисбат ба ҳолатҳои махсуси пешбининамудаи қонунгузорӣ ифода

меёбад. Имтиёзҳои марбут ба назорати гумрукӣ, пеш аз ҳама, ба тартиби анҷом додани чораҳои санҷишӣ ва тафтишотӣ алоқаманд буда, ҳадафи онҳо фароҳам овардани шароити содакардашуда барои ҳаракати баъзе намудҳои мол ва ашёи почтавӣ мебошад. Ҳамзамон, чунин озодкуниҳо хусусияти умумӣ надошта, танҳо дар ҳолатҳое татбиқ мегарданд, ки асосҳои ҳуқуқии онҳо мустақиман дар қонунгузории гумрукӣ пешбинӣ шудаанд.

Аз ҷумла, Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) як қатор ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки дар онҳо нисбат ба баъзе намудҳои ирсоли байналмилалии почта маҳдудият ё озодкунӣ аз шаклҳои муайяни назорати гумрукӣ татбиқ шуда метавонад. Ба ин гурӯҳ як қатор маводи почтавӣ, аз ҷумла аэрограммаҳо ва кортҳои почтавӣ дохил мешаванд. Ҳамчунин, маводи чопӣ ва адабиёти махсусе, ки барои истифодаи шахсони дорои маҳдудияти биноӣ пешбинӣ шудаанд, ба ҳамин категория мансубанд.

Ҳамин тариқ, имтиёзҳо дар соҳаи назорати гумрукӣ ҳамчун яке аз шаклҳои сабукиҳои маъмурӣ баромад намуда, ба сода намудани тартиби гузариши объектҳои муайян аз марзи гумрукӣ ва коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти дахлдор равона карда мешаванд.

Имтиёзҳо вобаста ба соҳиби мол (моликият) одатан ба ҳуқуқу вазифаҳои шахсоне дахл доранд, ки моликияти муайян доранд ва аз ин манфиатҳо баҳравар мешаванд. Имтиёзҳои мазкур метавонанд вобаста ба қонунҳои миллӣ ва навъи моликият гуногун бошанд. Баъзе аз имтиёзҳои маъмултарини соҳиби мол иборатанд аз:

- ҳуқуқ барои истифодабарӣ: соҳибони мол метавонанд моликияти худро мувофиқи хоҳиш ва манфиати шахсӣ истифода баранд. Масалан, соҳиби манзил метавонад он манзилро барои зиндагӣ, иҷора додан ё фурӯш истифода барад.
- ҳуқуқ барои даромад: агар моликият ба соҳиби он даромад оварад, соҳиби мол ҳуқуқ дорад, ки даромадро барои худ бигирад. Барои мисол, соҳиби моликияти ғайриманқул метавонад тавассути иҷора даромад ба даст орад.
- ҳуқуқи фурӯш ва тақсимот: соҳиби мол метавонад онро фурӯшад, ҳадя диҳад ё ба дигар шахс интиқол диҳад.

- ҳифзи ҳуқуқ: соҳибони мол ҳуқуқ доранд, ки моликияти худро аз зарар, дуздӣ ё истифодаи ғайриқонунӣ ҳимоят кунанд.
- ҳуқуқи мерос: баъд аз вафот моликият метавонад тибқи қонуни мерос ба ворисон интиқол ёбад. соҳибони мол метавонанд мероси худро мувофиқи иродаашон васият кунанд.
- масъулиятҳои қонунии моликӣ**:** соҳиби мол масъул аст, ки моликияти худро дар ҳолати хуб нигоҳ дорад, андозҳо ва харочотҳои заруриро пардохт кунад.


Имтиёзҳо вобаста ба моликият метавонанд ба навъи моликият вобаста бошанд (манзил, амволи ғайриманқул, амволи зеҳнӣ ва ғайра), инчунин метавонанд вобаста ба талаботи қонунии минтақаи ҷойгиршавӣ тағйир ёбанд.

Имтиёзҳои гумрукие, ки дар доираи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, аз ҷумла минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) татбиқ мегарданд, яке аз воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ба ҳисоб мераванд. Дар доираи низоми имтиёзнок субъектҳои дар чунин минтақаҳо фаъолияткунанда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, метавонанд аз пардохти пурра ё қисман баъзе намудҳои пардохтҳои гумрукӣ озод карда шаванд. Татбиқи чунин имтиёзҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ва рушди фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ мусоидат менамояд.

Мақсади асосии пешниҳоди имтиёзҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ, ҳавасманд намудани рушди соҳаҳои истеҳсолӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти субъектҳои хоҷагидор мебошад. Истифодаи механизмҳои имтиёзнок метавонад ба ворид гардидани сармояи нав, татбиқи технологияҳои муосир ва ташкили корхонаҳои нав мусоидат намояд.

Ин гуна имтиёзҳо барои пешбурди соҳаҳои истеҳсолӣ, хидматрасонӣ ва инноватсионӣ кумак намуда, ба рушди иқтисодӣ ва устувории бозорҳои маҳаллӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Имтиёзҳои асосие, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ пешниҳод мешаванд, одатан дар намудҳои зерин ҷамъбаст мешаванд (Расми 1.2.4)



Расми 1.2.4. - Имтиёзҳои асосие, ки дар минтақаҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [7]

Таҳлили расми 1.2.4 нишон медиҳад, ки имтиёзҳо яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ буда, дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди соҳибкорӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ нақши калидӣ доранд. Имтиёзҳои андозӣ, содагардонии расмиёти савдо ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмини дастрасӣ ба инфрасохтори истеҳсолӣ ва дастгирии молиявӣ дар маҷмӯъ барои коҳиш додани харочоти фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, ҷаҳонишавӣ тавассути густариши тиҷорати озод, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дастрасӣ ба қарзҳо ва инфрасохтор барои соҳибкорон имкониятҳои нав фароҳам меорад.


Аз ин рӯ, сиёсати пешниҳоди имтиёзҳо бояд ба принсипҳои шаффофият, самаранокӣ, ҳадафмандӣ ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои

иқтисодии онҳо асос ёбад, то ки онҳо воқеан ба рушди истеҳсолоти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт хизмат намоянд.

Дар умум, минтақаҳои иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои сиёсати иқтисодии давлат барои фаъол гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ, рушди истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ истифода мешаванд. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукие, ки дар ҳудуди чунин минтақаҳо пешбинӣ мегарданд, бояд на танҳо ҳамчун сабукии пардохтӣ, балки ҳамчун унсури механизми ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ арзёбӣ карда шаванд.

Имтиёзҳои дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ ин таҳти шартномаҳои байналмилалӣ, соҳибкороне, ки дар доираи муносибатҳои тиҷоратии дутарафа ё бисёрҷониба фаъолият мекунанд ба ҳисоб рафта, аз кам кардани андозҳо ва имтиёзҳои дигар бархӯрдор мешаванд. Имтиёзҳое, ки дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ ба даст меоянд, барои кишварҳо ва шахсиятҳои ҳуқуқӣ (корхонаҳо, ташкилотҳо) муҳим мебошанд. Ин имтиёзҳо метавонанд иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ё фарҳангӣ бошанд ва асосан аз шартномаҳо, созишномаҳо ва мувофиқаҳои байнидавлатӣ, инчунин фаъолиятҳои дипломатӣ ба даст меоянд.

Ин омилҳо метавонанд истеҳсолотро зиёд карда, рақобатпазириро баланд бардоранд. Аммо ҳамзамон, нобаробарӣ ва рақобати шадид метавонад ба соҳибкорони хурду миёна таъсири манфӣ низ расонад. Дар самти сиёсӣ, муносибатҳои дипломатӣ, амният ва иштироки кишварҳо дар созмонҳои байналмилалӣ ба устувории муҳити соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Вақте ки қоидаҳо шаффоф ва ҳамоҳанг мешаванд, сармоягузорон бештар эътимод пайдо мекунанд. Аммо ноустувории сиёсӣ метавонад рушди соҳибкориро суст кунад. Дар ин замина, чанд самти асосии тавсиявӣ мавҷуд аст, ки татбиқи онҳо барои пешрафти соҳибкорӣ аҳамияти калон дорад.



Расми 1.2.5. - Баъзе аз муҳимтарин имтиёзҳое, ки кишварҳо дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ мегиранд

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [50, с. 345].

Дар расми 1.2.5 таъсири раванди ҷаҳонишавӣ (байналмилалӣ шудан) ба рушди соҳибкорӣ дар доираи чор самти асосӣ (иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва

иҷтимоӣ) оварда шудааст. Дар расм нишон дода шудааст, ки соҳибкорӣ имрӯз дар муҳити кушод ва ба ҳам вобаста рушд мекунад, ки дар он ҳам имкониятҳо ва ҳам хатарҳо вуҷуд доранд.

Пеш аз ҳама, баланд бардоштани дониш ва малакаҳои касбӣ яке аз шартҳои асосии муваффақияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши идоракунии бизнес, усулҳои муосири маркетинг ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ба соҳибкор имкон медиҳад, ки қарорҳои дуруст қабул намояд ва фаъолияти худро самараноктар ташкил кунад.

Дуюм, истифодаи технология ва инноватсия дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳим мебозад. Рақамисозии равандҳои тиҷоратӣ, истифодаи интернет ва платформаҳои онлайнӣ имконият медиҳанд, ки соҳибкорон бозори худро васеъ намуда, ба мизоҷони бештар дастрасӣ пайдо кунанд.

Сеюм, ҷалби сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ баррасӣ мешавад. Истифодаи қарзҳо, грантҳо ва ҳамкорӣ бо сармоягузорони хориҷӣ метавонад барои васеъ намудани истеҳсолот ва баланд бардоштани иқтидори молиявии соҳибкорӣ мусоидат кунад.

Чорум, баланд бардоштани рақобатпазирӣ зарур аст, зеро бозори муосир хеле рақобатнок аст. Беҳтар намудани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки соҳибкор дар бозор мавқеи устувор пайдо кунад.


Панҷум, риояи принсипҳои ҳифзи муҳити зист ва масъулияти иҷтимоӣ аҳамияти афзоянда дорад. Пешбурди истеҳсолоти устувор ва кам кардани таъсири манфӣ ба табиат на танҳо ба ҷомеа фоида меорад, балки обрӯи соҳибкорро низ баланд мебардорад.

Дар ниҳоят, тақвияти ҳамкорӣ ва шабакасозӣ омили муҳими дигар мебошад. Иштирок дар созмонҳо, форумҳо ва робита бо соҳибкорони дигар имкониятҳои навро барои ҳамкорӣ, омӯзиш ва густариши бозор фароҳам месозад.

Дар умум бояд ҳаминро қайд намуд, ки рушди соҳибкорӣ маҷмуи дониш, технология, сармоя ва ҳамкориро талаб мекунад. Татбиқи ин тавсияҳо метавонад ба ташаккули фаъолияти устувор ва муваффақи

соҳибкорӣ мусоидат намояд. Илова бар ин, ҷаҳонишавӣ барои соҳибкорӣ ҳам имконият ва ҳам чолиш аст. Он бозорҳоро васеъ менамояд, аммо рақобат ва талаботро низ афзоиш медиҳад. Барои ноил шудан ба муваффақиятҳои навбатӣ, соҳибкор бояд ба шароити нави ҷаҳонӣ мутобиқ шавад.

Мо дар нақши таснифи имтиёзҳои гумрукиро дар рушди соҳибкорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои гуногун гурӯҳбанӣ намудем, ки дар расми 1.2.6 гирдоварӣ шудаанд.



Расми 1.2.6. - Нақши таснифи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди соҳибкорӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [50, с. 345]

Таҳлили расми 1.2.6 нишон медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат буда, ба рушди соҳибкорӣ таъсири ҳамаҷониба мерасонанд. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисоди миллӣ ва такмили муҳити соҳибкорӣ арзёбӣ гарданд.

Дар ин таҳқиқот «як чанд имтиёзҳои зарури барои рушди тамоми соҳаҳо пешниҳод шудааст ва барои ба даст овардани онҳо муносибатҳои дипломатӣ, ҳамкориҳои сиёсӣ ва шартномаҳои байнидавлатӣ нақши муҳим мебозанд» [76, с. 467].

Барои боз ҳам рушди соҳибкорӣ таввасути имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод менамоем, ки:

- такмили механизми пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бо роҳи муайян намудани меъёрҳои дақиқи баҳодиҳии самаранокии онҳо, то ки имтиёзҳо ба соҳаҳои афзалиятнок ва истеҳсолоти воқеан самарабахш равона карда шаванд.
- ҷорӣ намудани низоми мониторинг ва арзёбии натиҷабахшии имтиёзҳои гумрукӣ, ки таъсири онҳо ба ҳаҷми сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот ва содирот мунтазам таҳлил карда шавад.
- тақвияти дастгирии соҳибкории хурду миёна тавассути содагардонии расмиёти гумрукӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо ва коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ҳангоми истифодаи имтиёзҳо.
- равона намудани имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди истеҳсолоти содиротӣ, махсусан барои корхонаҳое, ки маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ истеҳсол намуда, ба бозорҳои хориҷӣ содир мекунанд.
- баланд бардоштани шаффофият ва дастрасии иттилоот оид ба имтиёзҳои гумрукӣ тавассути ташкили пойгоҳи ягонаи электронии маълумот ва хизматрасониҳои машваратӣ барои соҳибкорон.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ нафақат ҳамчун воситаи коҳиши пардохтҳои гумрукӣ, балки ҳамчун механизми стратегияи давлатии ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ, навоварӣ, ҷалби сармоя ва

рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баррасӣ шаванд. Самаранокии онҳо дар ҳолате баланд мегардад, ки механизми пешниҳоди имтиёзҳо ба принсипҳои мақсаднокӣ, шаффофият, самаранокӣ, рақамикунонӣ ва баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳо асос ёбад.

Бартарияти таснифоти пешниҳод намудаи мо аз дигар таснифотҳо дар он аст, ки «бештар фарогири фаъолияти соҳибкорӣ буда, гуруҳҳои мақсаднокро ифода менамояд. Ҳамзамон ин таснифот метавонад ба давлат ва ассотсиатсияҳои тиҷоратӣ кӯмак кунад, ки кадом тадбирҳои дастгирӣ барои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт самараноктаранд» [126, с. 193].

Афзалиятҳои таснифи имтиёзҳои гумрукӣ аз рӯйи нақши онҳо дар рушди соҳибкорӣ дар он аст, ки он имкон медиҳад, ки захираҳо барои дастгирии бахшҳои ниёзманд бо назардошти эҳтиёҷоти беназири намудҳои гуногуни тиҷорат, ба монанди стартапҳо ва ширкатҳои инноватсионӣ, мақсаднок тақсим карда шаванд. Ин ба пешбурди навоварӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад ва инчунин рушди устуворро тавассути тамаркуз ба технологияи устувор дастгирӣ мекунад. Ғайр аз он, имтиёзҳо барои ширкатҳо дар минтақаҳои дурдаст ба коҳиш додани номутаносибии иқтисодӣ мусоидат мекунанд, расмиёти коҳишёфта монеаҳои маъмуриро коҳиш медиҳанд ва чандирии таснифот имкон медиҳад, ки ба тағйирот дар иқтисодиёт зуд мутобиқ шаванд ва дар ниҳоят ба иқтисодиёти устувор ва рақобатпазир мусоидат кунанд.

Ин имтиёзҳо метавонанд боиси афзоиши рақобатпазирӣ, кам кардани хароҷот ва рушди устувори иқтисодӣ шаванд [125, с. 447].

Имтиёзҳои гумрукӣ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ нақши назаррас доранд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва афзоиши рақобат дар бозорҳои байналмилалӣ истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба рушди устувори бахши истеҳсолӣ мусоидат намояд.

Яке аз самтҳои асосии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ коҳиш додани хароҷоти вобаста ба воридот ва содироти молу маҳсулот мебошад. Коҳиш ё бекор намудани боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба соҳибкорон имконият медиҳад, ки ашёи хом, таҷҳизот ва технологияҳои заруриро бо арзиши нисбатан паст ворид намоянд. Дар натиҷа, арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда коҳиш ёфта, фоидаи корхонаҳо афзоиш меёбад ва имконияти рушди фаъолияти истеҳсолӣ фароҳам мегардад.

Ҳамзамон, имтиёзҳои гумрукӣ ба баланд гардидани рақобатпазирии соҳибкорони ватанӣ дар бозорҳои байналмилалӣ низ таъсири мусбат мерасонанд. Паст гардидани хароҷоти истеҳсол ва содирот ба истеҳсолкунандагон имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро бо нархи нисбатан рақобатпазир ба бозорҳои хориҷӣ пешниҳод намоянд. Илова бар ин, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун омили муҳими ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ баромад мекунанд. Мавҷудияти низоми имтиёзнок барои сармоягузорон муҳити мусоиди сармоягузориро фароҳам оварда, хавфҳои молиявиро коҳиш медиҳад. Дар чунин шароит сармоягузорон бештар омода мешаванд, ки ба таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва густариши фаъолияти иқтисодӣ маблағгузорӣ намоянд.

Дар раванди таҳқиқот, муайян карда шуд, ки дар адабиёти илмӣ ва амалияи ҳуқуқӣ нисбат ба таснифи имтиёзҳои гумрукӣ ягонагии назар вуҷуд надорад. Бо дарназардошти ин, аз ҷониби мо таснифи мукаммали имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардид, ки онҳо аз рӯйи хусусияти ҳуқуқӣ, самти татбиқ, асосҳои пешниҳоди имтиёз, мақсади истифода, соҳаҳои иқтисодӣ, минтақаҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот собит намуданд, ки таснифи илмии имтиёзҳои гумрукӣ барои такмили сиёсати гумрукӣ, баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии механизми пешниҳоди имтиёзҳо, инчунин тақвияти назорати давлатии истифодаи онҳо аҳамияти амалӣ дорад. Ҳамзамон, муайян гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ дар якҷоягӣ бо рақамикунонии расмиёти гумрукӣ,

рушди декларатсияи электронии гумрукӣ ва содагардонии хизматрасониҳои давлатӣ метавонанд муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузориро боз ҳам беҳтар намоянд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мегардад, ки:

- низоми ҳуқуқии танзими имтиёзҳои гумрукӣ такмил дода шуда, меъёрҳои ягонаи гурӯҳбандии онҳо дар қонунгузорӣ мустаҳкам гарданд;
- механизми мониторинг ва арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҷорӣ карда шавад.

1.3. Таҷрибаи хориҷии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Дар шароити рақобати шадид рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба дастгирии иловагии давлат ниёз дорад. Тавре ки таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад механизми самараноки дастгирии субъектҳои иқтисодӣ имтиёзҳои гумрукӣ мебошанд. Бисёр кишварҳо тавонистаанд фазои иқтисодиро фаъол гардонанда, бо роҳандозӣ намудани сиёсати имтиёзнок дар соҳаи гумрук рушди соҳибкориро ташвиқ кунанд. Аз чунин таҷрибаҳо метавонанд Ҷумҳурии Тоҷикистон низ самаранок истифода намояд.

Пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, тарифӣ ва преференсияҳо вобаста ба амалияи фаъолияти Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (минбаъд - ИИАО) дар раванди таҳқиқоти илмӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Дар таҳқиқоти банда омӯзиши масъалаи мазкур муҳиммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) яке аз шаклҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ дар заминаи шартномаи байнидавлатӣ таъсис дода шудааст. Пайдоиши ин иттиҳод ба зарурати таҳкими ҳамкории иқтисодӣ байни давлатҳои иштирокчӣ ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ асос ёфта, ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни аъзоён равона гардидааст.

Ҳадафи асосии фаъолияти ИИАО фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодии давлатҳои аъзо, таҳкими робитаҳои

иқтисодии байни онҳо ва баланд бардоштани самаранокию рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ ба густариши ҳамкории байнидавлатӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодӣ ва мусоидат ба беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоию иқтисодии аҳолии кишварҳои иштирокчӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Яке аз самтҳои калидии ҳамгироӣ дар доираи ИИАО таъмини ҳаракати нисбатан озоди молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва қувваи корӣ байни давлатҳои аъзо мебошад. Амалӣ намудани ин принсипҳо барои коҳиш додани монеаҳои иқтисодӣ, васеъ намудани бозори минтақавӣ ва таҳкими муносибатҳои тиҷоратию сармоягузорӣ замина фароҳам меорад.

Ҳамзамон, дар доираи фаъолияти иттиҳод ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии давлатҳои аъзо дар самтҳои афзалиятнок пешбинӣ гардида, барои ташаккули муносибатҳои ягона ва мутобиқшуда дар соҳаҳои муҳими иқтисодиёт чораҳои дахлдор амалӣ карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, ИИАО ҳамчун механизми институтсионалии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ барои таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодии кишварҳои иштирокчӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ба ҳайати давлатҳои узви ИИАО Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дохил мешаванд. Ин давлатҳо дар доираи иттиҳод механизми ҳамгироии иқтисодиро татбиқ менамоянд, ки яке аз самтҳои асосии он ташаккули фазои ягонаи гумрукӣ ва истифодаи сиёсати ягонаи тарифию ғайритарифӣ нисбат ба кишварҳои сеюм ба шумор меравад.

Аз нуқтаи назари таърихӣ ва ҳуқуқӣ, Иттиҳоди гумрукӣ дар фазои пасошӯравӣ ҳамчун шакли нисбатан пешрафтаи ҳамгироии иқтисодӣ ташаккул ёфтааст. Дар солҳои 2007-2015 асосҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии он тадриҷан ба вуҷуд омада, сипас дар сохтори Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё инкишоф ёфтанд. Иттиҳоди гумрукӣ яке аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ҳамгироии байнидавлатӣ ба шумор меравад, ки дар асоси

созишнома ё шартномаи байналмилалӣ байни давлатҳои иштирокчӣ ташаккул меёбад. Моҳияти асосии чунин иттиҳод дар ташкили низоми ягонаи муносибатҳои гумрукӣ байни кишварҳои аъзо ифода ёфта, пеш аз ҳама, бартараф намудани боҷҳои гумрукӣ ва дигар маҳдудиятҳои тарифиро дар тиҷорати байниҳамдигар дар бар мегирад.

Ҳамзамон, давлатҳои иштирокчӣ нисбат ба молҳое, ки аз кишварҳои сеюм ворид карда мешаванд, сиёсати ягонаи гумрукиро татбиқ намуда, чораҳои муштараки ҳифзи бозори дохилиро амалӣ менамоянд. Аз ин рӯ, ташкили иттиҳоди гумрукӣ ба коҳиш додани монеаҳои тиҷоратӣ байни давлатҳои аъзо, рушди мубодилаи мол ва ташаккули фазои ягонаи иқтисодию гумрукӣ мусоидат мекунад.

Бинобар ин, Иттиҳоди гумрукӣ на фақат механизми содагардонидашудаи тиҷорати байни кишварҳои ин иттиҳод, балки яке аз воситаи протексионизми муштараки савдои хориҷӣ низ ба ҳисоб меравад.

Моҳияти Иттиҳоди гумрукӣ, пеш аз ҳама, дар таъсиси қаламрави ягонаи гумрукӣ ифода меёбад. Ин чунин маъно дорад, ки кишварҳои иштирокчӣ дар муносибат бо кишварҳои сеюм тарифҳои ягонаи гумрукӣ, воситаҳои ягонаи танзими иқтисодӣ ва дар баъзе ҳолатҳо чораҳои якхелаи маъмуриро истифода мебаранд. Илова бар ин, давлатҳои узв сиёсати савдои хориҷии худро дар асоси созиш ва ҳамоҳангсозӣ амалӣ намуда, бо ин мақсад мақомоти махсуси байнидавлатӣ ва болоимиллӣ таъсис медиҳанд. Маҳз ҳамин хусусият Иттиҳоди гумрукиро аз минтақаи савдои озод фарқ мекунад. Агар дар минтақаи савдои озод танҳо боҷҳои гумрукӣ ва баъзе маҳдудиятҳои миқдорӣ дар тиҷорати мутақобила бекор карда шаванд, давлатҳо ҳамоно салоҳияти мустақили муайян намудани низоми савдо бо кишварҳои сеюмро нигоҳ медоранд. Дар Иттиҳоди гумрукӣ бошад, чунин мустақилият ба манфиати сиёсати ягонаи гумрукӣ ва савдои хориҷӣ қисман маҳдуд мегардад.

Зарурати таъсиси чунин шакли ҳамгироӣ аз он бармеояд, ки танҳо дар асоси ҳамоҳангсозии амиқи сиёсати гумрукӣ ва тарифӣ метавон самаранокии зарурии иқтисодиро таъмин намуд. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо

таъсиси мақомоти ваколатдори болоимиллӣ аҳаммияти калидӣ касб мекунад. Чунин мақомот, дар асл, вазифаи котиботи доимоамалкунанда ва ҳамоҳангсози Иттиҳоди гумрукиро иҷро намуда, дар татбиқи сиёсати мувофиқашудаи савдои хориҷӣ, омодасозии санадҳои меъёрӣ, назорати иҷрои ӯҳдадориҳои тарафҳо ва таъмини ягонагии татбиқи қоидаҳои гумрукӣ нақши марказӣ мебозанд. Илова бар ин, баргузории нишастҳои даврии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, вазирони соҳавӣ ва роҳбарони мақомоти ваколатдор низ ба таҳкими сатҳи ҳамгироӣ ва таъмини мутобиқати амалии сиёсати гумрукӣ мусоидат менамояд.

Дар ин замина бояд таъкид кард, ки 6 октябри соли 2007 Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Русия Шартнома дар бораи таъсиси қаламрави ягонаи гумрукӣ ва ташкили Иттиҳоди гумрукиро ба имзо расониданд. Маҳз ҳамин санад заминаи ҳуқуқии ташаккули минбаъдаи Иттиҳоди гумрукӣ гардид. Сипас, дар соли 2009 дар сатҳи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ қабул ва тасдиқ шуданд, ки асоси институтсионалӣ ва ҳуқуқии фаъолияти Иттиҳоди гумрукии байни Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Русияро ташкил доданд.

Барои таъмини фаъолияти муназзами ин сохтор Комиссияи Иттиҳоди гумрукӣ ҳамчун мақоми танзимкунандаи болоимиллӣ таъсис дода шуд. Аз 1 январи соли 2010 Иттиҳоди гумрукӣ амалан ба фаъолият оғоз намуд ва ҳамзамон Тарифи ягонаи гумрукӣ мавриди амал қарор гирифт. Ин тариф меъёрҳои ягонаи боҷи гумрукии воридотиро барои се давлати аъзо муқаррар намуда, асоси ташаккули низоми ягонаи тарифиро ба вуҷуд овард. Аз 1 июли соли 2010 бошад, Кодекси ягонаи гумрукии Иттиҳоди гумрукӣ эътибор пайдо кард, ки қоидаҳои асосии фазои ягонаи гумрукиро муқаррар менамуд. Марҳилаи муҳими минбаъда аз 1 июли соли 2011 оғоз гардид, вақте ки назорати гумрукӣ аз сарҳадҳои дохилии байни давлатҳои аъзо ба сарҳади берунии иттиҳод бароварда шуд. Бо вуҷуди ин, назорати сарҳадӣ ва муҳоҷиратӣ дар байни кишварҳои аъзо нигоҳ дошта шуд.

Ташаккули Иттиҳоди гумрукӣ дар асл маънои таъсиси чунин қалamрави ягонаи гумрукиро дошт, ки дар дохили он боҷҳои гумрукӣ ва маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ дар муомилоти молӣ ба истиснои чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ татбиқ намешаванд. Дар баробари ин, нисбат ба кишварҳои сеюм тарифҳои ягонаи гумрукӣ ва дигар воситаҳои танзими савдои хориҷӣ истифода бурда мешаванд. Баъди ба имзо расидани Шартномаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз ҷониби Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Беларус 29 майи соли 2014, салоҳиятҳои Иттиҳоди гумрукӣ ва вазифаҳо он ба сохтори ИИАО интиқол гардиданд. Минбаъд 2 январи соли 2015 Ҷумҳурии Арманистон ва 12 августи соли 2015 Ҷумҳурии Қирғизистон ба ИИАО ҳамроҳ шуда, фазои ҳамгироии иқтисодӣ васеъ гардид.

Марҳилаи нави рушди ҳуқуқи гумрукии иттиҳод бо мавриди амал қарор гирифтани Кодекси нави гумрукии ИИАО аз 1 январи соли 2018 оғоз шуд. Кодекси мазкур дар тамоми панҷ давлати аъзо ба иҷро даромада, ба санади асосии танзими муносибатҳои гумрукӣ дар ҳудуди иттиҳод табдил ёфт. Кодекси мазкур, маҷмӯи низомманди қоидаҳои ҳуқуқии гумрукӣ буда, дар асл танзими ҳаракати молҳо ва воситаҳои нақлиёт, фаъолияти савдои хориҷӣ, иҷрои расмиёти гумрукӣ, инчунин татбиқи назорати гумрукиро дар қалamрави гумрукии ИИАО ба танзим медарорад. Аз ин рӯ, он ҳамчун санади меҳварии ҳамгироии гумрукӣ ва яке аз абзорҳои асосии ягонасозии фазои иқтисодии кишварҳои аъзо арзёбӣ мегардад.

Бояд махсус қайд намуд, ки имрӯз Иттиҳоди гумрукӣ дар доираи ИИАО бештар хусусияти функсионалӣ дорад, на ташкилии мустақил. Яъне, он ҳамчун сохтори ҷудогонаи мустақили ташкилӣ амал намекунад, балки ҳамчун маҷмӯи ваколатҳо, институтҳо ва низомҳои ҳуқуқие, ки дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё амал мекунанд, зоҳир мегардад. Ин хусусият аз он шаҳодат медиҳад, ки ИИАО на танҳо давоми мантиқии Иттиҳоди гумрукӣ, балки шакли мукаммалтари ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ мебошад. Дар баробари ин, аз таҷрибаи дигар созмонҳои ҳамгироӣ метавон

хулоса кард, ки иштироки кишвар дар Иттиҳоди гумрукӣ ҳатман маънои узвият дар иттиҳоди васеътари сиёсӣ ё иқтисодиро надорад. Чунин моделҳо дар таҷрибаи байналмилалӣ низ вуҷуд доранд.

Дар баробари Кодекси гумрукии ИИАО, Комиссияи иқтисодии Авруосиё як қатор қарорҳо ва санадҳои муҳими зерқонунӣ қабул намудааст, ки барои татбиқи амалии меъёрҳои Кодекс аҳаммияти калон доранд. Ин санадҳо, аз ҷумла, тартиби истифодаи расмиёти гумрукии транзит, асосҳои фаъолияти минтақаи озоди гумрукӣ, қоидаҳои тасдиқи мақоми молҳои ИИАО, тартиби ҳисоб ва татбиқи боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо нисбат ба молҳои барои истифодаи шахсӣ, инчунин тартиби анҷом додани амалиёти гумрукӣ вобаста ба воситаҳои нақлиёти интиқоли байналмилалиро муайян менамоянд. Ғайр аз ин, шартҳои ҳуқуқӣ ва молиявии фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ дар соҳаи корҳои гумрукӣ, аз ҷумла намояндагони гумрукӣ ва интиқолдиҳандагони гумрукӣ низ дар асоси чунин қарорҳо мушаххас карда шудаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур таваҷҷуҳи махсус ба хусусиятҳои Кодекси гумрукии ИИАО равона карда шудааст, зеро маҳз ин санад заминаи асосии ҳуқуқии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва татбиқи расмиёти содаи гумрукӣ дар ҳудуди иттиҳод ба ҳисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои муҳими Кодекс дар он ифода меёбад, ки он маҷмӯи расмиёти гумрукиро ба таври назаррас сода ва рақамикунонидашуда менамояд. Навоварии муҳими дигари Кодекс дар он аст, ки уҳдадории ҳатмии пешниҳоди маҷмӯи пурраи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ҳамзамон бо эъломияи гумрукӣ бекор карда шудааст. Ин равиш, аз як тараф, ба содагардонии расмиёти гумрукӣ ва кам кардани сарбории маъмурӣ мусоидат карда, аз ҷониби дигар, имкони назорати мақсаднок ва таваккалро асоснок нигоҳ медорад.

Яке аз принсипҳои муҳиме, ки дар Кодекси гумрукии ИИАО татбиқ шудааст, принсипи «як маротиба пешниҳод кардани маълумот» ва ҳамзамон принсипи «равзанаи ягона» мебошад. Моҳияти ин принсипҳо дар он ифода меёбад, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки қаблан ба мақомоти гумрук ё дигар

мақомот пешниҳод шудаанд, набояд такроран аз ҷониби субъекти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ талаб карда шаванд. Амалӣ шудани ин принсипҳо боиси коҳиши бюрократия, сарфаи вақт ва маблағ, баланд гардидани шаффофияти расмиёти гумрукӣ ва беҳтар шудани муҳити соҳибкорӣ мегардад.

Тибқи меъёрҳои Кодекс, инчунин имконияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба эъломияи гумрукӣ дар баъзе ҳолатҳо васеъ гардидааст. То замоне ки мақомоти гумрук талаботи расмӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ҷиҳати санҷиши маълумоти эъломшуда пешниҳод накардаанд ва ё дар бораи вақт ва маҳалли гузаронидани санҷиши гумрукӣ иттилоъ надодаанд, декларант метавонад хатогиҳои техникиву расмиро ислоҳ намояд. Албатта, чунин имконият барои иваз намудани миқдори мол ва номгӯйи он шароити мусоид фароҳам насозад ҳам, вале он аз ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Навоварии муҳими дигар ҷорӣ гардидани институтҳои қарорҳои пешакии гумрукӣ мебошад. Аз ҷумла, акнун имкони қаблан муайян намудани баъзе масъалаҳои баҳсталаб, ба мисли кишвари пайдоиши мол, ба вуҷуд омадааст. Чунин намуди қарорҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ манфиати калон дошта, ба пешгӯишавандагии амалиёти гумрукӣ, кам шудани хавфҳои ҳуқуқӣ ва коҳиши баҳсҳои байни декларант ва мақомоти гумрук мусоидат менамоянд.

Дар Кодекси гумрукии ИИАО инчунин мафҳуми арзиши пешакии гумрукӣ ҷорӣ гардидааст. Ин чунин маъно дорад, ки дар баъзе ҳолатҳо муайян намудани арзиши ниҳоии гумрукии мол метавонад ба муҳлати баъдӣ гузошта шавад ва дар марҳилаи аввал арзиши пешакӣ дар асоси ҳуҷҷатҳо ва маълумоти мавҷуда муайян карда шавад. Пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо низ дар чунин мавридҳо аз рӯи ҳамин арзиши пешакӣ сурат мегирад. Аз ин ҷиҳат, он ба идомаи бемонеаи расмиёти гумрукӣ ва пешгирии таваққуфи асоснокнашудаи мол мусоидат менамояд.

Таҳлили меъёрҳои нави Кодекси гумрукии ИИАО нишон медиҳад, ки агар қаблан барориши молҳо дар як шабонарӯз сурат мегирифт, ҳоло ин

муҳлат, баъди бақайдгирии эъломияи гумрукӣ, то чор соат коҳиш ёфтааст. Илова бар ин, ба қайд гирифтани эъломияи гумрукӣ дар бисёр ҳолатҳо ба таври худкор тавассути низоми иттилоотии мақомоти гумрук анҷом дода мешавад. Ин тадбир ба коҳиш додани таъсири омили инсонӣ, пешгирии хатогиҳои техникӣ ва баланд бардоштани сатҳи шаффофият мусоидат менамояд.

Аз ҷиҳати институтсионалӣ, Кодекси гумрукии ИИАО мақоми оператори ваколатдори иқтисодиро низ мушаххас менамояд. Ин мақомро ташкилотҳое гирифта метавонанд, ки ба талаботи муайяни қонунгузорӣ ҷавобгӯ бошанд ва сатҳи боэътимодии баланди фаъолияти иқтисодии хориҷиро нишон диҳанд. Доштани чунин мақом барои соҳибкорон як қатор бартариҳои амалӣ, аз ҷумла коҳиши ҳаҷми санҷишҳо, содагардонии расмиёти гумрукӣ, афзоиши эътимоди мақомоти давлатӣ ва беҳтар шудани шароити ҳамкорӣ бо сохторҳои гумрукӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, ин институтро метавон ҳамчун яке аз шаклҳои муосири имтиёзҳои ғайримустақими гумрукӣ арзёбӣ намуд.

Дар доираи Кодекси гумрукӣ инчунин тартиби махсуси танзими воридоти молҳо барои истифодаи шахсӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ҳар як давлати аъзои ИИАО метавонад дар доираи ваколатҳои муқарраршуда тарифҳо ва ҳадди воридоти бе боҷи молҳоро, ки тавассути хадамоти почта ё дигар роҳҳо барои истифодаи шахсӣ ба қаламрави гумрукии иттиҳод ворид мегарданд, бо назардошти меъёрҳои умумии Комиссияи иқтисодии Авруосиё татбиқ намояд. Ин масъала махсусан дар шароити рушди босуръати тиҷорати электронӣ аҳаммияти амалии зиёд дорад.

Бо дарназардошти густариши савдои интернетӣ, таъсири меъёрҳои Кодекси гумрукии ИИАО ба низоми воридоти молҳои барои истифодаи шахсӣ низ назаррас мебошад. Тағйирёбии ҳадди воридоти бе боҷ, меъёрҳои вазнӣ ва арзишӣ, инчунин тартиби ҳисоб кардани боҷ нисбат ба молҳои аз меъёр зиёд воридшаванда, ҳама ба таври мустақим ба рушди тиҷорати электронӣ, ҳимояи бозори дохилӣ ва тавозуни манфиатҳои

истеъмолкунандагон ва давлат таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Кодекс на танҳо муносибатҳои анъанавии гумрукӣ, балки муносибатҳои нави марбут ба иқтисоди рақамӣ ва тиҷорати электронӣ низ фаро мегирад.

Дар натиҷаи омӯзиши амалияи ҳуқуқӣ ва сохтори институтсионалии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) метавон ба хулоса омад, ки таъсиси ин иттиҳод ва рушди минбаъдаи механизмҳои фаъолияти Иттиҳоди гумрукӣ дар доираи он барои таҳкими равандҳои ҳамгироӣ аҳамияти назаррас доштааст. Амалӣ намудани принсипҳои умумии гумрукӣ на танҳо ба ташаккули қаламрави ягонаи гумрукӣ ва коҳиш ёфтани монеаҳо дар муносибатҳои савдои байни давлатҳои иштирокчӣ мусоидат намуд, балки заминаҳои ҳуқуқию институтсионалии амиқ гардидани ҳамкории иқтисодии онҳоро низ фароҳам овард. Дар маҷмӯъ, такмили пайвастаи низоми гумрукӣ дар доираи ИИАО ба ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии давлатҳои аъзо, рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва васеъ намудани имкониятҳои ҳамкории байнидавлатӣ мусоидат карда, раванди ташаккули фазои ягонаи иқтисодиро тақвият бахшидааст.

Дар натиҷа, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои гузариш аз модели одии ҳамоҳангсозии гумрукӣ ба модели мураккабтари фазои умумии иқтисодӣ ва нақлиётӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибаи татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ, имтиёзҳои тарифӣ ва преференсияҳо дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё нишон медиҳад, ки механизми мазкур дорои сохтори мураккаб ва чандзинагӣ буда, аз маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқию иқтисодии ба ҳам алоқаманд иборат мебошад. Татбиқи чунин механизм, аз як тараф, ба ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатҳои аъзо ва таъмини рақобатпазирии бозори дохилии онҳо равона шуда бошад, аз ҷониби дигар, барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди муносибатҳои савдои қонунӣ хизмат менамояд. Дар ин замина, Кодекси гумрукии ИИАО ба сифати мукамалсозии воситаи муосири низоми гумрукӣ, содагардонии расмиёт ва ташаккули имкониятҳои иштирокчиёни

фаъолияти иқтисодии хориҷӣ хизмат намуда, ҳамчун санади асосии ҳуқуқии танзими муносибатҳои гумрукии байни кишварҳо нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ҷадвали 1.3.1. шарҳи озодкунӣ (пурра ё қисман) вобаста ба тартиби гумрукии татбиқшаванда пешниҳод карда шудаанд (ҷадвали 1.3.1).

Ҷадвали 1.3.1. - Имтиёзҳои тарифӣ ва андоз тибқи расмиёти гумрукии ИИАО

Озодкуниҳои гумрукӣ	Моддаҳои Кодекси гумруки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё
Озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо	• Транзити гумрукӣ (моддаи 142 КГ ИИАО) • Рад ба манфиати давлат (моддаи 251 КГ ИИАО) • Савдои бе боҷ (моддаи 243 КГ ИИАО)
Озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукии воридотӣ ва содиротӣ ва андозҳо, баргардонидани онҳо	• Реэкспорт (моддаи 238, 242 КГ ИИАО)
Озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо, ба истиснои партовҳое, ки дар натиҷаи нобудшавӣ ба вуҷуд омадаанд	• Нобудкунӣ (моддаи 248, 250 КГ ИИАО)
Озодкунии пурра ё қисман аз пардохти боҷи воридотӣ ва андозҳо барои маҳсулоти такрорӣ (танҳо арзиш андозбандӣ карда мешавад коркарди анҷомдодашуда); озодкунии пурраи шартӣ аз пардохт боҷи содиротӣ барои молҳои такрорӣ	• Коркарди берун аз ҳудуди гумрукӣ (моддаи 176, 186, банди 2 моддаи 160 КА ФР)
Озодкунии шартии пурра ё қисман аз пардохти гумрукӣ боҷҳо ва андозҳо	• Воридоти муваққатӣ (таҳаммулпазирӣ) (моддаи 219, 223 КГ ИИАО)
Озодкунии пурраи шартӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ	• Истифодаи такрорӣ барои истеъмоли дохилӣ (моддаи 188 КГ ИИАО) • Содироти муваққатӣ (моддаи 227, 232 КГ ИИАО)
Озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо	• Коркард дар ҳудуди гумрукӣ (моддаи 163 КГ ИИАО) • Минтақаи озоди гумрукӣ (моддаи 201 КГ ИИАО) • Анбори озод (моддаи 211 КГ ИИАО) • Тартиби махсуси гумрукӣ (моддаи 253 КГ ИИАО) • Анбори гумрукӣ (моддаи 155, 162 КГ ИИАО)
Озодкунии пурраи шартӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо ҳангоми воридот, баргардонидани боҷи гумрукии содиротӣ	• Реимпорт (моддаи 235, 237 КГ ИИАО)

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [6]

Таҷрибаи ИИАО нишон медиҳад, ки пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ ва тарифӣ, татбиқи преференсияҳо, ҷорӣ намудани механизмҳои рақамӣ, принсипи равзанаи ягона, арзиши пешакии гумрукӣ, қарорҳои пешакӣ ва мақоми оператори ваколатдори иқтисодӣ аз ҷумлаи он абзорҳое мебошанд, ки метавонанд ба таҳкими муҳити мусоиди тиҷоратӣ ва афзоиши самаранокии фаъолияти гумрукӣ мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи ИИАО барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи миллӣ дар соҳаи гумрук аҳаммияти назаррас дорад.

«Тибқи муқаррароти боби 42 Кодекси гумруки Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, вобаста ба субъекте, ки ба он имтиёзҳои гумрукӣ татбиқ мегарданд, гурӯҳҳои гуногуни баҳрабарандагон, аз ҷумла шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, инчунин намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ва дигар намояндагиҳои расмии давлатҳои хориҷӣ пешбинӣ шудаанд» [6].

Вобаста ба ҳаҷми сабукии пешниҳодшаванда, имтиёзҳои тарифиро метавон ба имтиёзҳое ҷудо намуд, ки озодкунии пурра ё қисман аз пардохти боҷи гумрукиро пешбинӣ мекунанд. Дар ҳолати озодкунии пурра, субъекти дорои ҳуқуқи имтиёзнок аз иҷрои уҳдадории пардохти боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешавад, дар ҳоле ки ҳангоми озодкунии қисман танҳо як қисми маблағи боҷи муқарраргардида пардохт карда намешавад.

Дар баробари ин, шаклҳои имтиёзҳои тарифӣ метавонанд на танҳо аз рӯи ҳаҷми озодкунӣ, балки вобаста ба муҳлати иҷрои уҳдадории пардохт низ фарқ кунанд. Ба чунин имтиёзҳо, аз ҷумла, додани муҳлати иловагӣ барои пардохти боҷи гумрукӣ ё мавқуф гузоштани иҷрои уҳдадории пардохт мансуб буда метавонад. Ин ҳолат моҳияти имтиёз дар кам намудани маблағи боҷро дар бар нагирифта, балки дар тағйир додани муҳлат ва тартиби иҷрои ӯҳдадории молиявии иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ифода меёбад.

«Барои ҳар як гурӯҳи имтиёзҳои гумрукӣ механизми алоҳидаи татбиқ ва шартҳои махсуси озодкунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ пешбинӣ гардидааст. Чунин муносибати фарқкунанда имкон медиҳад, ки тартиби пешниҳоди имтиёзҳо вобаста ба хусусият, мақсад ва доираи татбиқи онҳо муайян карда шавад. Аз ин рӯ, гуногунии шартҳо ва тартиби истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ хусусияти дифференсиалии танзими ҳуқуқии онҳоро дар сатҳи минтақавӣ инъикос намуда, барои татбиқи мақсадноки сиёсати гумрукӣ замина фароҳам меорад. Дар таҷрибаи байналмилалӣ низоми имтиёзҳои гумрукӣ нисбат ба шахсони воқеӣ яке аз воситаҳои муҳими таъмини ҳаракати озоди шахсон ва рушди робитаҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи Конвенсия оид ба имтиёзҳои гумрукӣ барои сайёҳон (1954),

давлатҳои иштирокчӣ уҳдадор шудаанд, ки нисбат ба ашё ва молҳои барои истифодаи шахсии сайёҳон пешбинишуда тартиби имтиёзноки гумрукиро татбиқ намоянд» [47, с. 259-264].

Дар ин ҳолат, чун қоида, манъкунӣ ва маҳдудиятҳои хусусияти иқтисодӣ татбиқ карда намешаванд.

Барои субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ озодкунӣ аз пардохти боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ яке аз шаклҳои муҳимтарини имтиёзҳои вобаста ба пардохтҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад. Татбиқи чунин сабукиҳо пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муносибатҳои савдои хориҷӣ, васеъ намудани гардиши мол ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, ҳамоҳангсозии меъёрҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ барои ташаккули механизми ягонаи ҳуқуқии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ замина фароҳам оварда, дар айни замон имконияти ба назар гирифтани хусусиятҳои низоми ҳуқуқии давлатҳои алоҳидаи ИИАО-ро нигоҳ медорад (Расми 1.3.1).



Расми 1.3.1. - Танзими муқаррар намудани имтиёзҳо оид ба пардохтҳои гумрукӣ дар ИИАО

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [6]

Механизми пешниҳоди имтиёзҳо дар соҳаи пардохтҳои гумрукӣ дар доираи низоми ҳуқуқии ИИАО хусусияти бисёрсатҳӣ дошта, дар асоси ду сатҳи асосии танзим ташаккул меёбад. Сатҳи аввалро санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳо ва созишномаҳои байнидавлатие ташкил медиҳанд, ки муносибатҳои гумрукӣ ва тартиби пешниҳоди

имтиёзҳоро дар доираи ҳамгироии минтақавӣ муайян менамоянд. Сатҳи дуюм бошад, қонунгузории миллии давлатҳои аъзо мебошад, ки масъалаҳои татбиқи амалии меъёрҳои дахлдорро дар ҳудуди ҳар як кишвар ба танзим медарорад.

Преференсияҳои тарифӣ вобаста ба кишвари пайдоиши мол муайян гардида, ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ имконият фароҳам меоранд, ки ҳангоми воридоти мол аз меъёрҳои имтиёзноки боҷи гумрукӣ истифода намоянд. Чунин меъёрҳо метавонанд нисбат ба меъёри умумии муқарраргардида сифрӣ ё коҳишёфта бошанд. Аз ин рӯ, кишвари пайдоиши мол яке аз меъёрҳои муҳим дар муайян намудани ҳуқуқ ба истифодаи преференсияи тарифӣ ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи ибтидоӣ тартиби пешниҳоди преференсияҳои тарифӣ ва қоидаҳои татбиқи онҳо асосан дар доираи қонунгузории гумрукии Федератсияи Россия ташаккул ёфта буданд. Бо рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва ташаккули Иттиҳоди гумрукӣ байни Россия, Беларус ва Қазоқистон, механизми пешниҳоди преференсияҳои тарифӣ низ ба сатҳи минтақавӣ интиқол дода шуда, унсурҳои низоми ягонаи преференсиалӣ ташаккул ёфтанд.


Дар натиҷаи ин раванд давлатҳои иштирокчӣ ба истифодаи меъёрҳои ягона дар соҳаи преференсияҳои тарифӣ гузаштанд. Аз ҷумла, рӯйхати умумии молҳое муайян гардид, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои тарифӣ татбиқ мешаванд, инчунин номгӯи давлатҳое ташаккул ёфт, ки молҳои аз онҳо воридшаванда метавонанд ба низоми преференсиалӣ дохил карда шаванд. Ҳамзамон, барои муайян намудани кишвари пайдоиши мол қоидаҳои ягонаи минтақавӣ муқаррар карда шуданд.

Ҳамин тариқ, ташаккули низоми ягонаи преференсияҳои тарифӣ дар доираи ҳамгироии гумрукӣ ба муттаҳидсозии қоидаҳои пешниҳоди имтиёзҳо, ҳамоҳангсозии сиёсати тарифии давлатҳои иштирокчӣ ва фароҳам овардани шароити баробари истифодаи преференсияҳо барои субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат намуд.

Механизми мазкур пеш аз ҳама ба фароҳам овардани шароити мусоиди тарифӣ барои молҳое равона шудааст, ки аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ва

кишварҳои камтар рушдёфта ворид карда мешаванд. Татбиқи низоми ягонаи преференсияҳои тарифӣ ҳамчун яке аз воситаҳои сиёсати савдои хориҷии ИИАО имкон медиҳад, ки муносибатҳои тиҷоратӣ бо давлатҳои дахлдор тақвият ёфта, барои воридшавии молҳои онҳо ба бозори кишварҳои аъзо шароити нисбатан мусоид фароҳам оварда шавад.

Ҳамин тариқ, заминаи меъёрии низоми ягонаи преференсияҳои тарифӣ маҷмӯи санадҳои ҳуқуқии ИИАО-ро дар бар гирифта, шартҳо, субъектҳо, молҳо ва тартиби истифодаи чунин преференсияҳоро муайян менамояд. Сохтор ва унсурҳои асосии таъмини меъёрии низоми ягонаи преференсияҳои тарифӣ барои кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои камтар рушдёфта дар Расми 1.3.2 пешниҳод карда мешаванд.




Расми 1.3.2. - Низоми ягонаи преференсияҳои тарифии ИИАО барои кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳои ва суст тараққӣ карда

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [6]

Аз ин ҷо бармеояд, ки барои татбиқи преференсияи тарифӣ на танҳо мансубияти мол ба давлати муайян, балки риояи маҷмӯи шартҳои ҳатмии муқарраргардида низ зарур мебошад. Агар ҳадди ақал яке аз чунин шартҳо

иҷро нагардад, истифодаи имтиёзи тарифӣ ғайриимкон хоҳад буд. Бинобар ин, преференсияҳои тарифӣ ҳамчун шакли махсуси сабукӣ дар соҳаи гумрукӣ аз дигар навъҳои сабукиҳо ва имтиёзҳое, ки вобаста ба боҷи гумрукӣ дода мешаванд, фарқ мекунанд. Чунонки қаблан ишора гардид, ҳамаи дигар содакуниҳо ва имтиёзҳое, ки ба истиснои преференсияҳои тарифӣ бо боҷи гумрукӣ алоқаманд мебошанд, ба гурӯҳи имтиёзҳои тарифӣ мансуб дониста мешаванд.

Истифодаи преференсияҳои тарифӣ ба тартиби муайян, дар расми 1.3.3. тасвир шудааст.



Расми 1.3.3. - Тартиби истифодаи преференсияҳои тарифӣ дар ИИАО
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [6]

Заминаи ҳуқуқии татбиқи преференсияҳои тарифӣ дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии иттиҳод иборат мебошад. Ба санадҳои асосии танзимкунандаи ин

муносибатҳо, пеш аз ҳама Кодекси гумрукии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Шартномаи ИИАО ва Замимаи №6 ба он - Протоколи «Дар бораи танзими ягонаи гумрукӣ-тарифӣ», инчунин Қарори Комиссияи Иттиҳоди гумрукӣ аз 27 ноябри соли 2009, №130 «Дар бораи танзими ягонаи гумрукӣ-тарифии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё» дохил мешаванд.

Омӯзиши муқаррароти санадҳои мазкур нишон медиҳад, ки преференсияҳо ва имтиёзҳои тарифӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун татбиқ гарданд. Яке аз шаклҳои асосии онҳо пурра озод намудани молҳои муайян аз пардохти боҷи воридотӣ мебошад. Чунин сабукиҳо, дар ҳолатҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, метавонанд нисбат ба гурӯҳҳои алоҳидаи молҳо, инчунин ҳангоми воридоти асъор, коғазҳои қиматнок ва воситаҳои нақлиёт истифода карда шаванд.

Ҳамин тариқ, низоми ҳуқуқии ИИАО барои татбиқи преференсияҳои тарифӣ заминаи меъёрии мушаххас фароҳам оварда, доираи молҳо ва ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки нисбат ба онҳо озодкунӣ ё дигар шаклҳои сабукии тарифӣ татбиқ шуда метавонанд.

Дар баробари озод намудани мол аз пардохти боҷи гумрукӣ ё коҳиш додани меъёри он, яке аз шаклҳои дигари имтиёзҳои тарифиро квотаҳои тарифӣ ташкил медиҳанд. Ин восита ба воридот ё содироти имтиёзноки гурӯҳҳои муайяни мол равона гардида, дар таҷрибаи муосири танзими савдои байналмилалӣ васеъ истифода мешавад. Дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё низ квотаҳои тарифӣ, пеш аз ҳама, нисбат ба воридоти намудҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ карда мешаванд.

Моҳияти квотаи тарифӣ аз муқаррар намудани ҳаҷми муайяни воридоти мол иборат мебошад, ки дар доираи он меъёри нисбатан пасти боҷи гумрукӣ татбиқ мегардад. Ҳамин тариқ, воридкунанда ҳангоми риоя намудани ҳаҷми муқарраршудаи квота метавонад аз шароити имтиёзноки тарифӣ истифода барад. Дар сурати аз меъёри квотавии муайяншуда зиёд гардидани ҳаҷми воридот, нисбат ба қисми зиёдатии мол меъёри баландтари боҷи гумрукӣ татбиқ карда мешавад.

Муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ ва тақсим намудани онҳо дар байни давлатҳои аъзои ИИАО тибқи ваколатҳои муқарраргардида аз ҷониби Комиссияи Иттиҳод амалӣ карда мешавад. Истифодаи чунин механизми танзим имкон медиҳад, ки ҳам манфиатҳои истеҳсолкунандагони дохилӣ ва ҳам талаботи бозори кишварҳои аъзо ба инобат гирифта шаванд.

Барои истифодаи низоми имтиёзнок ҳангоми воридоти мол дар доираи квотаи тарифӣ, воридкунанда бояд ҳуҷҷати иҷозатдиҳии дахлдорро тибқи тартиби муқарраргардида ба даст орад. Масалан, дар Федератсияи Россия барои гирифтани иҷозатномаи дахлдор вобаста ба воридоти молҳои таҳти квотаи тарифӣ пешбинишуда ба мақомоти ваколатдори давлатӣ, аз ҷумла Вазорати саноат ва савдои Федератсияи Россия, мурочиат карда мешавад.

Ҳамзамон, истифодаи квотаи тарифӣ бо қаламрави давлате, ки ба он ҳиссаи дахлдори квота ҷудо гардидааст, алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, барасмиятдарории гумрукии мол дар доираи квота, тибқи тартиби муқарраршуда, бояд дар давлати узви ИИАО анҷом дода шавад, ки барои он квота муайян гардида, иҷозатномаи дахлдор низ аз ҷониби мақомоти ваколатдори ҳамин давлат дода шудааст.

Ҳамин тавр, квотаи тарифӣ ҳамчун воситаи танзими тарифӣ хусусияти дугона дорад: аз як тараф, барои ҳаҷми муайяни мол шароити имтиёзноки воридотиро фароҳам меорад ва аз ҷониби дигар, тавассути маҳдуд намудани ҳаҷми воридоти имтиёзнок манфиатҳои истеҳсолкунандагони дохилиро ҳимоя менамояд.

Дар баробари ин, масъалаи муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ ҳангоми воридот аз ҷониби давлатҳои узви Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё то андозае мустақилона низ танзим карда мешавад.

Аз дидгоҳи ҳуқуқгузорӣ, на ҳамаи шаклҳои сабукӣ, ки дар амалияи муносибатҳои гумрукӣ истифода мешаванд, расман ба гурӯҳи имтиёзҳои гумрукӣ дохил мегарданд.

Попович Е.Н. чунин қайд мекунад, «мавҷудияти имтиёзҳои гумрукӣ дар низоми қонунгузорӣ метавонад ба баланд гардидани ҷолибияти

сармоягузории давлат таъсири мусбат расонад, ки ин омил дар навбати худ ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати минтақавӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, мавҷудияти методологияи самараноки баҳодиҳии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ аҳамияти муҳим дошта, имконият фароҳам меорад, ки татбиқи чунин имтиёзҳо дар доираи низоми гумрукӣ мунтазам таҳлил ва назорат карда шавад, ки ин раванд дар навбати худ ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати гумрукӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд» [117, с. 184-186].

Қобили зикр аст, ки мо таҷрибаи ИГ Иттиҳоди Аврупоро дар соҳаи имтиёзҳои гумрукӣ ва манфиатҳои онро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ омӯхтем. Ҳамин тавр, дар ИА Иттиҳоди гумрукӣ амал мекунад, ки фаъолияти дурусти бозори ягонаро таъмин мекунад ва дар рушди Иттиҳоди Аврупо нақши муҳим мебозад, зеро он вазифаи дукаратаро иҷро мекунад: ба тиҷорати бемамониат мусоидат мекунад, шаҳрвандон ва корхонаҳои ИА-ро ҳимоя мекунад.

Иттиҳоди гумрукӣ яке аз дастовардҳои аввалини Иттиҳоди Аврупо аст ва барои фаъолияти дурусти бозори ягона аҳамияти муҳим дорад. Иттиҳоди гумрукӣ ба ҳуҷҷати ягона асос ёфтааст, ки меъёрҳои боҷи гумрукиро, ки ҳангоми воридоти молҳо аз хориҷи ИА истифода мешаванд ва тартиби умумии воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии ИА ё содирот аз он муқаррар мекунад. Боҷҳои гумрукӣ тибқи сиёсати тиҷоратӣ ва савдо ситонида мешаванд. «Дар доираи низоми молиявии Иттиҳоди Аврупо боҷҳои гумрукӣ ҳамчун қисми муҳими захираҳои анъанавии буҷет баррасӣ гардида, дар якҷоягӣ бо дигар пардохтҳои марбут ба савдо бо кишварҳои сеюм ҳиссаи муайяни даромадҳои буҷетиро ташкил медиҳанд, ки дар соли 2022 тақрибан 11 фоизро дар бар мегирифт» [165].

«Масъулияти ҷамъоварии чунин боҷҳо ба зиммаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо вогузор гардида, онҳо уҳдадоранд ин пардохтҳоро тибқи қоидаҳои ҳуқуқии Иттиҳод ба буҷети он интиқол диҳанд. Рушди тиҷорати

электронӣ дар солҳои охир ба фаъолияти мақомоти гумрук таъсири назаррас расонида, боиси пайдоиши мушкилоти нав гардидааст, зеро афзоиши шумораи амалиётҳо дар ин соҳа дар муқоиса бо савдои анъанавӣ хеле зиёд буда, дар айни замон арзиши умумии чунин муомилот нисбатан паст боқӣ мемонад (то 0,5 фоиз), ки ин ҳолат мураккабии назорат ва ситонидани пардохтҳои гумрукиро зиёд менамояд» [174].

Дар шароити афзоиши босуръати тиҷорати электронӣ, миқдори зиёди амалиётҳои арзиши паст фаъолияти мақомоти гумрукро дар самти назорат ва танзими ҷараёни тиҷорати онлайн мушкил гардонида, ҳамзамон қайд карда мешавад, ки «Дар ин замина, барои бастаҳои дорои арзиши паст (то 150 евро), ки аз кишварҳои сеюм ба Иттиҳоди Аврупо фиристода мешаванд, озодкунӣ аз боҷи гумрукӣ пешбинӣ шудааст» [164, с. 23].

Дар қонунгузории Иттиҳоди Аврупо низоми озодкунии молҳои арзиши паст аз пардохтҳои гумрукӣ тадриҷан ташаккул ёфта, аз соли 1983 ҷорӣ гардида, минбаъд дар солҳои 1991 ва 2008 ташаккул дода шудааст, дар ҳоле ки то 1 июли соли 2021 молҳои воридотии арзишашон то 22 евро инчунин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод буданд. «Дар баробари ин, барҳам додани имтиёзҳои андозӣ барои молҳои арзиши паст ва ҷорӣ намудани механизмҳои нави андозбандӣ метавонад ба ҳифзи даромади буҷетӣ, фароҳам овардани шароити баробар барои субъектҳои иқтисодӣ ва коҳиши сарбории маъмурӣ мусоидат намояд» [4, с. 7].

Дастур инчунин нуқтаи ягонаи хизматрасонӣ (IOS) - ро барои миёнаравҳои тиҷорати электронӣ, ки молҳоро аз кишварҳои сеюм ба истеъмолкунандагони аврупоӣ мефурӯшанд, пешбинӣ мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки дар воридот ҳангоми фурӯш ААИ ситонанд, на ҳангоми воридоти мол ба бозори ИА. Барои санҷидани он, ки оё ААИ дар лаҳзаи фурӯш пардохта шудааст ё бояд дар сарҳад ситонида шавад, ҳамаи бастаҳо ҳангоми расидан ба ИА бояд дар гумрук эълон карда шаванд. Мутаносибан, аз соли 2021 ҳамаи молҳои воридотӣ андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ карда мешаванд ва бо эъломияи рақамии гумрукӣ фаро гирифта мешаванд, аз

ҷумла барои молҳои то 150 евро, ки барои онҳо боҷи гумрукӣ ситонида намешавад. Тибқи арзёбӣ, бекор кардани озодкунӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти молҳои арзиши паст муваффақ буд.

Аммо, фарқи байни ААИ ва барасмиятдарории гумрукии молҳои тиҷорати электронӣ низомро барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор хеле душвор месозад. Дар айни замон вазъ чунин аст: ААИ аз ҳама молҳо ситонида мешавад ва боҷҳои гумрукӣ аз молҳои арзиши зиёда аз 150 евро ситонида мешаванд. ААИ аз ҷониби платформаҳои онлайн ҳангоми фурӯш ситонида мешавад ва эълон карда мешавад, аммо ҳангоми расидан, вақте ки хадамоти почта ва хаткашон молҳоро дар гумрук эълон мекунанд, тафтиш карда мешавад. Гузашта аз ин, риояи талаботи молиявӣ барои мақомоти гумрук мушкил боқӣ мемонад. Аз ҷумла, нигоҳ доштани озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ барои молҳо дар ҳаҷми то 150 евро имконият фароҳам овард, ки ин ҳадди мунтазам бо роҳи паст кардани арзиш ва тақсим кардани партияҳо зиёд карда шавад.

Далелҳои чунин сӯйистифода аз ҳадди 150 евро аз ҳисоби кам кардани арзиш ва тақсимоти партияҳои молҳо мавҷуданд. Тибқи таҳқиқоти соли 2016 аз ҷониби Copenhagen Economics, тақрибан 65 % партияҳои молҳои тиҷорати электронӣ дар эъломияи гумрукӣ кам карда нишон дода мешаванд. Гузашта аз ин, дар гузориши махсуси худ дар бораи расмиёти воридот, Палатаи ҳисоби Аврупо ба хулосае омад, ки низомҳои мавҷудаи барасмиятдарории гумрукӣ наметавонанд воридоти молҳоеро, ки имтиёзҳои пардохти боҷи гумрукӣ надоранд, пешгирӣ кунанд ва ин бо назорати пас аз воқеӣ ва нақшаҳои тафтишотӣ ҷуброн карда намешавад.

Барои ҳалли мушкилоти мушаххаси марбут ба молҳои тиҷорати электронӣ, дархости мазкур пешниҳоди имрӯз қабулкардаи Комиссияро дар бораи аз нав дида баромадани Кодекси ягонаи гумрукӣ бо тадбирҳои зерин: а) бекор кардани озодкунӣ аз пардохти боҷ ҳангоми воридоти мол бо арзиши на зиёда аз 150 евро; б) бо ҷорӣ намудани низоми содашудаи тарифӣ барои молҳое, ки дар доираи муомилоти байни ширкатҳо ва истеъмолкунандагон

ворид карда мешаванд, ки барои мақсадҳои ААИ ҳамчун фурӯши фосилавӣ тахассус доранд, пурра менамояд.

Пешниҳоди аз нав дида баромадани Кодекси ягонаи гумрукӣ нисбат ба таснифи тарифҳо, арзиши гумрукӣ ва муайян кардани пайдоиши молҳо бо мақсади ситонидани боҷҳои гумрукӣ ба молҳои дар доираи савдои фосилавӣ воридшаванда содагардонии минбаъдаро пешбинӣ мекунад. Интизор меравад, ки содакуниҳои пешниҳодшуда дар ҳисоби боҷи гумрукӣ таъсири бекор кардани ҳадди озодкунӣ аз пардохти боҷро ба бори маъмурии мақомот ва корхонаҳои гумрукӣ ҷуброн кунанд ва равандҳо ва расмиёти иштирокчиёни ФИБ-ро сода кунанд.

«Тибқи ҳуҷҷатҳои стратегии Комиссияи Иттиҳоди Аврупо, ислоҳоти низоми гумрукӣ дар самтҳои таҳкими идоракунӣ, рақамисозӣ, амният ва ҳамкории байналмилалӣ равона гардида, ба мутобиқсозии Иттиҳоди гумрукӣ ба шароити муосири иқтисодӣ, аз қабили идоракунии хавфҳо, тиҷорати электронӣ, риояи талабот ва фаъолияти Иттиҳоди гумрукӣ ҳамчун як воҳиди ягона, мусоидат менамояд» [166].

Аз ҷумла, дар доираи амали Комиссияи ИА кӯшиш кард, ки таъсири тиҷорати электрониро ба ҷамъоварии боҷҳои гумрукӣ ва шароити баробар барои операторони ИА, аз ҷумла механизмҳои имконпазири ҷамъоварии боҷҳои гумрукӣ, ба монанди муносибати нав ба ҷамъоварии ААИ дар доираи низоми «равзанаи ягона» барои воридот (IOS) омӯзад.

Бояд қайд кард, ки хадамоти миллии гумрук дар тамоми кишварҳои ИА барои идоракунии амалиёти ҳаррӯза якҷоя кор мекунанд. Комиссияи ИА, дар навбати худ, қонунгузории гумрукии ИА таҳия мекунад ва иҷрои онро назорат мекунад. Ҳамин тариқ, 17 майи соли 2023 Комиссияи Иттиҳоди Аврупо ташаббуси гузаронидани ислоҳоти фарогир ва васеъмиқёси Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди Аврупоро пешниҳод намуд, ки аз замони таъсиси он дар соли 1968 яке аз муҳимтарин тағйироти сохторӣ ба ҳисоб меравад. Зарурати чунин ислоҳот ба тағйирёбии муҳити тиҷорати байналмилалӣ ва пайдо шудани талаботи нави идоракунии гумрукӣ вобаста мебошад.

Яке аз омилҳои асосии пешниҳоди ислоҳот афзоиши назарраси ҳаҷми гардиши тиҷоратӣ, аз ҷумла рушди босуръати тиҷорати электронӣ мебошад. Ҳамзамон, зиёд гардидани шумораи стандартҳо ва талаботи Иттиҳоди Аврупо, ки риояи онҳо ҳангоми воридоти мол бояд дар сарҳад назорат карда шавад, ба фаъолияти мақомоти гумрукӣ талаботи иловагӣ ба миён овардааст. Ба ин раванд инчунин тағйирёбии вазъи геополитикӣ ва пайдоиши буҳронҳои нав дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас мерасонад.

Дар чунин шароит, ислоҳоти пешниҳодшуда ба такмили идоракунии гумрукӣ, баланд бардоштани самаранокии назорати сарҳадӣ ва мутобиқ намудани механизмҳои гумрукии Иттиҳоди Аврупо ба талаботи муосири савдои байналмилалӣ равона гардидааст. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи ислоҳоти гумрукии Иттиҳоди Аврупо метавонад ҳангоми таҳлили самтҳои такмили маъмурияти гумрукӣ ва рақамикунонии расмиёти гумрукӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта бошад.

Дар тӯли чанд соли охир корҳои васеъ ва амиқи омодагӣ барои дарёфти роҳи ҳалли беҳтарин барои мақомоти гумруки ИА оид ба масъалаҳои мавҷуда ва дар оянда пешбинишуда гузаронида шуданд. Масалан, дар Гузориши «Ояндаи гумрук дар ИА дар соли 2040», ки аз ҷониби маркази муттаҳидаи таҳқиқотии Комиссияи Аврупо таҳия шудааст, ояндаи Иттиҳоди гумрукӣ, аҳамияти он ва самаранокии дарозмуддат баррасӣ карда мешавад.

Дар соли 2022, як гурӯҳи коршиносон оид ба ояндаи гумрук ба «тағйироти фаврии сохторӣ» даъват карданд ва як қатор тавсияҳо доданд, ки чӣ гуна Иттиҳоди гумрукиро чандиртар, ба геополитикӣ нигаронидашуда ва муттасилтар кунанд. Ниҳоят, дар гузориши Палатаи ҳисоби Аврупо дар соли 2021 даъват ба истифодаи якхелаи назорати гумрукӣ ва ташкили механизми пурраи таҳлилӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи ИА оварда шудааст.

Татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ дар доираи ИИАО ба ҳамоҳангсозии сиёсати гумрукии давлатҳои аъзо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди савдои мутақобила мусоидат менамояд. Дар ин замина, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии

Арманистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон механизмҳои ягонаи танзими гумрукиро дар доираи ваколатҳои ИИАО истифода мебаранд.

Дар ИГ ИИАО қоидаҳои ягона амал мекунанд, аммо дар ин ҳолат як қатор имтиёзҳо ва озодиҳои гумрукӣ пешбинӣ шудаанд.

Принсипҳои умумии ИГ ИА:

• набудани боҷҳои гумрукӣ байни давлатҳои узви ИА;

• тарофаи ягонаи умумии гумрукӣ (Common Customs Tariff) барои воридот аз кишварҳои сеюм;

• тартиботи ягонаи гумрукӣ ва қоидаҳои пайдоиши мол.

Намудҳои асосии имтиёзҳо ва озодиҳои гумрукӣ дар Иттиҳоди Аврупо:

1. Имтиёзҳо аз рӯйи пайдоиши мол ба молҳои кишварҳое дода мешаванд, ки ИА бо онҳо созишномаҳо дорад, яъне созишномаҳои тиҷорати озод (масалан, Канада, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ)

2. Агар молҳо ворид карда шаванд, озодкунӣ аз боҷи воридотӣ татбиқ карда мешавад, яъне барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ; барои ташкилотҳои байналмилалӣ; ҳамчун кӯмаки башардӯстона; барои мақсадҳои илмӣ, таълимӣ ё фарҳангӣ.

3. Имтиёзҳо барои шахсони воқеӣ – ин озодкунӣ аз боҷҳо ва андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридот, ашёи шахсӣ ҳангоми кӯчидан, молҳо дар доираи лимити бе боҷ (бағоҷ, парвозҳои ҳавоӣ ва ғайра), тӯҳфаҳои арзиши муайяндошта.

4. Квотаҳои тарифӣ ҳангоми воридоти ҳаҷми муайяни мол бо меъёри кам ё сифр истифода мешаванд.

5. Имтиёзҳои соҳавӣ ва мақсаднок барои саноати авиатсия, барои барномаҳои мудофиа ва кайҳон, барои молҳои стратегӣ (муваққатан, бо қарори ИА).

6. Заминаи ҳуқуқӣ ба Кодекси гумрукии ИА, Санадҳои ваколатдор ва татбиқи Комиссияи Аврупо, инчунин созишномаҳои байналмилалии тиҷоратии ИА асос ёфтааст.

Иттиҳодҳои гумрукӣ яке аз шаклҳои ҳамгироии иқтисодии давлатҳо мебошанд. Онҳо бекор кардани боҷҳои гумрукиро дар тиҷорати мутақобила

ва ҷорӣ кардани тарифҳои ягонаи гумрукӣ нисбат ба кишварҳои сеюм дар назар доранд. Намунаҳои муҳимтарини чунин иттиҳодияҳо ИГ Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО) ва ИГ Иттиҳоди Аврупо (ИА) мебошанд. Бо вуҷуди шабеҳии принсипҳои асосӣ, ин иттифоқҳо аз рӯйи сатҳи ҳамгироӣ, миқёси иқтисодиёт ва сохтори институтсионалӣ фарқ мекунанд.

Иттиҳоди Аврупо шакли амиқтар ва пешрафтаи ҳамгироӣ берун аз иттиҳоди гумрукӣ мебошад. Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бештар ба ҳамкории иқтисодӣ ва ташаккули бозори умумӣ, аммо бо дараҷаи камтари танзими болоимиллӣ тамаркуз мекунад. Пас аз таҳлил ва бодиққат омӯхтани таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ, мо дар ҷадвали 1.3.2. хусусиятҳои муқоисавии ИГ Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва Иттиҳоди иқтисодии Авруосие (ИИАО) - ро тартиб додем.

Ҷадвали 1.3.2. - Хусусиятҳои муқоисавии ИГ Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва ИГ Иттиҳоди Аврупо

Меъёрҳо	ИГ Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё	ИГ Иттиҳоди Аврупо
Соли таъсисёбӣ	2010	1968
Шумораи кишварҳои иштирокчӣ	5 давлат	27 государств
Кишварҳои иштирокчӣ	Россия, Беларус, Казоқистон, Арманистон, Кирғизистон	Олмон, Фаронса, Италия, Испания и др.
Сатҳи ҳамгироии иқтисодӣ	Иттиҳоди гумрукӣ ва бозори умумӣ	Иттифоқи гумрукӣ + бозори ягона
Боҷҳои гумрукии дохилӣ	Нест	Нест
Тарофаи ягонаи гумрукӣ	ҳаст	Ҳаст
Қонунгузории гумрукӣ	Кодекси гумрукии ИИАО	Кодекси гумрукии ИА
Мақомоти болоимиллӣ	Комиссияи иқтисодии Авруосие	Комиссияи Аврупо
Озодии ҳаракати мол	ҳаст	ҳаст
Озодии ҳаракати хизматрасонӣ	маҳдуд	ҳаст
Озодии ҳаракати сармоя	қисман	ҳаст
Озодии ҳаракати қувваи корӣ	ҳаст (байни давлатҳои ИИАО)	ҳаст (шарҳвандони ИА)
Асъори умумӣ	нест	Қисман (минтақаи евро)
Сиёсати савдои хориҷӣ	Ҳамоҳангшуда	Комилан умумӣ
Созишномаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои сеюм	Шумораи маҳдуд	Шабакаи васеи созишномаҳо
Миқеси иқтисодӣ	Минтақавӣ	Глобалӣ
Сатҳи ягонаи стандартҳо	Миёна	Олӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [167]

Дар баробари ин, ИГ ИА бо сатҳи баланди ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла фаъолияти бозори ягона ва низоми пешрафтаи танзими болоимиллӣ фарқ мекунад. Дар доираи Иттиҳоди Аврупо озодии ҳаракати молҳо, хидматҳо, сармоя ва қувваи корӣ таъмин карда мешавад, дар ҳоле ки

дар Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ин озодиҳо дар ҳаҷми маҳдудтар амалӣ карда мешаванд. Иттиҳоди Аврупо инчунин дорои шабакаи васеи созишномаҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои сеюм ва сатҳи баланди муттаҳидсозии стандартҳо мебошад. ИГ ИИАО асосан ба ҳамкории иқтисодии минтақавӣ ва сода кардани тиҷорат байни давлатҳои иштирокчӣ равона карда шудааст. Ҳамин тариқ, ИГ Иттиҳоди Аврупо дар муқоиса бо ИГ Иттиҳоди иқтисодии Аврупо модели ҳамгироии баркамолтар аст.

ХУЛОСАИ БОБИ 1-УМ

Натиҷаҳои таҳқиқоти назариявию ҳуқуқии масъалаи имтиёзҳои гумрукӣ, таснифи онҳо, инчунин таҳлил ва арзёбии таҷрибаи хориҷии танзими мазкур имкон фароҳам оварданд, ки як қатор хулосаҳои илмӣ ва амалӣ ба даст оварда шаванд.

Якум, таҳлили равишҳои илмии мавҷуда нишон дод, ки категорияи «имтиёзҳои гумрукӣ» дар назарияи ҳуқуқи гумрукӣ дорои тафсирҳои гуногун мебошад. Ин ҳолат аз мавҷуд набудани муносибати ягона нисбат ба муайян намудани мазмун ва моҳияти ин категория шаҳодат дода, зарурати фарқгузорӣ миёни фаҳмиши иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалии онро ба миён меорад. Дар ҷараёни таҳқиқот асоснок карда шуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ бояд ҳамчун институти мустақили ҳуқуқии танзими гумрукӣ баррасӣ гарданд, зеро онҳо дорои тамомияти сохтории дохилӣ ва иқтидори танзимии махсус мебошанд. Мазмуни мазкур дар робитаи системавии меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ифода меёбад, ки асосҳо, шартҳо ва ҳудуди пешниҳоди имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд.

Дар ин замина, таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» пешниҳод гардид, ки мувофиқи он имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун озодкунӣ ё коҳиш додани пардохтҳо ва расмиёти гумрукӣ фаҳмида мешаванд, ки давлат онҳоро ба шахсони алоҳида, ташкилотҳо ё нисбат ба намудҳои муайяни молҳо бо мақсади ҳавасмандгардонии иқтисодиёт, дастгирии соҳаҳои алоҳида ва содагардондани савдо пешниҳод менамояд.

Дуюм, таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, ки дар доираи иттиҳодияҳои гумрукӣ, аз ҷумла Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Иттиҳоди

Аврупо, имтиёзҳои гумрукӣ на ҳамчун воситаи ҷудогона, балки ҳамчун унсури таркибии низоми комплексии сиёсати саноатӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ баррасӣ мегарданд. Чунин муносибат ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии технологии иқтисодиёт равона шудааст. Муайян гардид, ки дар давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ тавассути робитаи муназзами онҳо бо механизмҳои кӯмаки давлатӣ, танзими дақиқи шартҳои пешниҳод ва баҳодиҳии ҳатмии таъсири иқтисодии онҳо таъмин карда мешавад. Маҳз чунин низоми мукаммали танзим ба коҳиш додани талафоти фискалӣ ва пешгирии тарифи муҳити рақобат мусоидат менамояд.

Сеюм, таҳлили муқоисавии таҷрибаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва Иттиҳоди Аврупо нишон дод, ки омилҳои калидии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо шаффофияти расмиёт, рақамикунонии маъмурияти гумрук, маҳдудияти муҳлати амали имтиёзҳо ва назорати минбаъдаи расидан ба ҳадафҳои эълоншудаи иқтисодӣ мебошанд. Дар муқобил, дар доираи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё чунин механизмҳо ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул ва такмил қарор доранд.

БОБИ 2. АРЗЁБИИ НАҚШИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1.Таҳлили вазъи муосири истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ

Аз таҳлили имтиёзҳои тарифии гумрукии кишвар дида мешавад, ки онҳо бештар ба ҷалби сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва барои зиёд гардонидани иқтидори содиротии давлат равона карда шудаанд. Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вобастагии баланд аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, хусусан дар соҳаи воридоти таҷҳизоти технологӣ ва ашёи хом хос аст. Дар ин шароит, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тавассути имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муҳими ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва кам кардани хароҷот мегардад. Ҳам ба имтиёзҳои андозӣ ва ҳам гумрукӣ диққати махсус дода мешавад, зеро онҳо ба вазъи молиявии корхонаҳо ва рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ таъсири мустақим доранд.

Олимони ватанӣ Асрорзода А.С., Валиев Н.Ш. чунин қайд менамоянд: «такмили низоми андозбандӣ низ яке аз шартҳои асосии ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ ба шумор меравад. Коҳиш додани бори андозӣ барои соҳибкорӣ, махсусан дар марҳилаи ибтидоии фаъолият, метавонад ҳавасмандии таъсиси фаъолияти навро дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт зиёд намояд» [97, с. 6-23].

Ҷадвали 2.1.1 динамикаи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2019-2024 инъикос менамояд. Маълумоти пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки миқёси дастгирии давлатӣ арзёбӣ карда шавад ва инчунин тамоюлҳои тағйирёбии ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо ошкор карда шаванд (ҷадвали 2.1.1).

Таҳлили нишондиҳандаҳо дар панҷ сол афзоиши устувори ҳаҷми имтиёзҳоро нишон медиҳад. Ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар имтиёзҳои умумӣ нисбатан устувор боқӣ монда, дар ҳудуди 15,0% тағйир меёбад. Аз

ҷумла, аз соли 2019 то 2020 коҳиши ночизи ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ аз 15,3% то 15,0% ба назар мерасад, ки ин метавонад нишон диҳад, ки таъкиди дастгирии давлатӣ ба имтиёзҳои андозӣ гузаронида шудааст.

Ҷадвали 2.1.1. - Ҳиссаи имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2019-2024


Солҳо	Имтиёзҳои умумии андозӣ (млн. сомонӣ)	Имтиёзҳо аз рӯйи боҷҳои гумрукӣ (млн. сомонӣ)	Ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ (%)
2019	7320,2	1120,3	15,3
2020	7650,4	1150,5	15,0
2021	8800,1	1350,8	15,3
2022	9400,5	1500,4	16,0
2023	10250,2	1680,2	16,4
2024	11800,4	1683,7	16,6
Тағйироти соли 2024/2019	4480,2	563,4	1,3

Сарчашма: ҳиссоби муаллиф дар асоси [16, 17, 179]

Аммо дар солҳои минбаъда ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дубора афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 16,6% расид, ки ин таваҷҷӯҳи афзояндаи давлатро ба ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва дастгирии тадбирҳои ивазкунандаи воридот инъикос мекунад.

Ҳамин тариқ, динамикаи имтиёзҳои умумии андоз ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши мунтазами дастгирии давлатии соҳибкорӣ ишора намуда, муносибати мутавозин байни воситаҳои ҳавасмандгардонии иқтисодиёти андоз ва гумрукӣ нигоҳ дошта мешавад (Диаграммаи 2.1.1).

Диаграммаи 2.1.1. - Динамикаи имтиёзҳои гумрукӣ ва имтиёзҳои андозии умумӣ дар солҳои 2019-2024, млн. сомонӣ



Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [16, 17, 179]

Тибқи маълумоти дар диаграмма пешниҳодшуда, дар солҳои 2019-2024 тамоюли умумии афзоиши ҳаҷми имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мегардад. Ҳаҷми умумии имтиёзҳои андозӣ аз 7320,2 млн. сомонӣ дар соли 2019 то 11800,4 млн. сомонӣ дар соли 2024 афзоиш ёфта, дар умум ба андозаи 4480,2 млн. сомонӣ ё тақрибан 61,2 % зиёд шудааст.


Дар солҳои 2019-2024 афзоиши имтиёзҳои умумии андозӣ нисбатан мунтазам сурат гирифтааст. Аз ҷумла, ҳаҷми онҳо дар соли 2020 ба 7650,4 млн. сомонӣ, дар соли 2021 ба 8800,1 млн. сомонӣ, дар соли 2022 ба 9400,5 млн. сомонӣ, дар соли 2023 ба 10250,2 млн. сомонӣ ва соли 2024 то ба 11800,4 млн. сомонӣ расидааст. Ин раванд аз густариши истифодаи механизмҳои дастгирии андозӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои иқтисодӣ шаҳодат медиҳад.

Тамоюли тағйирёбии имтиёзҳо аз рӯйи боҷҳои гумрукӣ низ хусусияти афзоишёбанда дорад. Агар дар соли 2019 ҳаҷми онҳо 1120,3 млн. сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 1680,2 млн. сомонӣ расидааст. Дар соли 2024 бошад, ҳаҷми имтиёзҳои гумрукӣ ба 1683,7 млн. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2019-ум 563,4 млн. сомонӣ зиёд гардидааст.

Ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар сохтори умумии имтиёзҳо дар солҳои 2019-2024 дар ҳудуди 15,0-16,6% қарор дошт. Чунин тағйироти назаррас нишон медиҳад, ки дар соли 2024 нақши имтиёзҳои гумрукӣ дар сиёсати умумии ҳавасмандгардонии иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфтааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили расм нишон медиҳад, ки сиёсати пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилшаванда хусусияти фаъол дошта, ба ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва содироти тачҳизоту технологияҳои муосир равона гардидааст. Дар баробари ин, афзоиши босуръати имтиёзҳои гумрукӣ зарурати баҳодиҳии мунтазами самаранокии иқтисодии онҳо ва таъсири воқеии онҳо ба рушди истеҳсолот ва иқтисоди миллиро ба миён мегузорад.

Диаграммаи 2.1.2. - Саҳми имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо дар солҳои 2019-2024, бо фоиз



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [16, 17, 179]

Тибқи маълумоти дар диаграммаи 2.1.2 пешниҳодшуда, саҳми имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳаҷми умумии имтиёзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023 нисбатан устувор буда, дар ҳудуди 15,0-16,4% қарор доштааст. Аммо дар соли 2024 ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ ба 16,6% баробар гардидааст. Аз ҷумла, дар соли 2019 ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ 15,3 % ташкил дода, дар соли 2020 каме коҳиш ёфта, ба 15,0 % баробар шудааст. Дар соли 2021 нишондиҳанда боз ба сатҳи 15,3 % расида, дар соли 2022 ба 16,0 % , дар соли 2023 ба 16,4 % ва дар соли 2024 ба 56,6% афзоиш ёфтааст. Яъне, дар давраи солҳои 2019-2023 афзоиши мазкур тадриҷӣ буда, ҳамагӣ 1,1 банди фоизиро ташкил додааст, аммо дар соли 2024 бошад, саҳми имтиёзҳои гумрукӣ то 16,6 % афзоиш ёфтааст, ки нисбат ба соли 2023 ба андозаи 40,2 банди фоизӣ ва нисбат ба соли 2019 ба андозаи 41,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ин ҳолат аз тағйироти ҷиддӣ дар сохтори умумии имтиёзҳо ва афзоиши нақши сиёсати гумрукӣ дар механизми дастгирии давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ шаҳодат медиҳад.

Афзоиши саҳми имтиёзҳои гумрукӣ метавонад бо як қатор омилҳо, аз ҷумла ҳавасмандгардонии воридоти таҷҳизот ва технологияҳои муосир,

дастгирии рушди истеҳсолоти ватанӣ, ҷалби сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок ва рушди соҳаҳои стратегӣ алоқаманд бошад.

Ин раванд аз афзоиши аҳамияти имтиёзҳои гумрукӣ дар сиёсати иқтисодии давлат ва дастгирии воридоти технология ва ашёи хом шаҳодат медиҳад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ тадбирҳо меандешад. Имрӯз ба сармоягузорон зиёда аз 240 кафолат ва имтиёзҳои гуногун ҷудо карда шудааст, ки зиёда аз 110 имтиёз, имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ мебошанд.

Пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба категорияҳои асосии соҳибкорон ва барномаҳои дастгирӣ тақсим карда мешавад (ҷадвали 2.1.2).

Ҷадвали 2.1.2. - Шумораи бахрабардорони имтиёзҳо аз рӯйи категорияҳо дар соли 2024

Категория	Шумораи бахрабардорони имтиёзҳо	Намудҳои асосии имтиёзҳо
Корхонаҳои аграрӣ	150	Имтиёзҳо барои тухмӣ, техникаи кишоварзӣ ва нуриҳои минералӣ
Корхонаҳои саноатӣ	95	Имтиёзҳо барои таҷҳизот ва ашёи хом
Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ)	50	Озодкунӣ аз ҳамаи боҷҳои гумрукӣ ҳангоми воридоти таҷҳизот
Барномаҳои иҷтимоӣ	35	Имтиёзҳо барои доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [16]

Қисми зиёди субъектҳои дорои имтиёз ба корхонаҳои аграрӣ рост меояд, ки ин бо сиёсати давлатии дастгирии бахши кишоварзӣ вобаста мебошад. Агентии захираҳои моддӣ ва як қатор корхонаҳои давлатии алоҳида аз пардохти боҷҳои гумрукӣ озод шуда, барои молҳои калидии воридотӣ меъёри пастшудаи ААИ мегиранд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ сатҳи баланди ҷалби сармоягузориро нишон медиҳанд, зеро пешниҳоди имтиёзҳо воридоти таҷҳизотро пурра аз боҷҳои гумрукӣ озод менамояд.

Дар лоиҳаи буҷети соли 2026 имтиёзҳо бо меъёрҳои коҳишёфтаи андоз аз арзиши иловашуда (масалан, 50% барои воридоти таҷҳизот ва мавод) ва инчунин озодкунии пурра аз пардохти боҷҳои гумрукӣ барои баъзе корхонаҳо ва барномаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти технологияҳои нав, ашёи хом, ва лавозимотҳои зарурӣ пешбинӣ шудаанд. Ин имтиёзҳо асосан ба рушди соҳаҳои гуногун, махсусан саноат ва технологияи иттилоотӣ, равона гардидаанд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои воридоти таҷҳизоти нав, ашёи хом ва маҳсулоти дорои технологияи баланд, ки барои рушди иқтисодӣ ва инноватсияҳо заруранд, як қатор сабукиҳо дар шакли озодкунӣ аз андозҳои гумрукӣ ё кам кардани меъёри онҳо пешниҳод мегарданд.

Бо мақсади рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолкунандагони ватанӣ, дар доираи қонунгузории амалкунанда аз ҷониби мақомоти гумрук як қатор имтиёзҳо ва сабукиҳои дахлдор пешбинӣ гардидаанд. Татбиқи чунин механизмҳои имтиёзнок ба коҳиш додани хароҷоти субъектҳои хоҷагидор, фароҳам овардани шароити мусоид барои воридоти таҷҳизот ва ашёи зарурӣ ва дар маҷмӯъ, дастгирии рушди истеҳсолоти дохилӣ равона карда мешавад.

Яке аз самтҳои татбиқи чунин имтиёзҳо озод намудани объектҳои дорои аҳамияти махсус аз пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Ин чора имкон медиҳад, ки барои фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ муҳити мусоидтар фароҳам оварда шуда, дастрасии субъектҳои соҳибкорӣ ба воситаҳои зарурии истеҳсолӣ беҳтар гардад.

Дар ҷадвали 2.1.3 номгӯи объектҳое пешниҳод карда мешавад, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ба гурӯҳи объектҳои махсусан муҳим дохил шуда, ҳангоми воридот аз пардохти пардохтҳои гумрукӣ озод карда шудаанд.

Тибқи маълумоти ҷадвали 2.1.3, ба 34 номгӯи объектҳои марбут ба фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардидаанд. Ин нишондиҳанда аз мавҷудияти механизми муайяни дастгирии гумрукии субъектҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад ва зарурати арзёбии натиҷаҳои амалии татбиқи чунин имтиёзҳоро ба миён меорад.

Ҷадвали 2.1.3. - Имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобасат ба категорияҳои асосии соҳибкорон

№	Рамзи НМ ФИХ	Номгӯи молҳо
1.	8419 (ба ғайр 8419 81 8419 89, 8419 90)	«Мошинҳо, таҷҳизоти саноатӣ ё лабораторӣ бо (аз тафсиши барқӣ ва ғайрибарқӣ (бо истиснои печкаҳо, камераҳо ва таҷҳизоти дигари мавқеи моли 8514) барои коркарди мавод дар ҷараёни тағйирёбии ҳарорат, ба мисли тафсонидан, ҷӯшондан, зирбондан, софкорӣ, безараргардонӣ, пастеризатсия, буғдиҳӣ, хушккунӣ, ҳаводиҳӣ ё хунуккунӣ, ба ғайр аз мошинҳо ва таҷҳизоти ба сифати маишӣ истифодашаванда; обгармкунакҳои беинертсӣ ё аккумуляторҳои гармидиҳии обӣ, бе қувваи барқ» [9].
2.	8424 81 910	«пошандаҳо ва тақсимкунакҳои хокаҳо, ки дар трактороҳо насб карда мешаванд ё ба думболаи трактороҳо кашида мешаванд» [9].
3.	8430410000	Дигар мошинҳои пармакунӣ ё нақбканӣ: - худгард
4.	8432(ба ғайр аз 8432 29 900, 8432 40 900, 8432 80 000, 8432 90 000)	«Мошинҳои кишоварзӣ, боғдорӣ ва хоҷагии ҷангал барои тайёр ва коркарди хок; катокҳо барои сабзаҳо ва майдончаҳои варзишӣ» [9]
5.	8433(ба ғайр аз 8433 11, 8433 19)	«Мошинҳо ё механизмҳо барои ҷамъ ё хирманкунии намудани маҳсулоти кишоварзӣ, якҷоя бо пресс- ҷамъкунанда, пресс барои борпечонӣ дар кипҳои каҳи ҷав ё хошок, каҳдарав ё алафдарав; калибрченкунаки тухм, мева ё дигар маҳсулоти кишоварзӣ, ғайр аз мошинҳри рамзи моли 8437» [9].
6.	8434	«Дастгоҳҳо ва асбобҳои ширҷӯшӣ, таҷҳизот барои коркард ва коркарди такрории шир» [9].
7.	8436	«Таҷҳизот барои соҳаи кишоварзӣ, боғдорӣ, хоҷагии ҷангал, парандапарварӣ ва замбӯри асалпарварӣ, бо шумули таҷҳизот барои сабзондани тухмӣ бо дастгоҳи механикӣ ё гармкунанда ва ғайра, инкубаторҳо барои парандапарварӣ ва брудерҳо» [9].
8.	8437 10 000	«мошинҳо барои тозакунӣ, ба навъҳо ҷудо кардан ва муайян намудани андозаи тухмӣ» [9].
9.	8438 (ба ғайр аз 8438 90)	«Таҷҳизот барои омодасозии саноатӣ ва ё истеҳсоли маводи ғизоӣ ё нӯшокиҳо, дар дигар ҷойи ин гурӯҳ номбарнашуда ё дохилнашуда, ба ғайр аз таҷҳизот барои ҷабида гирифтан ё тайёр намудани чарбу ё равғани бухорнашавандаи ҳайвоноту растанӣ» [9].
10.	8445	«Мошинҳо барои тайёр кардани наҳҳои нассоҷӣ, калобаресӣ; мошинҳои нассоҷӣ ва тобдиҳанда, мошинҳои нассоҷии пилларесӣ ё риштаресӣ (бо шумули пуди ришта) ва мошинҳои тайёркунандаи калобаҳои нассоҷӣ барои истифодаи онҳо дар мошинҳои мавқеи молии 8446 ё 8447» [9].
11.	8447	«Мошинаҳои нассоҷӣ, бофандагию дӯзандагӣ барои истеҳсоли ришта» [9].
12.	8449 00 000	«маводи ғайриматоии пора ва ё буридашаванда, бо шумули таҷҳизот барои истеҳсоли кулоҳҳои намадӣ; қолабҳо барои дӯхтани кулоҳҳо» [9].
13.	8451	«Таҷҳизот (ба ғайр аз мошинаҳои мавқеи молии 8450) барои шустан, тоза кардан, фишурдан, хушконидан, дарзмолкунӣ, пресскунӣ (ба шумули прессҳо барои дар як ҳарорати муайян нигоҳ доштани истифода мешаванд; мошинҳо барои печонидан, кушодан, таҳ кардан, буридан ё сӯрох кардани матоъҳои нассоҷӣ» [9].
14.	8453	«Таҷҳизот барои тайёр кардан, ош додан ва коркарди пӯст ё чарм барои истеҳсол ё таъмири пойафзол ё маснуоти дигаре, ки аз пӯст ё чарм мебошанд, ба ғайр аз мошинҳои дӯзандагӣ» [9].
15.	8455	«Дастгоҳҳои прокати металл ва навардҳо барои онҳо»
16.	8456	«Дастгоҳҳо барои коркарди ҳама гуна мавод ба воситаи нобуд кардани ин мавод ба ёрии нури лазерӣ ё дигар нурҳои рӯшноию фатонӣ, ҷараёнҳои ултрасодоӣ, электроразрядӣ, электрохимиявӣ, электронию нурӣ, ионию нурӣ ва ё плазмавию камонӣ» [9].
17.	8457	«Марказҳои коркард, дастгоҳҳои агрегатии якшакла ва бисёршакла барои коркарди металл» [9].

Идомаи ҷадвли 2.1.3

18.	8458	«Дастгоҳҳои харротии (бо шумули дастгоҳҳои харротии бисёрҳадафа) металбурӣ» [9].
19.	8459	«Дастгоҳҳои металлбурӣ (бо шумули дастгоҳҳои агрегатии шакли қаторадошта) барои парма кардан, тез кардан, рандакунӣ, буридани рахапечи берунӣ ё дохилӣ бо роҳи хориҷ кардани металл, ба ғайр аз дастгоҳҳои харротии (бо шумули дастгоҳҳои харротии бисёрҳадафа) мавқеи молии 8458» [9].
20.	8460	«Дастгоҳҳои тарошида суфтакунӣ, тезкунӣ, пардоздиҳӣ, хонинговалӣ, сойиш, сайқалкунӣ ва барои иҷрои дигар амалиёти тозакунии металл ё металлу сафол ба воситаи сангҳои суфтакунӣ, воситаҳои абразивӣ ва сайқалкунӣ, ба ғайр аз дастгоҳҳои дандонасозӣ, суфтакории дандонаҳо ё коркарди дандонаҳои борномаашон 8461» [9].
21.	8461 (ба ғайр аз 8461 40)	«Дастгоҳҳои рандакунии тӯлонӣ, рандакунии арзӣ, дастгоҳҳои сӯрохкунӣ, дарозсозӣ, дандонабурӣ, дандонасуфтакунӣ ва дандонапардозӣ, буриш ва дигар дастгоҳҳо барои коркарди металл, гудохтаҳои сахт ва металлу сафолӣ дар дигар борномаҳо сабтнашуда ё дохил нагардида» [9].
22.	8462	«Дастгоҳҳо (аз ҷумла прессҳо) барои коркарди металлҳои қолабашон калонҳаҷм, ба воситаи кӯфтан ё қолабрезӣ кардан; дастгоҳҳо (ба шумули прессҳо), қаткунанда, кӯфта қаткунанда, мустақим, порчагӣ, сӯрохкунанда ё бурранда; прессҳои мустаҳкаме, ки дар ҷои дигар номбар нашудаанд» [9].
23.	8463	«Дастгоҳҳо барои коркарди металл ё маводи металлу сафолин бе нобудсозии мавод» [9].
24.	8464	«Дастгоҳҳо барои коркарди санг, сафол, бетон, асбосемент ё маводи маъдании монанд ё барои коркарди сарди шиша» [9].
25.	8465	«Дастгоҳҳо (бо шумули мошинҳо барои васлкунӣ бо воситаи мехҳо, часпаки оҳанин, ширеш ё роҳҳои дигар) барои коркарди дарахт, пӯк (пробка), устухон, эбонити пластмассаи сахт ё чунин маводи сахт» [9].
26.	8468	«Таҷҳизот ва дастгоҳҳо барои лаҳимкории пастҳарорат ва баландҳарорат ё кафшеркорӣ, ки барои буриш мувофиқ ё номувофиқанд, ғайр аз мошинҳо ва дастгоҳҳои мансуби борномаи 8515; мошинҳо ва дастгоҳҳо ҷиҳати коркарди гармии сатҳӣ, ки бо газ фаъолият менамоянд» [9].
27.	8475	«Мошинҳо барои пайвасти лампаҳои барқӣ ё электронӣ, найчаҳо ё найчаҳои электронии шуодор ё лампаҳои газӣ бо колбаҳои шишагин; мошинҳо барои тайёр кардан ё коркарди ҳароратии шиша ё маснуоти шишагин» [9].
28.	8477	«маҳсулот аз ин маводе, ки дар ҷои дигари гурӯҳи мазкур хотирнишон нашудааст ё дохил нагардидааст» [9].
	29. 8515	«Мошинҳо ва дастгоҳҳо барои лаҳимкории электрикӣ (аз ҷумла бо гармкунии электрии газ), лазерӣ, ё дигар лаҳимкориҳои равшан ё фотонӣ, ултраовоз, электронӣ-нурӣ, магнитӣ-импулсӣ ё плазмавию қавсии камҳароратӣ, лаҳимкорӣ бо ҳарорати баланд ё кафшер, новобаста аз он, ки онҳо метавонанд амали буришро иҷро кунанд ё не, мошинҳо ва дастгоҳҳои электрикӣ барои чангандозии гарми металлҳо ё металлу сафол» [9].
	30. 8525*	«Таҷҳизоти интиқолдиҳанда барои радиошунавонӣ ё телевизион, ки дар таркиби худ дастгоҳҳои қабулкунанда, сабткунанда ё садобароваранда дорад ё надорад; камераҳои телевизионӣ, камераҳои рақамӣ ва видеокамераҳои сабткунанда» [9].
	31. 8529*	«Қисмҳо, танҳо ё асосан барои таҷҳизоти гурӯҳҳои моли 85825-8528» [9].
32.	8701(ба ғайр аз 8709):	«Трактарҳо (ба ғайр аз трактарҳои гӯруҳи молии 8701 10 000, 8701 20 90, 8701 30 100, 870190 390 1, 8701 90 500, 8701 90 900)» [9].
33.	8716 20 000	«ядакҳо ва нимядакҳои худборкунанда ва худборфароранда барои хоҷагии қишлоқ» [9].
34.	8802 40 000 1	«ҳавопаймоҳои граждании дорои на зиёда аз 200 ҷои нишасти одамон» [9].

Сарчашма. Коркарди муаллиф дар асоси адабиёти [9]. Барои мақсадҳои татбиқи меъёрҳои андоз молҳо танҳо тибқи рамзҳои НМ ФИХ Евразия муайян карда мешаванд.

Бо мақсади муайян намудани ҳаҷм ва динамикаи истифодаи имтиёзҳои мазкур, дар ҷадвали 2.1.4 маълумот оид ба ҳаҷми воридоти молҳое, ки нисбат ба онҳо имтиёзҳои гумрукӣ татбиқ шудаанд, инчунин ҳаҷми маблағҳои пардохтҳои гумрукие, ки аз онҳо субъектҳои дахлдор озод карда шудаанд, пешниҳод мегардад. Нишондиҳандаҳо бо ифодаи млн. сомонӣ оварда шуда, имкон медиҳанд, ки тағйирёбии ҳаҷми воридоти имтиёзнок ва миқёси дастгирии гумрукии соҳибкории истеҳсолӣ дар давраи таҳлилшаванда арзёбӣ карда шавад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур барои муайян намудани тамоюлҳои истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ, дараҷаи таъсири онҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ ва арзёбии нақши чунин имтиёзҳо дар рушди истеҳсолоти дохилӣ аҳамияти муҳим дорад.

Ҷадвали 2.1.4. - Динамикаи воридоти молҳои дорои имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2022-2024

№	Номгӯйи имтиёзҳо	Солҳо (млн. сомонӣ)			Соли 2024 нисбат ба с. 2022, %
		2022	2023	2024	
1	Воридоти молҳо барои объектҳои махсусан муҳими давлатӣ	243,2	406,8	360,9	**148,4**
2	Воридоти молҳо барои татбиқи лоиҳаҳои маъқулдонистаи Ҳукумати ҶТ	329,1	328,7	233,8	**71,0**
3	Воридоти таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ва технологӣ	191,0	249,7	320,0	**167,6**
4	Воридоти молҳо барои корхонаҳои навтаъсис	469,5	223,5	287,2	**61,2**
5	Воридоти техникаи хоҷагии қишлоқ	59,1	76,4	87,2	**147,5**
6	Воридоти доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ	14,2	15,7	19,2	**135,2**
Ҳамагӣ		**1306,1**	**1300,8**	**1308,3**	**100,2**


Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [16, 17, 179]

Маълумотҳои ҷадвали 2.1.4 нишон медиҳанд, ки дар давраи солҳои 2022-2024 ҳаҷми умумии воридоти молҳое, ки аз пардохти гумрукӣ озод гардидаанд, қариб дар як сатҳ нигоҳ дошта шуда, соли 2024 нисбат ба соли 2022 ҳамагӣ 0,2% афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат аз устувории умумии сиёсати имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

Ҳамчунин, воридоти молҳо барои объектҳои махсусан муҳими давлатӣ бо 48,4% зиёд гардида, нақши сармоягузориҳои давлатӣ дар инфрасохторро тақвият медиҳад.

Афзоиши назаррас инчунин дар бахшҳои техникаи хоҷагии қишлоқ (147,5%) ва дорувор̄ ва таҷҳизоти тиббӣ (135,2%) ба қайд гирифта шудааст, ки ин равандҳо ба дастгирии амнияти озуқавор̄ ва беҳдошти низоми тандурустӣ мусоидат менамоянд. Дар айни замон, коҳиши ҳаҷми воридоти молҳо барои лоиҳаҳои маъқулдонистаи ҳукумат (71,0%) ва корхонаҳои навтаъсис (61,2%) мушоҳида мегардад. Ин метавонад натиҷаи анҷом ёфтани як қатор лоиҳаҳо ё таҷдиди механизмҳои пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бошад (Диаграммаи 2.1.3).

Диаграммаи 2.1.3. - Динамика ҳаҷми воридоти молҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 ба онҳо имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардидаанд, млн. доллари ИМА



Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [16]

Маълумотҳои диаграммаи 2.1.3 нишон медиҳад, ки ҳаҷми воридоти молҳо, ки ба онҳо дар Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 имтиёз дода шудааст, барои ҳар як гурӯҳи мол тағйироти муайян доштааст. Дар соли 2022 ҳаҷми воридот 243,2 млн. сомонӣ буд. Дар соли 2023 афзоиш ёфта ба 406,8

млн. сомонӣ расид ва соли 2024 ба 360,9 млн. сомонӣ каме коҳиш ёфт. Соли 2024 нисбат ба соли 2022 бо ҳисоби фоиз ба 148,4 банди фоизи баробар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки ҳаҷми воридоти ин намуди молҳо дар давоми се сол назаррас афзудааст. Аз рӯйи ҳаҷм бошад дар соли 2022 ба 329,1 млн. сомонӣ расида, дар соли 2023 низ қариб бо ҳамон сатҳ (328,7 млн.) боқӣ монд, аммо дар соли 2024 ин нишондиҳанда коҳиш ёфта ба 233,8 млн. сомонӣ баробар гардид. Соли 2024 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 71% кам гардидааст, ки ин камшавии ҳаҷми воридот дар ин бахшро нишон медиҳад. Дар соли 2022 ҳаҷми воридот 191,0 млн. сомонӣ буд, соли 2023 ба 249,7 млн. ва соли 2024 ба 320,0 млн. сомонӣ расид. Афзоиши назаррас (167,6%) ба рушди саноат ва истеҳсолот ишора мекунад.

Ҳаҷми воридоти молҳо барои корхонаҳои навтаъсис дар соли 2022 469,5 млн. сомонӣ буд, аммо соли 2023 коҳиш ёфта ба 223,5 млн.сомонӣ ва соли 2024 ба 287,2 млн. сомонӣ расид. Фоизи тағйир нисбат ба соли 2022 танҳо 61,2%, ки нишон медиҳад, воридоти ин намуди молҳо кам шуда, эҳтимолан бо сабаби ба анҷом расидани баъзе лоиҳаҳои навтаъсис мебошад. Ҳаҷми воридоти техникаи хоҷагии қишлоқ аз 21,9 млн. сомонӣ дар соли 2022 ба 28,9 млн. соли 2023 ва ба 34,5 млн. соли 2024 расидааст. Афзоиши 147,5% нишон медиҳад, ки дастгирии соҳаи кишоварзӣ афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми воридоти доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ дар соли 2022 7,6 млн. сомонӣ буд, соли 2023 ба 9,9 млн. ва соли 2024 ба 11,3 млн. сомонӣ расид. Афзоиши 135,2% нишон медиҳад, ки имтиёзҳо ба соҳаи тандурустӣ низ пурзӯр шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлили диаграмма нишон медиҳад, ки ҳаҷми умумии воридоти молҳо, ки ба онҳо имтиёз дода шудааст, нисбатан устувор буда, соли 2024 ба 1308,3 млн. сомонӣ расидааст, ки қариб ҳамон сатҳест, ки соли 2022 буд. Камшавии воридоти молҳо барои лоиҳаҳои Ҳукумат ва корхонаҳои навтаъсис метавонад натиҷаи ба анҷом расидани лоиҳаҳо ё таҷдиди механизмҳои имтиёзҳо бошад.

Дар умум, диаграммаи мазкур нишон медиҳад, ки сиёсати имтиёзҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2022-2024 асосан ба афзоиши воридоти молҳои истеҳсолӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ равона гардидааст.

Маълумоти ҷадвали 2.1.5 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019-2024 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоишро касб кардааст. Агар соли 2019 гардиши савдои хориҷӣ 4523,7 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 8955,0 млн. доллар баробар гардидааст. Ҳамин тариқ, дар давраи таҳлилшаванда, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ 4431,3 млн. доллар, ё тақрибан 98,0% афзоиш ёфтааст. Маълумоти расмии Агентии омор низ тасдиқ мекунад, ки гардиши савдои хориҷии кишвар дар соли 2024 ба 8955,0 млн. доллар расида, нисбат ба соли 2023-ум 7,5 % зиёд шудааст.

Ҷадвали 2.1.5. - Гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи субъектҳои имтиёздор, солҳои 2019-2024

Солҳо	Гардиши савдои хориҷии (млн. долл. ИМА)	Ҳиссаи имтиёзҳо дар боҷҳои гумрукӣ (%)
2019	4523,7	15,7
2020	4557,8	15,7
2021	6359,1	16,5
2022	7309,5	17,1
2023	8328,9	18,0
2024	8955,0	19,2
Фарқият нисбати соли 2019	**4431,3**	**3,5**

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [17, 179]

Дар баробари афзоиши гардиши савдои хориҷӣ, ҳиссаи имтиёзҳо дар боҷҳои гумрукӣ низ аз 15,7 % дар соли 2019 то 19,2 % дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки дар баробари васеъ гардидани ҳаҷми савдои хориҷӣ, истифодаи механизмҳои имтиёзноки гумрукӣ низ тадриҷан зиёд шудааст. Дар соли 2024 нишондиҳандаи мазкур ба 19,2 % баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2019-ум 3,5 банди фоизӣ бештар аст.

Ҳамин тавр, байни рушди гардиши савдои хориҷӣ ва васеъшавии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ робитаи муайян мушоҳида мегардад. Афзоиши имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба ҳавасмандгардонии воридоти

таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом, воситаҳои истеҳсолӣ, дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидат намояд.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2019-2024 гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон қариб ду баробар афзоиш ёфтааст. Ҳамзамон, ҳиссаи имтиёзҳо дар боҷҳои гумрукӣ низ тамоюли афзоиш пайдо намудааст. Ин ҳолат аҳаммияти сиёсати гумрукӣ ва имтиёзҳои пешниҳодшавандаро ҳамчун яке аз воситаҳои дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, афзоиши имтиёзҳо бояд бо арзёбии самаранокии иқтисодии онҳо ҳамроҳ гардад, то муайян карда шавад, ки имтиёзҳои гумрукӣ то кадом дараҷа ба афзоиши истеҳсолоти миллӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди содирот мусоидат мекунанд.

Барои боз ҳам мушаххасу даққиқ намудани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, акнун вазъи содироту воридотро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу таҳлил қарор медиҳем (ҷадв. 2.1.6 ва 2.1.7). Содирот, бахусус аз соли 2020, афзоиши устуворро нишон додааст.

Ҷадвали 2.1.6. - Ҳаҷми содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2024, млн. доллари ИМА

Сол	Содироти мол ва хизматрасониҳо, млн. доллари ИМА	Ҳиссаи муомилоти имтиёзноки содиротӣ, %	Фарқият нисбати соли 2019, %
2019	1160,0	12,5	0,0
2020	1180,0	13,0	1,7
2021	1540,0	14,0	32,8
2022	1820,0	15,0	56,9
2023	2448,8	16,0	111,1
2024	2640,0	17,0	127,6

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [17, 179]

Маълумоти ҷадвали 2.1.6 нишон медиҳад, ки дар давраи солҳои 2019-2024 ҳаҷми содироти мол ва хизматрасониҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли устувори афзоиш дорад. Агар соли 2019 ҳаҷми содирот 1160,0 млн. доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2024 ин нишондиҳанда ба 2640,0 млн. доллар расидааст. Яъне дар давоми солҳои 2019-2024 ҳаҷми содирот 1480 млн. доллар ё 127,6% зиёд шудааст.

Дар соли 2020 ҳаҷми содирот нисбат ба соли 2019 каме афзоиш ёфта, аз 1160,0 млн. доллар то 1180,0 млн. доллар расидааст. Афзоиш ҳамагӣ 1,7%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз таъсири омилҳои беруна ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва маҳдуд шудани фаъолияти иқтисодӣ дар ин давра шаҳодат медиҳад.

Аз соли 2021 суръати афзоиши содирот назаррас гардид. Ҳаҷми содирот дар соли 2021 ба 1540,0 млн. доллар расида, нисбат ба соли 2019-ум 32,8% зиёд шудааст. Дар соли 2022 ин нишондиҳанда ба 1820,0 млн. доллар расид, ки нисбат ба соли ибтидоӣ 56,9% афзоишро нишон медиҳад. Афзоиши минбаъда дар соли 2024 махсусан назаррас буда, ҳаҷми содирот ба 2640,0 млн. доллар расидааст.

Ҳамзамон, ҳиссаи муомилоти имтиёзноки содиротӣ низ аз 12,5% дар соли 2019 то 17,0% дар соли 2024 афзоиш ёфтааст. Ин тағйирот метавонад аз васеъшавии истифодаи механизмҳои имтиёзноки савдо, беҳтар гардидани дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ ва таҳкими муносибатҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ шаҳодат диҳад. Дар ин ҳолат афзоиши ҳаҷми содирот нисбат ба соли 2019-ум 127,6%-ро ташкил медиҳад, яъне ҳаҷми содирот дар муқоиса бо соли 2019 зиёда аз ду баробар афзоиш меёбад.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки таҳлили маълумотҳои таҳлилгардидаи ҷадвал нишон медиҳад, ки солҳои 2019-2024 барои содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи афзоиши назаррас ба ҳисоб меравад. Тамоюли мусбати содирот, инчунин зиёдшавии ҳиссаи муомилоти имтиёзнок, аз беҳтар гардидани имкониятҳои воридшавии молу хизматрасониҳои Тоҷикистон ба бозорҳои хориҷӣ шаҳодат медиҳад. Дар баробари ин, барои нигоҳ доштани чунин тамоюли тағйирёбӣ зарур аст, ки гуногунрангии сохтори содирот, афзоиши ҳиссаи маҳсулоти дорои арзиши иловашуда, рушди коркарди ашёи хом ва васеъ намудани ҷуғрофияи бозорҳои содиротӣ таъмин карда шавад.

Воридот низ, бахусус пас аз соли 2020, бо афзоиши воридоти таҷҳизот ва ашёи хом, афзоиш меёбад. Ҳиссаи муомилоти имтиёзноки воридотӣ

тадриҷан то 19,0% афзоиш меёбад, ки сатҳи баланди дастгирии тиҷорат ва ҳавасмандгардонии рушди бахши истеҳсолотро нишон медиҳад.

Ҷадвали 2.1.7. - Ҳаҷми воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2024, млн. доллари ИМА

Сол	Воридоти мол ва хизматрасониҳо, млн. доллари ИМА	Ҳиссаи муомилоти имтиёзноки воридотӣ, %	Фарқият нисбати соли 2019, %
2019	3363,7	16,5	0,0
2020	3349,8	16,2	0,4
2021	4819,1	17,0	43,3
2022	5489,5	18,0	63,2
2023	5880,1	18,5	74,8
2024	7007,6	19,0	109,2

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [17, 179]

Маълумоти ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давраи 2019-2024 ҳаҷми воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум тамоюли афзоиш доштааст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, воридоти мол дар соли 2019-ум 3363,3 млн. доллари ИМА ва дар соли 2024-ум 7007,6 млн. долларро ташкил додааст. Дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 воридот каме коҳиш ёфтааст. Аммо аз соли 2021 афзоиши воридот хеле фаъол гардидааст. Дар соли 2021 воридот ба 4819,1 млн. доллар, дар соли 2022 ба 5489,5 млн. доллар, дар соли 2023 ба 5880,1 млн. доллар ва дар соли 2024 ба 7007,6 млн. доллар расидааст.

Агар нишондиҳандаи соли 2019 ҳамчун заминаи базавӣ қабул карда шавад, ҳаҷми воридот дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 тақрибан 2,1 маротиба афзоиш ёфтааст. Яъне ҳаҷми воридоти мол дар ин давра зиёда аз ду баробар шудааст. Афзоиши махсусан назаррас дар солҳои 2021-2024 ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 2024 нисбат ба соли 2023 воридоти мол 1127,5 млн. доллар, ё тақрибан 19,2% зиёд шудааст. Аз нуқтаи назари сохтори ҷуғрофии воридот низ тағйироти муҳим мушоҳида мешавад. Дар соли 2024 аз ҳаҷми умумии воридот 3651,7 млн. доллар ба кишварҳои ИДМ ва 3355,9 млн. доллар ба кишварҳои дигар рост омадааст. Ҳамин тариқ, тақрибан 52,1% воридот ба кишварҳои ИДМ ва 47,9% ба кишварҳои ғайри ИДМ рост меояд.

Нишондиҳандаи ҳиссаи муомилоти имтиёзноки воридотӣ, ки дар ҷадвал аз 16,5% дар соли 2019 то 19,0% дар соли 2024 афзоиш ёфтааст, низ тамоюли мусбатро нишон медиҳад. Ин метавонад аз васеъ гардидани имкониятҳои истифодаи низомҳои имтиёзноки савдо ва ташаккули шароити мусоидтар барои воридоти мол шаҳодат диҳад. Дар умум, динамикаи солҳои 2019-2024 нишон медиҳад, ки воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба ҳадди баландтарини давраи таҳлилӣ - 7007,6 млн. доллари ИМА расидааст. Афзоиши воридот, аз як тараф, болоравии талаботи дохилӣ ба молҳо, таҷҳизот, ашёи хом ва дигар захираҳои истеҳсолиро инъикос намояд, аз ҷониби дигар, он зарурати тақвияти истеҳсолоти дохилӣ, рушди истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти тайёрро ба миён мегузорад.

Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани самаранокии сиёсати савдои хориҷӣ зарур аст, ки афзоиши воридот бештар ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, техника, ашёи хоми истеҳсолӣ ва молҳои сармоявӣ равона гардида, ҳамзамон иқтидори содиротии кишвар тақвият дода шавад. Ин равиш метавонад ба беҳтар намудани тавозуни савдо ва таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, мо таъсири имтиёзҳои гумрукиро ба содирот ва воридот таҳлил кардем ва ба хулосае омадем, ки ҷараёни воридот низ аз ҳисоби имтиёзҳо барои таҷҳизот, ашёи хом ва мавод барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ афзоиш меёбад. Аз ин лиҳоз имтиёзҳои гумрукӣ бо коҳиш додани монеаҳои молиявӣ барои соҳибкорон ба рушди савдои хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Афзоиши гардиши савдои хориҷӣ бо афзоиши саҳми имтиёзҳо аз робитаи мустақим байни ҳавасмандгардонии давлатӣ ва афзоиши фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Таъмини мунтазами имтиёзҳо ба коҳиш додани хароҷот мусоидат мекунад ва рушди устувори савдои хориҷиро дастгирӣ мекунад.

Тоҷикистон барои кишварҳои камтараққикардаи ҷаҳон имтиёзҳои тарифӣ пешниҳод менамояд. Чунин имтиёзҳо ба таҳкими робитаҳои

иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ мусоидат мекунанд.

Дар ҷадвали 2.1.8 давлатҳои камтараққикарда, ки барои молҳояшон ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан мизони сифрии боҷи гумрукӣ муқаррар карда мешавад.

Ҷадвали 2.1.8. - Рӯйхати давлатҳои камтараққикарда, ки ҳангоми ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудан мизони сифрии боҷи гумрукӣ муқаррар карда мешавад

Давлатҳои камтараққикарда	Давлатҳои камтараққикарда
1.Афғонистон	24. Мали
2.Бенин	25. Малдиви
3. Буркина-Фасо	26. Мозамбик
4. Бурунди	27. Мянма
5. Ботсвана	28. Непал
6. Бутан	29. Нигер
7. Вануту	30. Руанда
8. Гаити	31. Самоа
9. Гвинея	32. Сан-Томе ва Принсипи
10. Гвинея-Бисау	33. Ҷазираҳои Сулаймон
11. Ҷибути	34. Сомали
12. Заир	35. Судон
13. Замбия	36. Сиерра-Леоне
14. Кабо-Верде	37. Танзания
15. Камбоҷа	38. Того
16. Кирибати	39. Тувалу
17. Ҷазираҳои Комор	40. Уганда
18. Лаос	41. Ҷумҳурии Африкаи Марказӣ
19. Лесото	42. Чад
20. Либерия	43. Гвинеяи Экваториалӣ
21. Мавритания	44. Эфиопия
22. Мадагаскар	45. Гамбия
23. Малави	

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси замимаи №2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 8 августи 2018 с, № 399.

Дар асоси созишномаҳои ду ҷониба миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Узбекистон боҷи гумрукӣ амал намекунад, ки ҳамчун як шакли имтиёзи гумрукӣ арзёбӣ мегардад.

Муқоиса намудани Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба кишвари азизамон имкон медиҳад, ки самаранокии низоми имтиёзҳои андозро дар Тоҷикистон арзёбӣ кунем.

Ҷадвали 2.1.9. - Ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар воридоти гумрукӣ (%)

Давлат	Солҳо				Фарқият (+, −)
	2021	2022	2023	2024	
Ҷумҳурии Тоҷикистон	15,3	16,0	16,4	16,8	1,5
Ҷумҳурии Қирғизистон	14,5	15,0	15,2	15,5	1,0
Ҷумҳурии Узбекистон	13,8	14,2	14,8	15,0	1,2

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [17]

Маълумоти ҷадвали 2.1.9 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2021-2024 ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар воридоти гумрукӣ дар ҳар се кишвари таҳлилшавандаи Осиёи Марказӣ тамоюли афзоиш доштааст. Ин ҳолат метавонад аз васеъшавии истифодаи механизмҳои имтиёзноки гумрукӣ ва фароҳам гардидани шароити мусоидтар барои воридоти мол шаҳодат диҳад.

Ҷадвали 2.1.9 нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар муқоиса бо Қирғизистон ва Узбекистон сатҳи баландтари ҳиссаи имтиёзҳои гумрукӣ дар воридоти молҳоро дорад. Афзоиши нишондиҳанда аз 15,3% то 16,8% дар солҳои 2021-2024 аз зиёд шудани нақши механизмҳои имтиёзноки гумрукӣ дар танзими воридот шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ бояд на танҳо ба зиёд намудани ҳаҷми воридот, балки пеш аз ҳама ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, техникаи муосир, ашёи хоми истеҳсолӣ ва молҳои сармоявӣ равона карда шавад. Чунин равиш метавонад таъсири имтиёзҳои гумрукиро ба навсозии истеҳсолот, рушди иқтидори содиротӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ тақвият диҳад.


Ҳамин тариқ, имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муассири ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Таҳлили оморӣ афзоиши ҳаҷми имтиёзҳо, устувор шудани саҳми онҳо дар даромадҳои гумрукӣ ва аҳамияти бештар дар байни корхонаҳои кишоварзӣ ва ширкатҳои саноатиро нишон медиҳад. Беҳтар кардани низоми ҳавасмандгардонӣ тавассути автоматикунонӣ, аудит ва табақабандии тарифҳо самаранокии танзими давлатӣ ва рақобатпазирии иқтисоди Тоҷикистонро беҳтар мекунад.

2.2. Арзёбии нақши истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти бозорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди устувори иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани шароити зиндагии аҳолӣ ва таҳкими рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ шинохта шудааст. Вобаста ба ин, кишварҳо бо истифода аз роҳу фишангҳои гуногуни иқтисодӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати муҳайё сохтани муҳити мусоиди соҳибкорӣ тадбирҳои заруриро роҳандозӣ мекунанд. Дар шароити имрӯза яке аз чунин воситаҳои муҳим – ин низоми имтиёзҳои гумрукӣ ба ҳисоб меравад, ки ба дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Масъалаи дастгирии субъектҳои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва ҳамгироии тадриҷӣ ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ аҳамияти муҳиму зарурӣ касб кардааст. Татбиқи чунин имтиёзҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад, ки таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом ва дигар воситаҳои истеҳсолиро бо хароҷоти камтар ворид кунад, ки дар навбати худ ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Дар шароити рақобати афзояндаи бозорҳои ҷаҳонӣ рушди соҳибкорӣ дар иқтисодиёти миллӣ бе истифода намудани механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ мушкил аст. Аз ин рӯ, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз шаклҳои самаровари дастгирии давлатӣ метавонанд барои ташкили корхонаҳои нав, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва афзоиши иқтидори истеҳсолии ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам созад. Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсолот дар кишвар афзоиш пайдо намуда, маҳсулоти рақобатпазир ба бозорҳои дохилию хориҷӣ ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ва бо мақсади муаррифи кардани истеҳсолоти ватанӣ пешниҳод

мегардад. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки муҳимияти арзёбии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ аз чанд паҳлу баҳо дода мешавад (Расми 2.2.1).



Расми 2.2.1. - Ҷиҳатҳои пайдо шудани арзёбии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ барои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳия ва коркарди муаллиф

Мавриди ба зикр аст, ки дар низоми танзими гумрукию тарифӣ имтиёзҳои гумрукӣ яке аз фашангҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, ба рушди ҷолибияти сармоягузорӣ ва ба ҳавасмандгардонии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, тавре ки таҳлили таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, механизми амалкунандаи пешниҳоди имтиёзҳо бо як қатор мушкилот, аз қабили аз мураккабии маъмурият ва шаффофияти

нокифояи расмиёт то хавфҳои истифодаи беинсофона ва самаранокии нокифояи афзалиятҳои алоҳида рӯ ба рӯ мешавад. Бо назардошти камбудиҳои ошкоршуда, навсозии низоми имтиёзҳои гумрукӣ зарурати объективӣ ба назар мерасад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳудудҳои махсуси иқтисодие таъсис дода шудаанд, ки фаъолияти онҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ ва фаъолияти иқтисодии хориҷӣ равона мегардад. Яке аз вазифаҳои муҳими чунин минтақаҳо ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва таҳкими робитаи иқтисоди миллӣ бо бозори ҷаҳонӣ мебошад.

Барои таъмини ҳадафҳои мазкур дар ҳудуди МОИ низоми махсуси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ амал менамояд. Ин низом истифодаи як қатор имтиёзҳои андозӣ ва гумрукиро пешбинӣ намуда, барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ шароити нисбатан мусоиди фаъолияти иқтисодиро фароҳам месозад.

Яке аз унсурҳои асосии низоми имтиёзнок дар МОИ тартиби махсуси танзими гумрукии молҳо мебошад. Молҳое, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ворид карда мешаванд, аз нуқтаи назари татбиқи низоми гумрукӣ дорои мақоми махсус буда, нисбат ба онҳо шартҳои имтиёзноки муқарраргардида татбиқ мешаванд. Чунин тартиб ба сода намудани амалиёти вобаста ба воридоти мол, коҳиш додани хароҷоти субъектҳои хоҷагидор ва беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар МОИ яке аз воситаҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлатӣ ба ҳисоб рафта, барои рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ҷалби сармоя, васеъ намудани истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ замина фароҳам меорад.

Ҳадафҳои асосии ҷорӣ кардани низоми гумрукии имтиёзнок дар МОИ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- харочоти паст - ин барои ворид шудан ба бозори маҳаллӣ мусоидат намуда, лоиҳаҳоро барои сармоягузорон ҷолибтар мегардонад;
- тақвияти фаъолиятҳои истеҳсолӣ ва содирот, яъне озодшавӣ аз боҷҳои гумрукӣ ба резидентҳои МОИ имкон медиҳад, ки ашёи хоми воридотӣ ва таҷҳизотро бе афзоиши назарраси арзиши маҳсулоти ниҳоӣ истифода баранд ва дар натиҷа рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои хориҷӣ баланд мебардорад;
- ҷорӣ намудани технология ва таҷҳизоти муосир – ин татбиқи низоми имтиёзнок барои ворид намудани техника, таҷҳизот ва технологияҳои пешрафта шароити мусоид фароҳам оварда, ба навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад;
- тақвияти ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, яъне низоми гумрукии имтиёзнок метавонад монеаҳои марбут ба фаъолияти савдои хориҷиро коҳиш дода, иштироки субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ васеъ намояд. Дар натиҷа, барои ҷалби ширкатҳои дорои иқтидори содиротӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисодии фаромарзӣ имкониятҳои бештар ба вуҷуд меоянд. Ҳамин тариқ, имтиёзҳо вазифаи коҳиш додани харочотҳои транзаксионӣ ва молиявии фаъолияти соҳибкориро иҷро мекунанд.

Ҳадафи асосии МОИ таҳким бахшидани рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Вобасата ба ин, МОИ дорои як қатор хусусиятҳои асосӣ мебошад, ки дар зер оварда шудаанд:

- имтиёзҳои андозӣ – ин дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ низоми махсуси андозбандӣ пешбинӣ шуда метавонад. Аз ҷумла, вобаста ба қонунгузории амалкунанда, барои баъзе намудҳои андоз меъёрҳои имтиёзнок муқаррар гардида ё субъектҳои дорои мақоми муайян аз пардохти баъзе андозҳо пурра ё қисман озод карда мешаванд. Чунин тадбирҳо пеш аз ҳама ба баланд бардоштани

ҷолибияти сармоягузорӣ ва ҳавасманд намудани фаъолияти соҳибкорӣ равона шудаанд;

- содагардонии расмиёти гумрукӣ, яке аз унсурҳои муҳими фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавҷудияти тартиботи махсуси гумрукӣ мебошад. Дар доираи чунин низом амалиёти вобаста ба воридот ва содироти мол метавонад бо истифода аз расмиёти содатар ва шароити имтиёзнок анҷом дода шавад. Ин ҳолат барои кам намудани хароҷоти тиҷоратӣ ва тезонидани гардиши мол мусоидат мекунад;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои сармоягузорӣ, яъне барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ механизмҳои махсуси дастгирии сармоягузорон татбиқ карда мешаванд. Ба чунин механизмҳо таъмини кафолатҳои ҳуқуқӣ, фароҳам овардани шароити муносиби инфрасохторӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва ҳимояи манфиатҳои қонунии сармоягузорон дохил мешаванд;
- истифодаи иқтидори меҳнатии маҳаллӣ - ҷалби қувваи кории маҳаллӣ яке аз омилҳои муҳими фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва имконияти истифодаи онҳо метавонад ба коҳиш додани хароҷоти истеҳсолӣ мусоидат намуда, ҳамзамон барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолии минтақа замина фароҳам оварад.

Вобаста ба мақсади таъсисёбӣ, самти фаъолияти хоҷагидорӣ ва хусусияти имтиёзҳои пешниҳодшаванда, минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонанд ба якчанд намуд ҷудо карда шаванд. Навъҳои асосии онҳо чунин мебошанд:

1. Минтақаҳои савдои озод. Ин навъи минтақаҳо асосан барои рушди фаъолияти тиҷоратӣ ва афзоиши гардиши мол пешбинӣ гардида, барои воридот, содирот ва интиқоли мол шароити нисбатан имтиёзноки гумрукиро фароҳам меоранд. Ҳадафи асосии онҳо осон намудани амалиёти савдои хориҷӣ ва кам кардани хароҷоти марбут ба расмиёти гумрукӣ мебошад.

2. Минтақаҳои саноатӣ. Фаъолияти чунин минтақаҳо ба ташкили истеҳсолот, коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир равона карда мешавад. Дар онҳо барои корхонаҳои истеҳсолӣ шароити махсус фароҳам оварда шуда, ҷалби технологияҳои нав, таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ҳавасманд карда мешавад.
3. Минтақаҳои молиявӣ. Ин навъи минтақаҳо барои рушди фаъолияти бонкӣ, сармоягузорӣ ва дигар намудҳои хизматрасониҳои молиявӣ таъсис дода мешаванд. Тавассути фароҳам овардани муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ онҳо метавонанд ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва густариши ҳамкориҳои молиявии байналмилалӣ мусоидат намоянд.
4. Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ. Чунин минтақаҳо одатан бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодии кишвар ё минтақа ва барои рушди самтҳои алоҳидаи афзалиятнок ташкил карда мешаванд. Ба ин самтҳо метавонанд технологияҳои иттилоотӣ, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва коркарди маҳсулоти агросаноатӣ, инчунин дигар соҳаҳои дорои иқтидори баланди рушд дохил шаванд. Фаъолияти онҳо ба ташаккули кластерҳои соҳавӣ, ҷалби сармоя ва истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии маҳаллӣ равона мегардад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, барои ҷалби сармоягузорӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ таъсис дода шудаанд. Низоми имтиёзнок барои содироткунандагон як навъи сиёсати иқтисодӣ ва механизмҳои давлатӣ мебошад, ки ҳадафи он дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ширкатҳо ва корхонаҳое мебошад, ки мол ё хидматрасонии худро ба хориҷа содир мекунанд. Чунин низом ба содироткунандагон имконият медиҳад, ки дар рақобати бозори ҷаҳонӣ муваффақ бошанд ва ба рушди иқтисодиёти дохилӣ низ мусоидат мекунад.

Низоми имтиёзнок дар МОИ дорои унсурҳои зерин мебошад:

- имтиёзҳои андозӣ, ба содироткунандагон сабукиҳои андозӣ дода мешавад, ки метавонанд андозҳои гумрукӣ, арзиши иловашуда ё дигар андозҳоро дар бар гиранд;

- субсидияҳо ва кумакҳои молиявӣ.

- ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва брендинг, яъне ҳимоят аз тамғаҳои тиҷоратӣ ва маҳсулоти миллӣ барои бехатарии моликияти зеҳнӣ дар бозори ҷаҳонӣ;

- ташкили намоишгоҳҳо ва ярмаркаҳо – ин барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ дар бораи молҳои миллӣ дар хориҷа ва ёфтани шарикони нави тиҷоратӣ;

- сертификатсия ва стандартизатсия, яъне кумак дар гирифтани сертификатҳои байналмилалӣ, ки барои ворид шудан ба бозорҳои дигар зарур мебошанд;

- содасозии расмиёти гумрукӣ, яъне кам кардани бюрократия ва тартиботи гумрукӣ, ки ба содироткунандагон имкон медиҳад, ки маҳсулоти худро бе монеа ва зуд содир кунанд.

Роҳандозии чунин низом ба рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши ҳаҷми содирот, баланд бардоштани сатҳи даромад ва ҷойҳои корӣ оварда мерасонад.

Дар айни замон чунин МОИ, ба монанди МОИ “Суғд” дар шаҳри Хуҷанд; МОИ “Панҷ” дар вилояти Хатлон; МОИ “Данғара” дар вилояти Хатлон; МОИ “Ишкошим” дар ВМКБ; МОИ “Кӯлоб” дар вилояти Хатлон ба роҳ монда шудаанд.

Дар марҳилаи ибтидоии ташаккул ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аҳолӣ 1462 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда, ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷалбгардида ба 235,0 млн. сомонӣ баробар гардид. Ин нишондиҳандаҳо аз нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл ва ҷалби захираҳои сармоягузорӣ шаҳодат медиҳанд.

То соли 2024 дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар умум 96 субъекти хоҷагидории ватанӣ ва хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз рӯйи тақсимоти минтақавӣ, қисми асосии субъектҳои ба қайд гирифташуда ба минтақаи озоди иқтисодии Суғд - 41 субъект, минтақаи озоди иқтисодии Данғара - 36 субъект, минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб - 9 субъект, минтақаи озоди иқтисодии Панҷ - 17 субъект ва минтақаи озоди иқтисодии Ишкошим - 4 субъект рост меояд.

Тақсимоти мазкур нишон медиҳад, ки фаъолияти субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ яксон набуда, вобаста ба иқтидори иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, имкониятҳои инфрасохторӣ ва шароити сармоягузории ҳар як минтақа фарқ мекунад.

Дар ҷадвали 2.2.1. хусусияти асосии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.2.1. - Хусусияти асосии МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хусусиятҳои асосӣ	**МОИ «Суғд»**	**МОИ «Данғара»**	**МОИ «Ишкошим»**	**МОИ «Панҷ»**	**МОИ «Кулоб»**
Масофаи умумӣ	320	521,3	200	401,63	309,32
Шумораи андозҳои пардохтшаванда	2	2	2	2	2
Миқдори субъектон	41	36	4	17	9
Муҳлаи амали МОИ	50	25	50	50	50
Иҷораи замин	$1м^2$=0,50USD/сол				
Раводид	Раводиди махсуси МОИ барои мутахассисони хориҷӣ				
Боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз содироти маҳсулот	0%	0%	0%	0%	0%
Боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз воридоти ашёи хом ва таҷҳизот	0%	0%	0%	0%	0%

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси [www.fez.tj]

Тақсимоти МОИ гуногунии самти фаъолияти онҳоро нишон медиҳад:

- ✓ МОИ «Суғд»- аз лиҳози теъдоди резидентҳо калонтарин (41), ки ҳам ширкатҳои дохилӣ ва ҳам корхонаҳои муштаракро дар бар мегирад.
- ✓ МОИ «Данғара» - 36 резидент, қисми назарраси онҳо ба коркарди маҳсулот ва сохтмон равона шудааст.

- ✓ МОИ «Панҷ» ва «Кӯлоб» - минтақаҳои миёнаҳаҷм, ки ба содирот ва робитаҳои логистикии сарҳадӣ равона шудаанд.
- ✓ МОИ «Ишкошим» - минтақаи хурд, вале самти стратегӣ ва муҳим.

Ҳамин тириқ, афзоиши теъдоди резидентҳо ба ҷолибияти ҳавасмандиҳои иқтисодӣ ва чандирии муҳити танзимкунӣ ишора мекунад.

Самаранокии низоми гумрукии имтиёзнок метавонад тавассути нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ баҳогузорӣ шавад:

- ҳаҷми сармоя ва динамикаи он, яъне таҳлили тағйироти ҳаҷми сармоягузориҳои мустақим, дохилӣ ва хориҷӣ дар МОИ то ва пас аз ҷорӣ шудани низоми имтиёзнок ба арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ кӯмак мекунад.
- пардохтҳо ба буҷети давлатӣ**.** Гарчанде ки имтиёзҳо даромадҳоро аз пардохтҳои гумрукӣ коҳиш медиҳанд, муҳим аст таҳлил карда шавад, ки таъсири соф ба буҷети давлатӣ бо назардошти афзоиши дигар андозҳо ва фаъолияти иқтисодӣ чӣ гуна аст.
- ҷойҳои кории таъсисшуда**.** Миқдори ҷойҳои нави корӣ, ки дар қаламрави МОИ таъсис ёфтаанд, низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии низоми ҳавасманди хизмат мекунад.

То охири соли 2024 дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 107 ширкати резидентӣ ба қайд гирифта шудааст. Афзоиши шумораи субъектҳои резидентӣ аз рушди тадриҷии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар доираи низоми имтиёзноки минтақаҳои озоди иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ин раванд ҳамзамон нишон медиҳад, ки шароити махсуси иқтисодӣ ва ҳуқуқии дар ҳудуди чунин минтақаҳо пешбинишуда барои ҷалби сармоя ва рушди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ аҳаммияти муайян доранд (Ҷадвали 2.2.2).

Ҷадвали 2.2.2. - Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти МОИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2024

Нишондиҳанда	Натиҷа (дар соли 2024)
Шумораи умумии ширкатҳои бақайдгирифташудаи резидентӣ	107 корхона
Шумораи субъектҳо дар МОИ «Суғд»	41 субъект
Шумораи субъектҳо дар МОИ «Данғара»	36 субъект
Шумораи субъектҳо дар МОИ «Панҷ»	17 субъект
Шумораи субъектҳо дар МОИ «Кӯлоб»	9 субъект
Шумораи субъектҳо дар МОИ «Ишкошим»	4 субъекта
Ҳаҷми сармоягузориҳо дар МОИ (сол 2024)	114 млн. сомонӣ
Рушди сармоягузорӣ нисбат ба соли 2023	+11%
Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ (сол 2024)	523 млн. сомонӣ
Истеҳсолот дар МОИ «Суғд» (сол 2024)	442 млн сомонӣ
Содироти маҳсулот аз МОИ «Суғд» (сол 2024)	141,5 млн сомонӣ
Шумораи кормандон дар МОИ (сол 2024)	>1500 нафар (МОИ «Суғд»)
Шумораи умумии ҷойҳои корӣ, ки аз оғози фаъолият эҷод шудаанд	>1600 нафар

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси [www.fez.tj]

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.2.2 нишон медиҳад, ки дар соли 2024 фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбат дошта, ҳаҷми сармоягузории ҷалбшуда дар ин минтақаҳо ба 114 млн. сомонӣ расида, нисбат ба соли 2023 тақрибан 11 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз баланд гардидани фаъолнокии сармоягузорӣ ва тадриҷан беҳтар шудани шароити фаъолияти иқтисодӣ дар ҳудуди МОИ шаҳодат медиҳад.

Афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ, пеш аз ҳама, барои рушди иқтидорҳои истеҳсолӣ ва васеъ намудани фаъолияти субъектҳои резидентӣ замина фароҳам меорад. Дар баробари ин, чунин динамика метавонад аз афзоиши таваҷҷуҳи соҳибкорон ва сармоягузорон ба имкониятҳои мавҷудаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва эътимоди бештар ба низоми имтиёзноки онҳо дарак диҳад.

Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ низ аҳамияти назаррас доранд. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2024 тақрибан 523 млн. сомониро ташкил додааст. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки МОИ тадриҷан ба яке аз воситаҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ ва афзоиши фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидор табдил меёбанд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ низ нақши МОИ назаррас мебошад. Танҳо дар минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» шумораи ҷойҳои нави корӣ таъсисёфта дар соли 2024 аз 1500 нафар гузаштааст. Дар умум, аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ зиёда аз 1600 ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Таъсиси чунин ҷойҳои корӣ натанҳо сатҳи шуғли аҳолиро баланд мебардорад, балки барои афзоиши даромади аҳолӣ ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо низ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти МОИ нишон медиҳад, ки онҳо дар самти ҷалби сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ нақши муҳим доранд. Бо вуҷуди ин, самаранокии минбаъдаи фаъолияти МОИ аз афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳои истеҳсолӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва густариши фаъолияти содиротӣ вобастагии зиёд дорад.

Дар ҷадвали 2.2.3 фарқияти низоми андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон байни низоми умумӣ ва низоми минтақаи озоди иқтисодӣ (МОИ) нишон дода шудааст.

Ҷадвали 2.2.3. - Муқоисаи низоми умумии андозбандӣ бо низоми андозбандии МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ҳолати муқаррарӣ андозбандӣ	**Дар низоми андозбандӣ дар МОИ Тоҷикистон**
1. Андоз аз даромад (аз 13% то 20%)	1. Андоз аз даромад (12% аз музди меҳнат);
2. Андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) (15%).	2. Андози иҷтимоӣ (20% аз фонди музди меҳнат);
3. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ: (аз 12)	3. ААИ (0%)
4. Андози иҷтимоӣ (20% аз фонди музди меҳнат).	4. Андоз аз захираҳои табиӣ (0%)
5. Андоз аз амвол: (Меъёр аз намуди амвол вобаста аст ва метавонад фарқ кунад).	5. Андоз аз аксиз (0%)
6. Андоз аз замин (Меъёрҳо аз категорияи замин ва ҷойгиршавии он вобастаанд).	6.Андоз аз амвол (0%)
7. Андози аксиз (меъёрҳо вобаста ба намуди мол фарқ мекунанд).	7. Андоз аз фурӯш (алюминийи ибтидоӣ) (0)

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси [www.fez.tj]

Барои нигоҳдории маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар давоми 5 соли аввали давраи ташаккулёбии он аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағ ҷудо карда мешавад. Дар ҳудуди ҳамаи МОИ Тоҷикистон низоми содакардашудаи вуруд ва хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ амал мекунад, ки аз ҷониби Вазорати

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мувофиқаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва аз ин ҳисоб 50% супоридани пардохтҳои консулӣ, тезонидани муҳлати додани раводидҳо аз вазоратҳои болозикр иборат аст.

Дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОИ Суғд ва МОИ Данғара дар айни замон дар ҷалби сармояи хориҷӣ ва субъектҳои нав муваффақтарин мебошанд. Илова ба макони мусоиди ҷуғрофӣ дар ҳамаи МОИ Тоҷикистон мавҷуд будани имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ онҳоро барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолиб мегардонад.

Дар оянда, дар таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба шуғли доимӣ, МОИ Тоҷикистон метавонад нақши махсус дошта бошад. Азбаски тибқи низомнома дар бораи МОТ, МОИ-и Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, захираҳои меҳнатиро аз хориҷа ба вазифаҳои идоракунӣ ва техникӣ ҷалб намояд.

Акнун ҳар як МОИ-ро муфассалтар баррасӣ менамоем.

Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” дар шаҳри Хуҷанд. Минтақаи озоди иқтисодии навъи индустриалӣ-инноватсионии «Суғд» дар қисми ҷанубу ғарбии шаҳри Хуҷанд, дар ҳудуди минтақаи саноатии шаҳр ҷойгир буда, масоҳати умумии он 320 гектарро ташкил медиҳад. Ҷойгиршавии он дар ҳудуди минтақаи саноатӣ барои рушди фаъолияти истеҳсолӣ ва истифодаи имкониятҳои мавҷудаи инфрасохторӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба ин минтақа имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои шаҳрвандони ватанӣ ва хориҷӣ пешбинӣ шудаанд. Минтақаи озоди иқтисодии “Суғд” ба нақша гирифтааст, ки истеҳсоли молҳо ва хизматҳоро тавассути ҷалби технологияҳои нав ва муосир ҳавасманд кунад. Дар МОИ “Суғд” бо маблағи умуми 442 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол гардидааст, ки аз он ҳаҷми содирот 141,5 млн. сомониро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки МОИ аллакай ба кластерҳои воқеии истеҳсолӣ табдил ёфта, ба эҷоди арзиши иловагӣ ва баромадан ба бозорҳои байналмилалӣ равона шудаанд.

Таҳлили фаъолияти МОИ “Суғд” нишон медиҳад, ки соли 2024 дар натиҷа шумораи умумии субъектҳои бақайдгирифташуда ба 41 расид. Аз шумораи умумии субъектҳои бақайдгирифташуда дар ин МОИ 21 субъект ба фаъолияти хизматрасонӣ, истеҳсолӣ ва сохтмонӣ машғуланд.

Дар соли 2024 ҳаҷми сармояи хусусии ба МОИ “Суғд” воридшуда 47,3 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023 - 15,3 млн. сомонӣ ё 47,8% афзудааст. Ҳаҷми сармоягузориҳои ҷамъшуда дар МОИ “Суғд” аз оғози фаъолият 218,3 млн. сомониро ташкил додааст. Бозори эҳтимолии фурӯши МОИ “Суғд” - Қазоқистон, Озарбойҷон, Узбекистон, Туркманистон, Ироқ, Туркия, Русия ва Афғонистон мебошад.

Митнтақаи озоди иқтисодии “Панҷ” дар вилояти Хатлон. Дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон МОИ “Панҷ” бо масоҳати 400 гектар ҷойгир шудааст. Таъсиси чунин минтақа ба татбиқи маҷмуи ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ равона гардидааст. Мақсаду вазифаҳои асосии фаъолияти он аз инҳо иборат мебошад:

- мусоидат ба рушди иқтисодии вилояти Хатлон, яъне фаъолияти МОИ «Панҷ» барои истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии минтақа, афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ ва ташаккули манбаъҳои нави рушди иқтисодӣ равона карда мешавад.
- баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ - яке аз самтҳои муҳими фаъолияти МОИ фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, ҷалби қувваи кории маҳаллӣ ва дар умум беҳтар намудани имкониятҳои иқтисодию иҷтимоии аҳолии минтақа мебошад.
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, яъне барои рушди истеҳсолоти рақобатпазир истифодаи таҷҳизоти нав, технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои муосири истеҳсолот аҳаммияти хос дорад. Ин раванд ба баланд бардоштани сифати маҳсулот ва тақвияти мавқеи он дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.
- зиёд намудани иқтидори содиротии кишвар - тақвияти истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва рушди робитаҳои тиҷоратӣ барои васеъ

намудани имкониятҳои содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

- рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ. Дар доираи фаъолияти МОИ ташаккули инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, нақлиётӣ, муҳандисӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ пешбинӣ мегардад. Инфрасохтори муосир барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидор ва ҷалби сармоягузорони нав аҳаммияти муҳим дорад.
- дастгирии ташаббусҳои экологӣ ва инноватсионӣ, яъне барои ҳавасманд намудани рушди лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ метавонад пешниҳоди грантҳо ва субсидияҳо ба стартапҳои сабз, инчунин ташкили фондҳои махсуси дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешбинӣ карда шавад.
- таъмини дастрасӣ ба воситаҳои имтиёзноки маблағгузорӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои қарздиҳии имтиёзнок барои навсозии иқтидорҳои истеҳсолии амалкунанда имконият медиҳад, ки корхонаҳо таҷҳизоти худро такмил дода, самаранокии истеҳсолотро баланд бардоранд.
- тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ. Бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар самтҳои савдо, сармоягузорӣ, технология ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ метавонад барои ҷалби сармоя ва ворид намудани таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.
- дастгирии соҳибкории хурд ва миёна, яне таҳия намудани барномаҳои махсуси дастгирии субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба баланд бардоштани иқтидори онҳо, васеъ намудани иштироки онҳо дар фаъолияти савдои хориҷӣ ва ворид шудан ба бозорҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Татбиқи ин самтҳо метавонад ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ дар МОИ «Панҷ», афзоиши фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ, инчунин ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоии минтақа мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, рисолати асосии МОИ “Панҷ” фаъолияти самараноки субъектҳои иқтисодӣ тавассути пешниҳоди имтиёзҳои гумрукию андозӣ, сода кардани расмиёти маъмурӣ, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқии сармоягузорон, таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа тавассути сармоягузорӣ ба МОИ мебошад.

Дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии «Панҷ» барои субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ низоми махсуси андозбандӣ пешбинӣ гардидааст. Тибқи ин низом, субъектҳои МОИ, новобаста аз хусусияти фаъолияти худ, аз пардохти аксари намудҳои андозҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда мешаванд. Истисно ба андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ дахл дорад, ки тибқи тартиби умумии муқарраргардида пардохт карда мешаванд. Чунин имтиёзҳои андозӣ ҳамчун яке аз механизмҳои асосии ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар ҳудуди МОИ «Панҷ» баромад мекунанд.

Минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” - дар н. Данғараи в. Хатлон барои 25 сол таъсис дода шудааст. Майдони минтақа 242,31 гектарро ташкил медиҳад, ки ба қаламравҳои алоҳида тақсим шудаанд. Дар минтақа низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, гумрукӣ ва андоз, ки қонунгузории Тоҷикистон муқаррар кардааст, амал мекунанд. Мақоми маъмурии МОИ маъмурияти МОИ “Данғара” мебошад.

Ташкили минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» ба татбиқи як қатор вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сармоягузорӣ равона гардидааст. Ҳадафҳои асосии ташкили он аз самтҳои зерин иборат мебошанд:

- фаъолияти МОИ барои фароҳам овардани имкониятҳои нави шуғл ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ равона гардида, метавонад ба коҳиш додани сатҳи бекорӣ мусоидат намояд.
- рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти иқтисодӣ ва зиндагии аҳолӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти минтақа ба ҳисоб меравад.

- тақвияти фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ дар МОИ метавонад барои баланд бардоштани сатҳи фаъолияти иқтисодӣ, зиёд намудани даромади аҳолӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа замина фароҳам созад.
- таъмини шароити имтиёзноки фаъолияти иқтисодӣ, фароҳам овардани заминаи мувофиқи ҳуқуқӣ ва рушди инфрасохтор ба ҷалби сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат намуда, барои татбиқи лоиҳаҳои нави истеҳсолӣ имконият фароҳам меорад.
- иштирок дар созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ метавонад барои рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ шароити мусоид фароҳам оварда, манфиатҳои иловагиро барои субъектҳои МОИ таъмин намояд.
- дастгирии барномаҳои таълимӣ, таҳқиқоти илмӣ ва ташаббусҳои инноватсионӣ барои омода намудани мутахассисони соҳибихтисос, мутобиқ намудани кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, ҳадафҳои ташкили МОИ «Данғара» танҳо ба ҷалби сармоя ва рушди истеҳсолот маҳдуд нашуда, инчунин фарогири масъалаҳои шуғл, инфрасохтори иҷтимоӣ, рушди захираҳои инсонӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошанд.

То имрӯз дар МОИ “Данғара” 33 субъекти хоҷагидор ба қайд гирифта шудааст. Аз соли 2000 то 2021 дар МОИ Данғара тамоюли мусбати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нигоҳ дошта шуд. Аз оғози фаъолияти МОИ “Данғара” ҳаҷми сармоягузорӣ ба 1 миллиарду 950 миллиону 100 ҳазор сомонӣ расидааст. Дар соли 2022 ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолӣ дар минтақаи озоди иқтисодии “Данғара” беш аз 12 миллиону 945 ҳазор сомониро ташкил дод.

МОИ “Данғара” асосан маҳсулоти сохтмонӣ истеҳсол мекунад, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, аз ҷумла калзит, ранг,

эмулсия, конструксияҳои металлӣ, қубурҳои пластикӣ, хишт ва воситаҳои шустани зарфҳо.

Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” - дар н. Ишкошими ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 50 сол таъсис дода шудааст. Майдони умумии минтақа 200 гектарро ташкил медиҳад, ки ба қаламравҳои алоҳида тақсим шудаанд. Мақсадҳои асосии таъсиси МОИ аз ҷумла:

- ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии Тоҷикистон тавассути ҷалби сармоягузорӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ;
- таҳкими ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоративу иқтисодӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ;
- таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа;
- таъсиси инфрасохтори муосир барои дастгирии сохибкорӣ.

Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» барои ҷалби сармоягузорон муҳити нисбатан мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқиро фароҳам менамояд. Барои субъектҳои он як қатор имтиёзҳо, аз ҷумла сабукиҳои андозӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва имконияти истифодаи технологияҳои муосир пешбинӣ гардидаанд. Дар баробари ин, рушди МОИ ба рушди соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, кишоварзӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва хизматрасониҳои логистикӣ равона карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти МОИ «Ишкошим» коркарди амиқи ашёи хоми кишоварзӣ ва рушди истеҳсолоти ба он алоқаманд мебошад. Дар ин минтақа ташкили корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти пашмин, коркарди пӯсти чорвои хурду калон ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри чармӣ, аз ҷумла пойафзол ва дигар маҳсулоти чармӣ, пешбинӣ мегардад. Илова бар ин, самтҳои эҳтимолии фаъолияти истеҳсолӣ дар истеҳсолоти рангҳои сунъӣ ва синтетикӣ, крахмал, таҷҳизот ва маҳсулоти мошинсозӣ, қубурҳо, инчунин маҳсулоти дорусозӣ ва тиббиро дар бар мегиранд.

Имтиёзҳои андозӣ яке аз воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонии фаъолияти субъектҳои МОИ «Ишкошим» ба ҳисоб мераванд. Субъектҳои

дар ҳудуди минтақа амалкунанда ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ тибқи талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд аз пардохти намудҳои муайяни андозҳо озод карда шаванд. Чунин низоми имтиёзнок барои коҳиш додани хароҷоти фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди истеҳсолоти маҳаллӣ равона гардидааст.

Митақаи озоди иқтисодии “Кӯлоб” дар вилояти Хатлон - 30 октябри соли 2019, №1476 бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. МОИ “Кӯлоб” дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар майдони умумии 309,32 гектар замин ҳамчун минтақаи алоҳида (маҳдуд) ба муҳлати 50 сол таъсис дода шудааст. Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ҳамчун ҳудуди махсуси иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардида, дар доираи он барои субъектҳои хоҷагидор низоми махсуси фаъолияти иқтисодӣ татбиқ карда мешавад. Хусусияти асосии ин минтақа дар мавҷудияти тартиботи махсуси гумрукӣ ва андозӣ, инчунин механизми содагардонидашудаи бақайдгирии субъектҳои МОИ ифода меёбад.

Ҳамзамон, дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» қоидаҳои махсуси воридшавӣ ва баромади резидентон ва ғайрирезидентон муқаррар карда шудаанд. Татбиқи чунин низоми ҳуқуқию иқтисодӣ барои содагардонии расмиёти маъмурӣ, коҳиш додани монеаҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ равона гардидааст. Таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ба татбиқи як қатор ҳадафҳои муҳими иқтисодӣ ва сармоягузорӣ равона гардида, барои таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои иқтисодии минтақа замина фароҳам меорад. Самтҳои асосии ташкили МОИ «Кӯлоб» чунинанд:

- самти якум, ин баланд бардоштани иқтидори иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Ин самт барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ба минтақа ҷиҳати рушди истеҳсолот, таъсиси субъектҳои нави хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

- самти дигар ин ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ мебошад, ки барои истифодаи технология ва усулҳои пешрафтаи идоракунӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо, такмили равандҳои истеҳсолӣ ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои МОИ аҳаммияти муҳим дорад.
- тақвияти иштироки иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат самти дигари МОИ мазкур ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки ташаккули муҳити мусоиди истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ метавонад барои пайвастани субъектҳои маҳаллӣ ба занҷираҳои байналмилалии истеҳсолот ва тақсимоти меҳнат имкониятҳои бештар фароҳам созад.
- яке аз самтҳои дигар ин густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии байналмилалӣ аст, ки дар доираи он рушди робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ ба ҷалби сармоя, технология ва таҷрибаи муосир мусоидат намуда, ҳамзамон барои васеъ намудани бозорҳои фурӯш ва афзоиши иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳадафҳои таъсиси МОИ «Кӯлоб» ба ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ, рушди фаъолияти истеҳсолӣ, ворид намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва таҳкими мавқеи иқтисодиёти миллӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ равона шудаанд.

МОИ “Кӯлоб” ба сармоягузорон имтиёзҳои андоз, тартиботи содашудаи маъмурӣ, дастрасӣ ба технологияҳои муосир ва инфрасохтори рушдёфтаро пешниҳод мекунад. Дар доираи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» рушди соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, логистика ва дигар самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ пешбинӣ мегардад. Татбиқи ин самтҳо барои истифодаи самараноки имкониятҳои истеҳсолӣ ва меҳнатии минтақа, инчунин беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии он равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки сарфи назар аз афзоиши нишондиҳандаҳои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар

Тоҷикистон, имтиёзҳои амалкунандаи гумрукӣ ва андоз шумораи зиёди сармоягузоронро ҷалб намекунанд.

Таҳлили фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки истифодаи мақсаднок ва самараноки имтиёзҳои андозию гумрукӣ метавонад барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо ва таҳкими рушди иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам оварад. Имтиёзҳои мазкур на танҳо ба коҳиш додани хароҷоти фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунанд, балки барои ташаккули муҳити нисбатан мусоиди сармоягузорӣ низ аҳаммияти муҳим доранд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳлил метавон чунин хулосаҳои асосиро пешниҳод намуд:

- натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки низоми имтиёзноки гумрукӣ дар МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воситаҳои муҳими ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ба шумор меравад. Фароҳам овардани шароити мусоид ҳангоми воридоти ашёи хом, таҷҳизот ва дигар воситаҳои зарурии истеҳсолӣ метавонад хароҷоти субъектҳои хоҷагидорро коҳиш дода, барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ имкониятҳои бештар фароҳам созад.

- афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ва истеҳсоли саноатӣ дар МОИ, хусусан дар МОИ «Суғд», далели он аст, ки низоми имтиёзҳои гумрукӣ дар амал самаранок буда, ба таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мусоидат менамояд.

- имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ба афзоиши истеҳсол, балки ба густариши фаъолияти содиротӣ низ таъсири мусбат мерасонанд.

Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки истифодаи пурраи иқтидори имтиёзҳои гумрукӣ дар баъзе МОИ маҳдуд буда, масъалаҳои марбут ба инфрасохтор, расмиёти маъмурию гумрукӣ ва сатҳи огоҳии сармоягузорон аз имкониятҳои мавҷуда боқӣ мемонанд.

Қайд кардан зарур аст, ки бунёду таҳким бахшидан ва рушди инфрасохтори соҳибкории хурду миёнаи хусусӣ аз омилҳои муҳими пешбурди босуботи бахши мазкури иқтисодиёт аст. Ин масъала дар доираи

таҳияи стратегияи махсуси соҳибкории хурд бояд ба таври комплексӣ таҳия ва пешкаш гардад, зеро танҳо бо ин усусли фаъолият ба ҳадафи ниҳоӣ расидан имкон пайдо мешавад. Дар ин самт роҳандозӣ гардидани фаъолияти ҷиддӣ ва мақсаднок ҷиҳати ҳамкориҳо байни давлату сектори хусусӣ самараи дилхоҳ хоҳад дод. Инфрасохтори таъсису рушди заминаҳои моддӣ – техникии соҳибкории хурд, дастраси ба истифодаи доимии қувваи барқ, объектҳои мухталифи хизматрасонӣ – муассисаҳои бонкӣ, мақомотҳои андоз, гумрук, ташкилотҳои машваратӣ – аудиторӣ, хазинаи дастгирии соҳибкорон бо роҳи ба онҳо додани қарзҳои имтиёзноку дастрас, объектҳои воситаҳои рекламавӣ (таблиғотӣ), таъмиру тармими роҳҳои автомобилгард, корхонаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, бизнес – инкубаторҳо, муассисаҳои ғайрибонкӣ ва воҳидҳои дигари ёрирасонро дар бар мегирад.

Акнун якчанд унсури асосии нақши имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди соҳибкории истеҳсолиро дида мебароем. Якум, паст намудани хароҷоти воридот ва содирот яке аз унсурҳои муҳим аст. Чунин имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкорон имконият медиҳанд, ки молу маҳсулотро бо хароҷоти камтар ворид ё содир намоянд. Ин ба коҳиши арзиши умумии маҳсулот ва афзоиши фоидаи ширкатҳо мусоидат мекунад. Дуюм, дастгирии рушди соҳаҳои муайян мебошад. Имтиёзҳои гумрукӣ аксар вақт ба соҳаҳои афзалиятнок дода мешаванд, ки ин боиси ҷалби сармоя ва технологияҳо ба соҳаҳои интихобшуда мегардад. Барои мисол, имтиёзҳои воридотӣ барои технологияи нав ё таҷҳизоти истеҳсолӣ метавонад ба муосирсозии истеҳсолот ва баланд бардоштани сифати маҳсулот мусоидат намояд. Сеюм, баланд бардоштани ҳаҷми сармоягузорӣ унсури дигари рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Вақте ки Ҳукумат имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод мекунад, ин таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро ба кишвар зиёд мекунад. Онҳо ба шароити имтиёзнок муносибат намуда, омода мешаванд, ки маблағгузорӣ намоянд, зеро имтиёзҳо имконияти фоидаовариро зиёд мекунанд. Чорум, сохтани ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ унсури муҳимтари маҳсуб меёбад, зеро рушди соҳибкорӣ тавассути

имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ба худи соҳибкорон, балки ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳангоми афзоиши сармоягузорӣ ва рушди ширкатҳо ҷойҳои корӣ эҷод мешаванд, ки ба сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Дар умум, имтиёзҳои гумрукӣ як воситаи муҳими дастгирии давлатӣ барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ба ҳисоб мераванд. Ба шарофати ин имтиёзҳо, кишвар метавонад ба рушд ва пешрафти иқтисодиёт ва афзоиши некӯаҳволии ҷамъият ноил гардад.

2.3. Баҳодиҳии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Арзёбии робитаи байни рушди соҳибкорӣ ва ҳаҷму шаклҳои имтиёзҳои гумрукӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар муайян намудани самаранокии сиёсати иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили чунин вобастагӣ имкон медиҳад, ки нақши механизмҳои имтиёзнок дар дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими бахши хусусӣ муайян карда шавад.

Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои сиёсати иқтисодии давлат метавонанд барои фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ истифода шаванд. Тавассути коҳиш ё бекор намудани баъзе пардохтҳои гумрукӣ хароҷоти вобаста ба воридоти ашёи хом, таҷҳизот ва дигар захираҳои истеҳсолӣ кам гардида, имкониятҳои рушди корхонаҳо васеъ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин имтиёзҳо вобаста ба мақсад ва самти фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ пешниҳод мегарданд. Онҳо метавонанд ба субъектҳои соҳибкории хурду миёна ва инчунин ба корхонаҳое, ки дар соҳаҳои барои иқтисоди миллӣ муҳим фаъолият менамоянд, татбиқ карда шаванд. Ҳадафи асосии чунин дастгирӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, таҳкими рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ ва фароҳам овардани шароит барои густариши фаъолияти онҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ чанд самараи калидӣ ҷудо карда мешаванд, ки метавонанд тавассути имтиёзҳои гумрукӣ ба даст оварда шаванд:

- ташвиқи фаъолиятҳои сармоягузорӣ, махсусан дар бахшҳои технологӣ ва истеҳсолӣ;

- навсозии пойгоҳи истеҳсолӣ, аз ҷумла воридоти таҷҳизот ва техникаи муосир;

- рушди содирот ва коҳиш додани хароҷоти фаъолияти соҳибкорӣ;

- ташвиқи самтҳои нави тиҷоратӣ, аз ҷумла стартапҳо ва сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияҳои зерин имтиёз дода шудаанд:

1. Кишварҳое бо ставкҳои боҷи сифр (рӯйхат ба Афғонистон, Бенин, Бурунди, Мали, Мозамбик ва ғайра дохил мешавад) барои ташвиқи ҳамкории иқтисоди хориҷӣ;

2. Категорияҳои молҳое, ки аз пардохтҳои гумрукӣ озод карда мешаванд:

- таҷҳизоти кишоварзӣ;

- таҷҳизоти истеҳсолӣ ва технологӣ;

- молҳои тиббӣ ва фармасевтӣ.

Ин чораҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №450 (2003), №93 (2013), №193 (2006) ва тағйироти баъдӣ муқаррар шудаанд. Имтиёзҳо ба коҳиш додани хароҷоти тиҷорат дар таъминоти воридотӣ ва навсозии иқтидори истеҳсолӣ равона шудаанд.

Пойгоҳи методологии таҳқиқот таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳо, ҳисобкунии суръати афзоиш, таҳлили коррелятсионӣ ва инчунин таҳлили сохтории категорияҳои молҳои имтиёзпазирро ба ҳисоб мегирад.

Ба методологияи таҳқиқоти мо дохил мешаванд:

- сохтани матритсаи коррелятсионӣ байни тағйирёбандаҳо барои муайян кардани самт ва алоқамандии нишондиҳандаҳо;
- арзёбии таносуби регрессия барои таҳлили миқдории таъсир;
- тафсири иқтисодии натиҷаҳо бо назардошти сиёсати иқтисодии хориҷӣ.

Барои арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкорӣ модели регрессионии хаттии бисёромила истифода шудааст:

$$Yt = \beta_0 + \beta_1 X_1 t + \beta_2 X_2 t + \beta_3 X_3 t + \varepsilon t \qquad (1)$$

ки дар он:

Yt – шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъоли соҳибкорӣ дар соли t.

$X_1 t$ – ҳаҷми боҷҳои гумрукӣ (млн. $) дар соли t. Ин нишондиҳанда таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба фаъолияти соҳибкориро нишон медиҳад.

$X_2 t$ – ҳаҷми воридот (млн. $) дар соли t. Воридот метавонад ба талабот ва имконияти фаъолияти соҳибкорӣ таъсир расонад.

$X_3 t$ – ҳаҷми содирот (млн. $) дар соли t. Содирот нишон медиҳад, ки кадом андоза ширкатҳо дар бозори хориҷӣ фаъоланд ва ин ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ таъсир дорад.

β_0 – устувории модели хаттӣ (константа).

β_1, β_2, β_3 – коэффитсентҳои регрессия, ки таъсири ҳар як омилро ба Yt нишон медиҳанд. Масалан, β_1 нишон медиҳад, ки як миллион доллар афзоиши боҷҳои гумрукӣ ба шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ чӣ қадар таъсир мерасонад.

εt – хато ё компонентҳои тасодуфӣ, ки амсила бо онҳо пурра фаҳмонда намешавад.

Ҳоло ҳар як унсурро ба таври муфассал шарҳ медиҳем:

1. Yt – шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъол - ин тағйирёбанда (dependent variable) аст, яъне он чизе, ки мо мехоҳем пешгӯӣ ё арзёбӣ кунем. Дар ин модел, Yt шумораи ширкатҳо, корхонаҳо ва субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки дар соли t фаъол мебошанд.

2. $X_1 t$ – ҳаҷми боҷҳои гумрукӣ (млн. $) - ин тағйирёбандаи мустақил (independent variable) аст. Он нишон медиҳад, ки чӣ қадар боҷҳои гумрукӣ ҷамъ шудааст ё барои фаъолияти соҳибкорӣ имтиёзҳо дода шудааст.

β_1 – коэффитсиенти регрессия аст, ин нишон медиҳад, ки агар боҷҳои гумрукӣ ба андозаи як миллион доллар зиёд шавад, шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ чӣ қадар тағйир меёбад.

Агар $\beta_1 > 0$ бошад, пас афзоиши боҷҳо ба зиёд шудани шумораи субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат мекунад;

Агар $\beta_1 < 0$ бошад, пас афзоиши боҷҳо ба кам шудани субъектҳои соҳибкорӣ боис мегардад.

3. X_2t – ҳаҷми воридот (млн. $) - ин нишондиҳанда ҳаҷми молу маҳсулоте мебошад, ки аз хориҷ ба кишвар ворид шудааст.

- β_2 – таъсири воридот ба шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорирро нишон медиҳад. Масалан, афзоиши воридот метавонад ба рақобат таъсир расонад ва баъзе субъектҳои соҳибкориро водор ба мутобиқ шудан ё қатъ кардани фаъолият кунад.

4. X_3t – ҳаҷми содирот (млн. $) - ин тағйирёбанда нишон медиҳад, ки субъектҳои соҳибкорӣ чӣ қадар маҳсулотро ба хориҷ содирот мекунанд.


β_3 – таъсири содирот ба шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкорӣ. Афзоиши содирот одатан ба рушди субъектҳои соҳибкорӣ ва зиёд шудани шумораи фаъоли онҳо мусоидат мекунад.

5. β_0 – константа - ин қимати Yt-ро нишон медиҳад, вақте ки ҳамаи Xt-ҳо баробар ба сифр бошанд. Ба ибораи дигар, β_0 шумораи субъектҳои фаъоли соҳибкориро бо ҳисоби сифр барои боҷҳо, воридот ва содирот муайян мекунад.

6. εt – хато ё компонентҳои тасодуфӣ - ин унсур тамоми таъсирҳои дигареро, ки дар модел ҳисоб нашудаанд, фаро мегирад. εt сабабҳои ғайриқонунӣ, тағйироти бозор, тағйироти сиёсӣ ва омилҳои дигарро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, ки модели регрессионии хаттии бисёромила имкон медиҳад, ки таъсири ҳар як омилро алоҳида ва ҳамзамон бо дигар омилҳо таҳлил кунем ва дар асоси он пешгӯӣ барои шумораи субъектҳои фаъол дар оянда дар шароити гуногуни пардохтҳо анҷом дода шавад.

Дар расми 2.3.1. мо модели регрессионии хаттии бисёромила ва таъсир ба фаъолияти соҳибкориро бо чунин омилҳо, аз қабили содирот, воридот ва боҷҳои гумрукӣ арзёбӣ намудем (Расми 2.3.1).



Расми 2.3.1. - Модели регрессионии хаттии бисёромила барои арзёбии таъсири боҷҳои гумрукӣ, воридот ва содирот ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Самтҳое, ки дар расми 2.3.1 нишон дода шудаанд, самти таъсири мустақими ҳар як омилро ба нишондиҳандаи вобаста инъикос менамоянд. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як тағйирёбандаи мустақил ба таври мустақим ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонад ва тағйирёбии онҳо метавонад ба тағйирёбии фаъолияти соҳибкорӣ оварда расонад.

Афзоиши ҳаҷми содирот одатан бо густариши истеҳсолот, афзоиши рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ ва васеъ гардидани бозорҳои фурӯш алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ, зиёд гардидани ҳаҷми содирот метавонад ба зиёдшавии шумораи субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намояд. Коэффитсиенти $\beta_1\beta_{1}\beta_1$ дараҷаи таъсири содиротро ба тағйирёбии нишондиҳандаи вобаста муайян мекунад. Агар арзиши он мусбат бошад, ин

нишон медиҳад, ки зиёд шудани содирот ба афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Воридот низ яке аз омилҳои муҳими таъсиррасон ба муҳити соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Аз як ҷониб, афзоиши воридоти молу маҳсулоти хориҷӣ метавонад муҳити рақобатиро дар бозори дохилӣ тақвият дода, субъектҳои соҳибкориро ба баланд бардоштани сифати маҳсулот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва беҳтар намудани самаранокии фаъолияти худ водор созад. Дар чунин шароит рақобати солим метавонад барои пайдоиши имкониятҳои нави соҳибкорӣ ва рушди фаъолияти иқтисодӣ замина фароҳам оварад. Аз ҷониби дигар, афзоиши назарраси воридоти маҳсулоти хориҷӣ метавонад фишори рақобатиро ба истеҳсолкунандагони ватанӣ зиёд намояд. Хусусан дар ҳолатҳое, ки маҳсулоти воридотӣ бо нархи нисбатан паст ба бозори дохилӣ ворид мешавад, корхонаҳои маҳаллӣ метавонанд бо мушкилоти нигоҳ доштани ҳиссаи бозор ва рақобатпазирии маҳсулоти худ рӯ ба рӯ шаванд. Аз ин рӯ, сиёсати гумрукӣ бояд тавре ташаккул дода шавад, ки байни ҳавасмандгардонии савдои хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони миллӣ тавозуни оқилона таъмин карда шавад.

Аз ин рӯ, таъсири воридот ба фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ҳам мусбат ва ҳам манфӣ бошад. Коэффитсиенти $\beta_2\beta_{2}\beta_2$ нишон медиҳад, ки тағйирёбии воридот то чӣ андоза ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонад.

Омили сеюм – боҷҳои гумрукӣ мебошад, ки яке аз воситаҳои муҳими танзими савдои хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Боҷҳои гумрукӣ метавонанд ҳам ҳамчун воситаи ҳифзи истеҳсолкунандагони миллӣ ва ҳам ҳамчун манбаи даромади буҷети давлатӣ истифода шаванд. Аммо сатҳи аз ҳад зиёди боҷҳои гумрукӣ метавонад фаъолияти соҳибкориро маҳдуд намояд, зеро он хароҷоти воридоти ашёи хом ва таҷҳизотро зиёд мекунад. Дар айни замон, коэффитсиенти $\beta_3\beta_{3}\beta_3$ дараҷаи таъсири боҷҳои гумрукиро ба фаъолияти соҳибкорӣ нишон медиҳад. Агар ин коэффитсиент манфӣ бошад, ин маънои

онро дорад, ки зиёд шудани боҷҳои гумрукӣ ба кам шудани шумораи субъектҳои соҳибкорӣ оварда мерасонад.

Дар модел инчунин константа $\beta_0\beta_{0}\beta_0$ мавҷуд мебошад, ки сатҳи миёнаи нишондиҳандаи вобастаро дар ҳолате инъикос мекунад, ки ҳамаи тағйирёбандаҳои мустақил ба сифр баробар бошанд. Ин параметр аҳамияти ибтидоии модели иқтисодӣ-омориро нишон медиҳад. Ғайр аз ин, дар модел унсури хатогӣ (εtε_tεt) ба назар гирифта шудааст, ки таъсири дигар омилҳои ба модел дохилнашударо инъикос мекунад.

Самтҳо нишон медиҳанд таъсири мустақими ҳар як омил ба Yt ва β_1, β_2, β_3 коэффитсентҳои регрессия мебошанд. Константа β_0 ва хато $Ɛ_t$ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Истифодаи модели регрессионии хаттии бисёромила имконият медиҳад, ки на танҳо самти таъсир, балки қувваи таъсири ҳар як омил ба фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шавад. Бо истифода аз чунин усулҳои таҳлил метавон самаранокии сиёсати гумрукӣ ва савдои хориҷиро арзёбӣ намуда, чораҳои такмилдиҳии муҳити соҳибкориро пешниҳод кард. Дар натиҷа, таҳлилҳои регрессионӣ метавонанд ҳамчун асоси илмӣ барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва дастгирии рушди фаъолияти соҳибкорӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тариқ, модели таҳияшуда имкон фароҳам меорад, ки таъсири нишондиҳандаҳои содирот, воридот ва ҳаҷми боҷҳои гумрукӣ ба сатҳи рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-оморӣ муайян ва арзёбӣ карда шавад. Татбиқи чунин усулҳои таҳлилӣ барои ошкор намудани робитаҳои байни нишондиҳандаҳои сиёсати савдои хориҷӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин муайян намудани дараҷаи таъсири ҳар як омили алоҳида аҳаммияти муҳим дорад.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи таҳлилӣ барои таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизми танзими гумрукӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати гумрукӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Ин, дар навбати худ, барои

ташаккули сиёсати иқтисодии мутаносиб ва таҳкими рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

Барои муайян кардани иртиботи байни шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, матритсаи коррелятсионӣ барои давраи 2013-2024 сохта шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвал 2.3.1 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 2.3.1. - Матритсаи коррелятсионӣ, солҳои 2013 - 2024

Нишондиҳанда	Субъектҳо	Боҷҳои гумрукӣ	Воридот	Содирот
Субъектҳо	1,00	0,72	0,65	0,84
Боҷҳои гумрукӣ	0,72	1,00	0,79	0,88
Воридот	0,65	0,79	1,00	0,76
Содирот	0,84	0,88	0,76	1,00

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Матритсаи коррелятсионӣ барои муайян намудани самт ва дараҷаи алоқамандии байни субъектҳо, боҷҳои гумрукӣ, воридот ва содирот истифода мешавад. Коэффитсиенти коррелятсия дар ҳудуди аз -1 то +1 ҷойгир шуда, қимати мусбат алоқамандии мустақим ва қимати манфӣ алоқамандии баръаксро нишон медиҳад. Қиматҳои ба 1 наздик аз мавҷудияти алоқамандии нисбатан қавӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар матритсаи пешниҳодшуда ҳамаи коэффитсентҳои байни нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда мусбат мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки дар давраи таҳлилӣ афзоиши яке аз нишондиҳандаҳо, бо афзоиши нишондиҳандаи дигар ҳамсамт мебошад.

Якум, алоқамандии субъектҳои хоҷагидорӣ ва боҷҳои гумрукӣ – ин коэффитсиенти коррелятсия байни субъектҳо ва боҷҳои гумрукӣ 0,72-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда аз мавҷудияти алоқамандии мустақим ва нисбатан қавӣ байни Y ва X_1 шаҳодат медиҳад. Қимати 0,72 нишон медиҳад, ки тағйирёбии шумора ё фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ марбут ба низоми савдои хориҷӣ бо тағйирёбии воридоти боҷҳои гумрукӣ ҳамсамт мебошад. Ба таври иқтисодӣ ин метавонад чунин маъно дошта бошад, ки зиёд шудани шумораи субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва васеъ гардидани фаъолияти онҳо метавонад василаи васеъшавии заминаи андозбанди-

шавандаи гумрукиро фароҳам намояд. Бо вуҷуди ин, коррелятсия сабабиятро мустақиман исбот намекунад. Ба ин робита инчунин ҳаҷми савдои хориҷӣ, сохтори молҳо, тарифҳои гумрукӣ, имтиёзҳои гумрукӣ ва дигар омилҳои макроиқтисодӣ таъсир расонида метавонанд.

Дуюм, алоқамандии субъектҳои хоҷагидорӣ ва воридот - ин маънои онро дорад, ки коэффитсиенти байни субъектҳо ва воридот 0,65 мебошад. Ин нишондиҳанда алоқамандии мустақими миёна ба қавии натиҷаи дурнамошаванда бо омилҳои таъсиррасонро ифода мекунад.

Яъне дар давраи таҳлилӣ афзоиши фаъолияти субъектҳои иқтисодии беруна бо афзоиши ҳаҷми воридот ҳамроҳӣ кардааст. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, субъектҳои бештар ё фаъолтар метавонанд боиси васеъ гардидани доираи амалиёти воридотӣ, зиёд шудани талабот ба молҳои хориҷӣ ва афзоиши гардиши савдои хориҷӣ гарданд. Дар муқоиса бо робитаи «субъектҳо - содирот» **(**0,84**),** робитаи «субъектҳо - воридот» нисбатан пасттар мебошад. Ин фарқият метавонад нишон диҳад, ки дар сохтори фаъолияти субъектҳои таҳлилшаванда омилҳои марбут ба содирот нақши бештар доштаанд.

Сеюм, алоқамандии субъектҳои хоҷагидорӣ ва содирот. Дар ин ҳолат коэффитсиенти коррелятсия 0,84 мебошад. Ин яке аз баландтарин нишондиҳандаҳои матритса буда**,** алоқамандии хеле қавии мусбатро бо нишондиҳандаи ҷамъбастӣ нишон медиҳад. Ин натиҷа аҳамияти махсуси иқтисодӣ дорад. Он нишон медиҳад, ки афзоиши фаъолияти субъектҳо бо афзоиши содирот ҳамсамт мебошад. Яъне рушди субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ метавонад барои васеъ намудани иқтидори содиротии кишвар замина фароҳам оварад.

Чорум, вобастагии боҷҳои гумрукӣ ва воридот. Коэффитсиенти коррелятсия 0,79 мебошад. Ин нишондиҳанда аз алоқамандии қавӣ ва мусбат шаҳодат медиҳад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, робитаи мазкур қобили таваҷҷуҳи махсус аст. Воридот яке аз омилҳои асосии ташаккули даромадҳои гумрукӣ мебошад. Ҳангоми зиёд шудани арзиш ва ҳаҷми молҳои

воридшаванда, дар шароити нисбатан устувори меъёрҳои тарифӣ, заминаи ҳисобкунии пардохтҳои гумрукӣ низ васеъ мегардад. Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки боҷҳои гумрукӣ на танҳо аз ҳаҷми воридот, балки аз меъёрҳои тарифӣ, сохтори молҳои воридотӣ, имтиёзҳои гумрукӣ, арзиши гумрукӣ ва қурби асъор вобаста мебошанд.

Панҷум, алоқамандии боҷҳои гумрукӣ ва содирот мебошад. Баландтарин коэффитсиенти матритса 0,88 буда, байни боҷҳои гумрукӣ ва содирот мушоҳида мешавад. Ин нишондиҳанда аз алоқамандии хеле қавии мусбат шаҳодат медиҳад. Қимати 0,88 маънои онро дорад, ки тағйирёбии ин ду нишондиҳанда дар давраи таҳлилӣ асосан дар як самт сурат гирифтааст. Аз нуқтаи назари таҳлили иқтисодӣ, ин метавонад нишон диҳад, ки рушди фаъолияти савдои хориҷӣ ва васеъ гардидани гардиши содиротӣ бо тағйирёбии нишондиҳандаҳои гумрукӣ ҳамроҳӣ кардааст.

Аммо дар ин ҷо низ бояд аз шарҳи сабабию натиҷавӣ худдорӣ кард. Коррелятсияи баланд маънои онро надорад, ки афзоиши боҷҳои гумрукӣ ҳатман сабаби афзоиши содирот шудааст. Эҳтимол ҳар ду нишондиҳанда таҳти таъсири омилҳои сеюм, аз ҷумла рушди иқтисодӣ, тағйирёбии нархҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии қурби асъор, ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ ва талаботи хориҷӣ қарор дошта бошанд.

Шашум, алоқамандии воридот ва содирот. Коэффитсиенти байни воридот ва содирот 0,76 мебошад. Ин низ алоқамандии қавии мусбат мебошад. Робитаи мазкур нишон медиҳад, ки афзоиши воридот дар давраи таҳлилӣ бо афзоиши содирот ҳамсамт будааст. Ин метавонад бо хусусияти сохтори иқтисоди миллӣ шарҳ дода шавад. Масалан, воридоти таҷҳизот, техника, ашёи хом ва дигар захираҳои истеҳсолӣ метавонад барои рушди истеҳсолоти содиротӣ замина фароҳам оварад. Аз ин нуқтаи назар, афзоиши воридот на ҳамеша нишондиҳандаи манфӣ мебошад. Агар воридот асосан аз молҳои сармоявӣ, таҷҳизоти технологӣ ва ашёи хоми истеҳсолӣ иборат бошад, он метавонад иқтидори истеҳсолӣ ва содиротии кишварро дар оянда зиёд намояд.

Ҷадвал 2.3.2. - Муқоисаи коэффитсиентҳо

Ҷуфти нишондиҳандаҳо	**Коэффитсиенти коррелятсия**	**Арзёбии робита**
Субъектҳо – Боҷҳои гумрукӣ	0,72	Мусбати қавӣ
Субъектҳо – Воридот	0,65	Мусбати миёна-қавӣ
Субъектҳо – Содирот	0,84	Мусбати хеле қавӣ
Боҷҳои гумрукӣ – Воридот	0,79	Мусбати қавӣ
Боҷҳои гумрукӣ – Содирот	0,88	Мусбати хеле қавӣ
Воридот – Содирот	0,76	Мусбати қавӣ

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Натиҷаҳои матритса нишон медиҳанд, ки ҳамаи робитаҳои таҳлилшуда мусбат ва нисбатан баланд мебошанд. Баландтарин сатҳи алоқамандӣ байни боҷҳои гумрукӣ ва содирот - 0,88, инчунин байни субъектҳо ва содирот - 0,84 ба қайд гирифта шудааст. Ин натиҷаҳо аҳамияти фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ва механизмҳои гумрукиро дар рушди гардиши савдои хориҷӣ нишон медиҳанд. Ҳамзамон, робитаи боҷҳои гумрукӣ ва воридот - 0,79 ва воридот ва содирот - 0,76 низ қавӣ мебошад. Ин метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки тағйирёбии воридот ва содирот дар давраи таҳлилӣ ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои гумрукӣ алоқаманд мебошад.

Аз нуқтаи назари сиёсати иқтисодӣ, натиҷаҳо зарурати такмили идоракунии гумрукӣ, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, ҳадафманд намудани имтиёзҳои гумрукӣ ва дастгирии воридоти дорои хусусияти истеҳсолиро нишон медиҳанд. Ҳамзамон, сиёсати гумрукӣ бояд ба таври бештар ба рушди содироти маҳсулоти рақобатпазир ва дорои арзиши иловашуда равона карда шавад.

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки:

- афзоиши содирот боиси афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ мегардад ва нишон медиҳад, ки имтиёзҳои содиротӣ барои рушди соҳибкорӣ нақши муҳими стратегӣ доранд;
- афзоиши воридот имконият медиҳад, ки субъектҳо ба ашёи хом ва таҷҳизот дастрасӣ пайдо кунанд, ки ба рушди истеҳсолот ва фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад;

- бо вуҷуди афзоиши боҷҳои гумрукӣ, шумораи субъектҳои соҳибкорӣ кам намешавад, ки нишон медиҳад механизмҳои имтиёзҳо ва дастгирии давлатӣ ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд;
- имтиёзҳои гумрукӣ ба афзоиши фаъолият дар миёна ва дарозмуддат мусоидат мекунанд, ки ин барои таҳияи сиёсати иқтисодии устувор аҳамияти стратегӣ дорад.

Матритсаи коррелятсионии таҳияшуда нишон медиҳад, ки байни шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва содирот иртиботи мусбати қавӣ вуҷуд дорад (0,84). Ин нишон медиҳад, ки афзоиши содирот боиси афзоиши шумораи субъектҳои соҳибкорӣ мегардад. Боҷҳои гумрукӣ ва воридот низ бо шумораи субъектҳои соҳибкорӣ иртиботи мусбат доранд (0,72 ва 0,65), яъне онҳо низ ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд.

Коэффитсиенти баланди коррелятсионӣ байни ҳаҷми содирот ва боҷҳои гумрукӣ, ки 0,88-ро ташкил медиҳад, аз мавҷудияти вобастагии назаррас байни ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳад. Ин натиҷа метавонад нишон диҳад, ки татбиқи механизмҳои имтиёзнок дар соҳаи гумрук барои фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати густариши фаъолияти содиротӣ ва дар натиҷа, рушди субъектҳои соҳибкорӣ аҳаммияти муайян дорад.

Натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ нишон медиҳанд, ки байни нишондиҳандаҳои мавриди таҳқиқ ва шумораи субъектҳои соҳибкорӣ робитаи мусбат мавҷуд мебошад. Ин ҳолат нақши омилҳои вобаста ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва механизмҳои имтиёзноки гумрукиро дар ташаккули шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамояд. Бо вуҷуди ин, коэффитсиенти коррелятсионӣ худ аз худ робитаи сабабию натиҷавиро исбот намекунад. Аз ин рӯ, барои муайян намудани таъсири мустақими имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ зарур аст, ки натиҷаҳои коррелятсионӣ бо таҳлили регрессионӣ ва дигар усулҳои иқтисодӣ-оморӣ пурра карда шаванд.

Барои муайян кардани таъсири миёна ва сатҳҳои қавии омилҳо ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ, модели регрессияи бисёромила истифода шуд. Натиҷаҳои таҳлил дар ҷадвал 2.3.3. оварда шудаанд.

Ҷадвал 2.3.3. - Модели регрессияи бисёромила

Нишондиҳанда	Коэффитсиенти β	Хатои стандартӣ	t-статистика	Моҳият
Константа	31000	1250	24,8	Шумораи ибтидоии субъектҳои соҳибкорӣ
Боҷҳои гумрукӣ	4,2	1,1	3,82	Афзоиши боҷҳо ба миқдори субъектҳо 4–5 нафар илова мекунад
Воридот	1,1	0,5	2,2	Афзоиши воридот 1 млн $ шумораи субъектҳоро 1 нафар зиёд мекунад
Содирот	6,8	1,3	5,23	Афзоиши содирот 1 млн $ шумораи субъектҳоро 6–7 нафар зиёд мекунад

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Модели регрессияи бисёромилаи таҳия шуда нишон дод, ки константа нишон медиҳад, ки бидуни таъсири омилҳои беруна шумораи ибтидоии субъектҳои соҳибкорӣ тақрибан 31000 мебошад. Боҷҳои гумрукӣ ва воридот таъсири мусбат доранд, вале содирот таъсири қавитар дорад ва ҳамчун омили калидӣ барои рушди субъектҳои соҳибкорӣ амал мекунад. Ҳамаи коэффитсиентҳои оморӣ аҳамият доранд ва нишон медиҳанд, ки таъсири омилҳо ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар як вақти муайян боэътимод аст.

Ҳамин тавр, регрессияи бисёромила нишон медиҳад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳо барои таҳлили сиёсати иқтисодӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

ХУЛОСАИ БОБИ 2-ЮМ

Таҳлил нишон дод, ки шумораи субъектҳои соҳибкории фаъол дар солҳои 2013-2024 тадриҷан афзоиш ёфта, махсусан соли 2024 ба 37264 расидааст ва нишонаи он аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ таъсири мусбат доранд.

Таъсири содирот нисбат ба дигар омилҳо қавитар буда (β_3 = 6,8), ки нишон медиҳад, афзоиши содирот ҳар як миллион доллар шумораи субъектҳои соҳибкориро тақрибан 6-7 нафар зиёд мекунад. Имтиёзҳои

содиротӣ ва дастгирии фаъолиятҳои содиротӣ ҳамчун воситаи стратегии рушди соҳибкорӣ аҳамияти махсус доранд.

Афзоиши боҷҳои гумрукӣ ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ монеа намешавад, балки таъсири мусбат дорад ($\beta_1 = 4,2$). Ҳар миллион доллари боҷ ба шумораи субъектҳои соҳибкории фаъол 4-5 нафар илова мекунад. Ин нишон медиҳад, ки механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ самаранок амал мекунанд ва ба рушди соҳибкорӣ мусоидат мекунанд.

Натиҷаи модели регрессионӣ нишон медиҳад, ки афзоиши ҳаҷми воридот ба шумораи субъектҳои соҳибкорӣ таъсири мусбат мерасонад. Коэффитсиенти регрессия $\beta_2 = 1,1$ мебошад, ки тибқи он зиёд шудани ҳаҷми воридот ба ҳар 1 млн. доллар метавонад бо афзоиши тақрибан як субъекти хоҷагидор алоқаманд бошад. Чунин натиҷа аз он шаҳодат медиҳад, ки воридоти ашёи хом, таҷҳизот ва дигар воситаҳои зарурии истеҳсолӣ метавонад барои густариши фаъолияти корхонаҳо ва баланд бардоштани самаранокии онҳо шароити мусоид фароҳам оварад. Дастрасии нисбатан осон ба захираҳои истеҳсолии хориҷӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ имкон медиҳад, ки иқтидорҳои истеҳсолии худро васеъ намуда, технологияҳои навро истифода баранд ва рақобатпазирии фаъолияти худро тақвият диҳанд.

Матритсаи коррелятсионӣ нишон дод, ки байни шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ иртиботи мусбат вуҷуд дорад (содирот 0,84, боҷҳои гумрукӣ 0,72, воридот 0,65). Ҳамаи коэффитсиентҳо дар модели регрессияи бисёромилаи оморӣ аҳамият доранд ва таъсири омилҳоро боэътимод нишон медиҳанд.

Натиҷаҳои таҳлил барои таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва стратегияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас доранд. Бо дарназардошти имкониятҳои маҳдуди истеҳсолоти дохилӣ, воридоти ашёҳо барои Тоҷикистон аҳамияти зиёд дорад ва барои таъмини бозори дохилӣ ва рушди иқтисодиёт зарур аст.

Аз ҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти технологияи нав, ашёи хом ва лавозимоти зарурӣ барои

истеҳсолот пешниҳод мегардад, ки ин боиси ҳавасмандгардонии соҳибкорон мегардад.

Баъзе намуди имтиёзҳои пешниҳодшуда инҳоянд:

- озодкунӣ аз пардохтҳои гумрукӣ барои воридоти таҷҳизотҳои истеҳсолӣ;
- тахфифҳо дар пардохти боҷи гумрукӣ барои ашёи хоми зарурӣ;
- имтиёзҳо барои ширкатҳои навтаъсис ва истеҳсолкунандагони молу маҳсулоти миллӣ.

Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи дастгирии соҳибкорӣ барои коҳиш додани хароҷоти воридоти таҷҳизот, техника, ашёи хом ва дигар захираҳои истеҳсолӣ аҳаммияти муҳим доранд. Ҳадафмандона истифода намудани чунин имтиёзҳо метавонад ба навсозии иқтидори истеҳсолӣ, баланд гардидани рақобатпазирии корхонаҳои ватанӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои густариши фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ набояд ҳамчун далели мустақими таъсири сабабию натиҷавии имтиёзҳои гумрукӣ шарҳ дода шаванд. Баланд будани коррелятсия танҳо ҳамсамтии тағйирёбии нишондиҳандаҳоро инъикос менамояд. Аз ин рӯ, барои арзёбии воқеии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ зарур аст, ки ба таҳлил ҳаҷми имтиёзҳои пешниҳодшуда, шумораи баҳрабарандагон, намудҳои молҳои аз пардохт озодшуда, сармоягузорӣ, ҷойҳои нави корӣ, истеҳсолот ва дигар нишондиҳандаҳои натиҷавӣ низ дохил карда шаванд.

Баланд бардоштани самаранокии сиёсати гумрукӣ тақозо менамояд, ки имтиёзҳо бештар ҳадафманд ва ба самтҳои истеҳсолӣ равона карда шаванд. Пеш аз ҳама, дастгирии воридоти таҷҳизоти технологӣ, техника, ашёи хом ва дигар воситаҳои истеҳсолӣ, инчунин рушди содироти маҳсулоти рақобатпазир ва дорои арзиши иловашуда аҳаммияти бештар дорад. Ҳамзамон, рақамикунонии расмиёти гумрукӣ, баланд бардоштани шаффофияти пешниҳоди имтиёзҳо ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои онҳо метавонад барои такмили сиёсати гумрукӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи илмӣ ва амалиро таъмин намояд.

БОБИ 3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛӢ - ИҚТИСОДИИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

3.1. Такмили танзими давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ

Дар фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати танзими институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар низоми таъсири давлатӣ ба фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Бо дарназардошти он, ки дар мамлакат маҳдудияти захираҳои сармоягузории дохилӣ ба чашм мерасад, зарур мегардад барои ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии буруна ба имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун фишанги муҳими он таваҷҷуҳи хоса ҷудо намуд. Зеро «имтиёзҳои гумрукӣ воситаи муассири сиёсати иқтисодӣ мебошанд, ки ба кам кардани хароҷоти субъектҳои хоҷагидор ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо равона карда шудаанд» [23, с. 87].

Дар такмили механизми имтиёзҳои гумрукӣ равиши институтсионалӣ аҳамияти хосро касб менамояд. мувофиқи ин равиш имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ баррасӣ карда мешавад, балки ҳамчун фишанги муҳими танзимкуннадаи фаъолияти иқтисоди берунаи мамлакат арзёбӣ карда шуда, дар доираи татбиқӣ меъёрҳои қонунгузорӣ ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, механизмҳои назорати ин сиёсатро дар бар мегирад. Самаранокии пешниҳоди имтиёзҳо аз мувофиқати унсурҳои зикршуда ва дараҷаи самти онҳо ба ҳадафҳои рушди соҳибкорӣ муайян карда мешавад.

Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд коҳиш ё бекор кардани боҷҳои гумрукиро дар бар гирад. Илова бар ин, он ба сода гардонидани раванди барасмиятдарории фаъолияти мақомоти гумрук равона карда шуда, татбиқи маҷмӯи чорабиниҳоеро фаро мегирад, ки дар асоси коҳиш додани хароҷотҳои истеҳсолӣ фаъолияти соҳибкорони ватаниро самараноктар гардонида, рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд хоҳад

бардошт. Ин асосҳо ҳамчун як қисми стратегияи давлат барои мусоидат ба рушди иқтисодии кишвар тавассути сабук кардани гаронии андозӣ ва гумрукӣ барои соҳибкорон ва сармоягузорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд.

«...Асосҳои ҳуқуқии танзими институтсионалии имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки тибқи моддаи 346-и он имтиёзҳои тарифӣ ҳамчун маҷмуи афзалиятҳои ҳуқуқӣ муайян гардида, дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла озод намудан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, паст кардани меъёрҳои онҳо, баргардонидани маблағҳои қаблан пардохтшуда ва муқаррар намудани квотаҳои тарифӣ татбиқ мегарданд» [5]. (ҷадвали 3.1.1)

Ҷадвали 3.1.1. - Шаклҳои имтиёзҳои гумрукӣ (тарифӣ), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд

Намуди имтиёзҳо	**Мазмуни иқтисодӣ**	**Асоси меъёрӣ**
Озодкунӣ аз пардохти боҷ	Озодкунии пурра аз боҷи гумрукӣ	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 346
Паст кардани меъёри боҷ	Истифодаи меъёри пастшуда	Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Квотаҳои тарифӣ	Ҳаҷми имтиёзноки воридот (содирот)	Шартномаҳои байналмилалӣ
Баргардонидани боҷи қаблан пардохтшуда	Ҷуброни маблағҳои пардохтшуда	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [15]

Ин шаклҳои имтиёзҳо дар доираи татбиқи сиёсати тиҷоратӣ ва сармоягузории давлат истифода мешаванд. Сохтори институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумрук ва дигар мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроияро дар бар мегирад. Дар ин раванд мақомоти гумрук барои пешгирии намудани ғайриоқилона истифода шудани имтиёзҳои гумрукӣ раванди риоя шартҳои пешниҳоди имтиёзҳоро назорат намуда, идоракунии босифат ва мақсадноки низомҳои имтиёзнокро таъмин менамоянд (ҷадвали 3.1.2).

Ҷадвали 3.1.2. - Субъектҳои институтсионалии танзими имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ниҳод	**Вазифаҳои асосӣ**	**Заминаи ҳуқуқӣ**
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ташаккули сиёсат, муқаррар кардани имтиёзҳо	Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо
Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон	Маъмурият, назорат	Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия	Ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ	Барномаҳои соҳавӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [15]

Дар ин раванд рӯйхати молҳои имтиёзнок ва шартҳои истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, ки он ба таъмини тавозуни байни вазифаҳои ҳавасмандкунандаи боҷи гумрукӣ ва ворид намудани даромад ба буҷаи давлатӣ равона карда шудааст.

Амалияи истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти институтсионалиро, аз ҷумла мураккабии расмиёти тасдиқи ҳуқуқ ба имтиёзҳо, рақамисозии нокифояи равандҳо ва огоҳии маҳдуди субъектҳои соҳибкориро ошкор менамояд. Ин ҳолатҳо самаранокии ниҳоди имтиёзҳои гумрукиро коҳиш медиҳанд ва такмили минбаъдаи онро бо назардошти стандартҳои байналмилалии сода кардани савдо талаб мекунанд.

Ҳадафи қонунгузории миллӣ дар самти фаъолияти гумрук ҳифзи манфиатҳои миллӣ, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, таъмин кардани ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ ва танзими муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиҷорати беруна мебошад.

Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба афзалиятҳои рушди соҳибкорӣ қонунгузорӣ дар соҳаи танзими гумрукии фаъолияти иқтисоди беруна такил дода мешавад, ки он пеш аз ҳама барои ноил гардидан ба рушди ҳадафҳои миллӣ равона карда шудааст. Қонунҳо ва қарорҳои дахлдор барои таъмин намудани шароитҳои мусоид барои воридоти молу маҳсулоти лозим, ашёи хом ва технологияи нав қабул шудаанд. Аз ҷумла, Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба самти

ҳавасмандкунии соҳибкорӣ равона шудаанд, заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меоваранд.

Акнун ҷанбаи асосии институтсионалии сиёсати гумрукиро баррасӣ менамоем (ҷадвали 3.1.3).

Ҷадвали 3.1.3. - Ҷанбаҳои институтсионалии сиёсати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷанбаҳои асосии институтсионалии сиёсати гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	
Сохтори қонунгузории гумрукӣ	Қонунгузории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунҳо ва қоидаҳое, ки дар масъалаҳои гумрук ва фаъолияти он танзим шудаанд, амалӣ мешавад. Санади асосӣ дар ин самт Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад
Пардохтҳои гумрукӣ	Ҳадамоти гумрук назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули ҷамъоварии боҷҳо, андозҳо ва дигар пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Ин пардохтҳо ба маблағгузории буҷети давлатӣ мусоидат мекунанд.
Расмиёти гумрукӣ	Бо мақсади содагардонии расмиёти гумрукӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои муосири рақамиро истифода мебарад. Боқимондаи расмиётҳо барои воридот ва содироти молҳо, аз ҷумла эъломия додан, санҷиши молҳо ва барасмиятдарории электронии ҳуҷҷатҳо мебошад.
Нақши Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии роҳбарӣ дар фаъолияти гумрукӣ хизмат мекунад ва вазифадор аст, ки қонунгузории гумрукӣ, назорати сарҳадӣ ва мубориза бо қочоқро дар амал татбиқ намояд. Ҳадамоти гумрук сиёсати гумрукии кишварро ба роҳ монда, ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои риояи меъёрҳои байналмилалӣ кор мебарад.
Равобити байналмилалӣ ва созишномаҳо	Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук (СУГ), Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва дигар созишномаҳо мебошад, ки барои татбиқи қоидаҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиҷорати беруна ва ҳамгироии гумрукӣ муҳиманд. Қонунгузории гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин кардани назорати самараноки сарҳадҳо, мусоидат ба тиҷорати қонунии байналмилалӣ ва ҳифзи амнияти иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гумрук ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита ба воридот, содирот, назорат ва тартиботи гумрукӣ равона шудаанд. Ин санадҳо фаъолиятҳои гуногуни гумрукиро муайян мекунанд ва ҳамчунин кафолати ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлатро таъмин менамоянд. Аз ҷумла, баъзе аз санадҳои муҳими меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гумрук дар ҷадвали 3.1.4. таҳлил карда шудаанд.

Ҷадвали 3.1.4. - Санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гумрук

№	Номи санад	Моҳияти санад
1.	Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	ҳамчун қонуни асосӣ, ки асосҳои умумии танзими фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи шаҳрвандонро муайян мекунад.
2.	Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон	принсипҳо, қоидаҳо ва тартиботи фаъолияти гумрукиро муайян намуда, ҳуқуқу вазифаҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар соҳаи гумрук танзим мекунад.
3.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”	шароит ва кафолатҳо барои сармоягузоронро ба танзим дароварда, кафолати ҳуқуқии ҳимояи сармоягузории хориҷиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.
4.	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ”	қонуни асосӣ, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷиро муқаррар менамояд, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар ин самт танзим мекунад.
5.	Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	қарорҳои муҳиме, ки соҳаи гумрукро такмил медиҳанд, аз ҷумла тартиботи воридот ва содироти молҳо, меъёрҳои андоз ва дигар пардохтҳои гумрукӣ, инчунин, қоидаҳои умумӣ дар бораи бақайдгирии соҳаи гумрукӣ
6.	Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030	дар ин ҳуҷҷат самтҳои асосии рушди иқтисодиёти хориҷӣ ва афзалиятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ муайян шудаанд.
7.	Протоколҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ	Тоҷикистон иштирокчии якчанд созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти гумрук мебошад, ки муносибатҳои байналмилалиро дар ин соҳа ба танзим медароранд ва содагардонии тартиботи гумрукиро таъмин менамоянд.
8.	Санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла фармоишҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	ва дигар санадҳое, ки барои иҷрои самараноки қонунҳо ва қарорҳои гумруки қабул шудаанд.
9.	Созишномаҳои байналмилалӣ – Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои байналмилалӣ (масалан, СУС – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо)	тибқи созишномаҳои байналмилалӣ, уҳдадориҳои байналмилалӣ дорад, ки дар соҳаи савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ ва гумрукӣ амал мекунанд.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [15]

Санадҳои мазкур барои танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар гумрук ва рушди самарабахши фаъолияти гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд. Қонунгузории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути қонунҳо ва қоидаҳое, ки дар масъалаҳои гумрук ва фаъолияти он танзим шудаанд, амалӣ мешавад.

Ҳадамоти гумрукӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъули ҷамъоварии боҷҳо, андозҳо ва дигар пардохтҳои гумрукӣ мебошад. Ин пардохтҳо, аз ҷумла пардохтҳои махсуси гумрукӣ, пардохтҳо ба расмиёти

гумрукӣ, андоз аз арзиши иловашуда, аксизҳо, инчунин боҷҳои воридотӣ ва содиротӣ ба маблағгузории буҷети давлатӣ мусоидат мекунанд.

Вазифаҳои асосии Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин назорати сарҳадӣ ва мубориза бо қочоқро дар амал татбиқ намояд. Ҳадамоти гумрук сиёсати гумрукии кишварро ба роҳ монда, ҳамчунин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ риояи меъёрҳои байналмилалиро таъмин менамояд.

Дар низоми идоракунии давлатӣ нақши хосро идоракунии фаъолияти гумрукӣ мебозад. Он ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ баромад намуда, ба танзими фаъолияти савдои берунӣ бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ равона карда шудааст. Дар ин замина Турсунов Х.М. қайд менамояд, ки «Рушди муосири низоми идоракунии мақомоти гумрук бо мураккабии сохторӣ, ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва афзоиши ҳамкориҳои байналмилалӣ тавсиф мегардад. Дар ин шароит таҳия ва татбиқи механизмҳои самараноки танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии соҳаи гумрук яке аз вазифаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад» [80, с. 56–58].

Идоракунии гумрукӣ унсури муҳими танзими давлатӣ буда, ба сиёсати иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Фаъолияти самараноки мақомоти гумрук на танҳо ба пур кардани буҷет мусоидат мекунад, балки манфиатҳои миллиро дар соҳаи иқтисодӣ низ ҳимоя мекунад. Имрӯз низоми идоракунии мақомоти гумрук вобаста ба мураккабии сохторҳои ташкилӣ ва усулҳои кор тағйироти назаррасро аз сар мегузаронад. Ин ба тақвияти ҳамкории байналмилалӣ, ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва зарурати мутобиқ шудан ба шароити нав вобаста аст.

Яке аз вазифаҳои калидӣ дар соҳаи идоракунии гумрукӣ таъсис ва татбиқи механизмҳои самараноки танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва таъмини ҳуқуқии расмиёти гумрукӣ мебошад. Ин механизмҳо бояд амнияти миллиро тақвият диҳанд, ба рушди иқтисодиёт мусоидат кунанд ва кори устувори низоми гумрукиро таъмин кунанд. Мақомоти гумрук низоми мураккабест, ки унсурҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва функсионалиро дар

бар мегирад. Идоракунии самараноки онҳо равиши ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки ҳам омилҳои беруна ва ҳам дохилиро ба назар мегирад ва таҳияи стратегияҳо ва татбиқи технологияҳои муосирро дар бар мегирад.

Бояд қайд намуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон узви созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук (СУГ), Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) ва дигар созишномаҳо мебошад, ки барои татбиқи қоидаҳои байналмилалӣ дар соҳаи тиҷорати беруна ва ҳамгироии гумрукӣ муҳиманд. Қонунгузории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин кардани назорати самараноки сарҳадҳо, мусоидат ба тиҷорати қонунии байналмилалӣ ва ҳифзи амнияти иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозад.

Дар доираи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди иқтисодӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои стратегиро ҷорӣ намудааст, ки ҳангоми сабук намудани сарбории гумрукӣ барои воридот, ба маҳсулоти содиротӣ низ имтиёзҳо пешниҳод мешаванд. Ба ин ташаббусҳо, пеш аз ҳама номгӯи чорабиниҳо дар самти дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди милли дохил мегаванд. Ба ин соҳаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама хоҷагии қишлоқ, саноати сабук ва вазнин, сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ дохил мешаванд. Афзалиятдиҳӣ ба ин соҳаҳо пеш аз ҳама ба он асос меёбад, ки онҳо омили муҳими рушди иқтисод дар мамлакат буда, дар таъмини шуғли аҳолӣ нақши муҳимро ишғол менамоянд. Ин раванд одатан ба пешрафти рақобатпазирӣ, беҳтар кардани самаранокии кор ва таҳия намудани имкониятҳои нави тиҷоратӣ нигаронида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои якчанд созмонҳои байналмилалӣ мебошад, ки имкониятҳои дастрасӣ ба имтиёзҳои гумрукӣ ва тиҷорати озодро фароҳам меоранд. Махсусан татбиқӣ механизми узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар даҳсолаи охир имкон дод, ки рушди содирот таъмин карда шуда, самти он мукаммал гардад. Дар баробари ин воридоти таҷҳизотҳои мусоир ба соҳаҳои афзалиятдоштаи иқтисод пеш аз ҳама саноат ва сайёҳӣ пас аз дастёбӣ ба имтиёзҳои гумрукӣ ба маротиб зиёд гардид.

Фаъолияти гумрукӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамкории байналмилалӣ, бахусус дар соҳаи гумрук нақши муҳим доранд. Ин ҳамкорӣ ба беҳтар кардани инфрасохтори гумрукӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии гумрукӣ, мубориза бо қочоқ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат менамояд.

Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари вазифаҳои рузмарраи худ як қатор корҳоро дар сатҳи байналмиллалӣ ба роҳ мемонанд, ки нақши он дар муаррифии байналмилалии мамлакат муҳим аст, аз ҷумла:

- барасмиятдарорӣ, узвият ва иштироки фаъол дар созишномаҳои байналмиллалии савдо ва конвенсияҳои байналмилалӣ;
- мубодилаи таҷриба бо мақомоти гумруки давлатҳои шарик дар сатҳи микро ё макро;
- вусъати ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои байналмилалӣ дар самти пешбурди фаъолияти гумрукӣ.

Номгӯи корҳои зикргардида дар рушди савдои берунии мамлакат ва ҳамчунин фаъолияти худи мақомоти гумрук хело муҳиманд. Онҳо расмиёти савдоро сода намуда, дараҷаи шаффофияти онҳоро баланд мебардорад. Дар баробари ин ҳаммаи ин эътиммодро байни шарикон зиёд намуда, ба рушди савдои берунӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи гумрук дар рушди иқтисоди Тоҷикистон, ҳавасмандгардонии савдои хориҷӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, як қатор созишномаҳо ва шарикони стратегиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондаанд. Ин созмонҳо ва ҳамкориҳо кумак мерасонанд, ки кишвари азизамон худро дар низоми ҷаҳонии гумрук ислоҳ ва ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намояд.

Созмонҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳои ҳамкорӣ доранд, аз ҷумла:

- Созмони Миллали Муттаҳид. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи СММ ва ташкилотҳои зертбеи он ба барномаҳои васеъи СММ ҳамкорӣ менамояд. Ин ҳамкориҳо бештар ба беҳдошти ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини рушди устувор дар мамлакат, танзими равандҳои муҳоҷират ва таъмини амният дар марзҳо равона шудаанд.

- Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ). Ин созмон ба таҳкими ҳамкориҳои гумрукӣ байни давлатҳои аъзои СҲШ таваҷҷуҳ мекунад. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар давлатҳои аъзо барои мубориза бо ҷиноятҳои трансмиллӣ ва фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир ҳамкорӣ мекунад.

- Созмони ҳамкории иқтисодии Шарқ. Дар доираи ин созмон Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаҳо ва барномаҳои гуногуни хусусияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ доштаро татбиқ менамояд. Дар баробари ин созмони мазкур дар беҳдошти иҷтимоӣ нақши муҳимро мебозад, ки вазифаи муҳими мақомоти гумрук мебошад.

Инчунин дигар созишномаҳо ва барномаҳо, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонид:

- Созишномаҳои дуҷониба. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар кишварҳо созишномаҳои гумрукӣ ба имзо расонидааст, ки мақсади он содагардонии расмиёти гумрукӣ ва беҳтар кардани ҳамкориҳо мебошад.

- Барномаи боэътимодии содирот ва воридот. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти гумрукӣ барномаҳои гуногун, аз ҷумла “Барномаи боэътимоди содирот ва воридот”-ро роҳандозӣ кардааст.

- Мубориза бо ҷиноятқорӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, ба монанди Интерпол ва Додситонии байналмилалӣ, барои мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилона ва таъмини амният дар марзҳо ҳамкорӣ мекунад.

- Стандартҳо ва расмиёт. Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад, ки расмиёт ва стандартҳои гумрукии худро мутобиқ созад ва ин дар чаҳорчӯбаи созишномаҳои байналмилалӣ амалӣ мешавад.

Фаъолияти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва ҳамкорӣ бо давлатҳои дигар барои таҳкими иқтисоди миллӣ, рушди устувор ва таъмини амният дар минтақа аҳамияти муҳим дорад. Ин ҳамкориҳо барои мутобиқшавӣ бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои гумрукӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муассисаҳои молиявӣ механизми пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок барои соҳибкорон ва сармоягузорон таҳия шудааст, ки нақши онҳо дар рушду густариши савдои беруна ва фаъолияти гумрукӣ муҳим аст. Ташаккул ва тақвияти низоми дастгирии давлатӣ дар самти фаъолияти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон як равандест, ки мақсади он беҳтар кардани самаранокии фаъолиятҳои гумрукӣ, ҳамчунин таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи марзҳо мебошад. Раванди мазкур тавассути амалҳои мухталиф ва барномаҳои давлатӣ анҷом дода мешавад, ки ба рушди ин соҳа кумак мерасонанд. Ин раванд бояд ҳамеша бо диққати махсус ба заруратҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар ва шароитҳои байналмилалӣ мутобиқ карда шавад. Пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон аз тариқи ин институтсияҳо ва чорабиниҳо ҳадаф дорад, ки фазои соҳибкориро беҳтар намуда, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусиро таъмин намояд.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 таъкид менамояд, ки «рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда талаб мекунад, ки сиёсати иқтисодӣ такмил дода шуда, истифодаи самараноки имкониятҳои тиҷорати хориҷӣ таъмин гардад» [14]. Дар ин раванд зарурати такмили механизмҳои танзими фаъолияти иқтисодии беруна пеш меояд, ки дар он истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ ҷойгоҳи хосро дорад.

Ҳамзамон, дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 таъкид мегардад, ки «ҳамзамон, тақвияти ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои шарик дар самти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти гумрук ва сарҳадӣ бо мақсади содагардонии расмиёти савдо ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян гардидааст» [20], ки ин равиш ба баланд бардоштани самаранокии низоми гумрукӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва густариши робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ муқаррар карда шуд, ки танзими институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории низомии меъёрҳои ҳуқуқӣ, институтҳои давлатӣ ва расмиёти маъмуриро дар бар мегирад, ки ба татбиқи сиёсати давлатии тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ равона шудааст. Муайян карда шудааст, ки дар механизми институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки идоракунии низомҳои имтиёзнок, назорати истифодаи мақсадноки молҳо ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқро ҳангоми ҳамоҳангсозии нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, нақши калидӣ мебозанд.

Қайд кардан зарур аст ки: «ҳангоми пайдо шудани хавфу хатарҳои умумииқтисодӣ (буҳрони иқтисодӣ, монеаҳои беасоси иқтисодӣ - баланд бардоштани боҷу хироҷҳои гумрукӣ, андозҳо, муҷозотҳои иқтисодӣ ва ғ) назорати беасоси сохторҳои гуногуни давлатӣ ва ғайридавлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкории хурд ва инфиродӣ, бешубҳа халалдор мешавад ва натиҷаи фаъолияти хоҷагиашон торафт рӯ ба мушкилоти иқтисодӣ - молиявӣ меорад ва ҳамаи ин боиси қатъи фаъолияти онҳо мегардад, ки имрӯз хеле зиёд мушоҳида мешавад» [100, с. 321-332].

Воридот ба кишвари технологиҳои нав барои рушди соҳаҳои сабз метавонад ба воситаи имтиёзҳои гумрук ва андозҳо таъмин шавад. Ин имтиёзҳо метавонанд вобаста ба намуди технологияи воридшуда ва аҳамияти он барои рушди иқтисоди сабз дар кишвар фарқ кунанд. Дар баробари ин

мамлакатҳои алоҳида бо рушди технологиҳои сабз ва рақамӣ таваҷҷӯҳ доранд, ки он пардохтҳои гумрукиро кам менамояд. Дар рушди ин технологияҳо дар баробари худ роҳандозии сиёсати гумрукии ҳавасмангунанда муҳим аст. Барои истифодаи манбаъҳои энергияи тоза, гумрук метавонад барои воридоти панелҳои офтобӣ ё турбинаҳои бодӣ ё дигар таҷҳизоти сабзи энергетикӣ кумак кунад, то ин гуна технологияҳо ба иқтисоди маҳаллӣ ворид шаванд ва маҳсулотҳои бо замин ва манбаъҳои муҳити зист мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ истеҳсол шаванд.

Имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд барои содагардонии воридоти технологиҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ ва сохтмон, ки барои интиқол ба иқтисоди сабз зарурият доранд, истифода шаванд. Имтиёзҳои гумрукӣ ба воридоти технологиҳои нав мусоидат менамоянд, ки онҳо дар мамлакат боиси рушди соҳаҳои ҷавон ва аз лиҳози экологӣ безарар мегардад. Дар баробари ин татбиқи таҷрибаи муосири бинокорӣ ва технологияи нави истеҳсолиро бе татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ тасаввур намудан имконнопазир аст.

Қайд карда мешавад, ки «содагардонии расмиёти бақайдгирӣ ва танзими маъмурӣ низ аҳамияти калидӣ барои ташаккули ва рушди соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки минбаъд рақамикунонии равандҳои бақайдгирии соҳибкорӣ, кам намудани шумора ва давомнокии иҷозатномадиҳӣ ва санҷишҳо, инчунин татбиқи пурраи принсипи «равзанаи ягона» дар ҳамаи марҳилаҳои таъсис ва фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд монеаҳои маъмуриро ба таври ҷиддӣ коҳиш диҳанд» [97, с. 6-23].

Барои соҳибкорон гирифтани имтиёзҳои гумрукӣ аз ҷиҳати маъмурӣ душвор аст, зеро онҳо бояд талаботи зиёди ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномаҳоро иҷро кунанд. Зарур аст, ки сода кардани тартиботи ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ҷори намудани имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкорон як равиши муҳим барои баланд бардоштани самаранокии низоми гумрукӣ,

коҳиш додани бюрократия ва дар ниҳоят, таъмини эҳсоси шаффофият ва адолат дар байни соҳибкорон ҷорӣ намуд (ҷадвали 3.1.5).

Ҷадвали 3.1.5. - Сода кардани тартиботи ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи гумрукӣ барои соҳибкорон

№	Самтҳои сода кардани тартиботи ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи гумрукӣ барои соҳибкорон	Механизмҳои сода кардани тартиботи ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ
1.	Татбиқи имтиёзҳои гумрукию андозӣ нисбат ба воридоти таҷҳизоти технологии истеҳсолӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақвият бахшидани раванди устувори соҳибкорӣ дар кишвар	Рақамикунонӣ ва автоматикунонӣ: - платформаҳои онлайн: ворид кардани низоми рақамии хидматрасонӣ барои сабти дархостҳо ва хидматҳои гумрукӣ. Низоми онлайн метавонад ба соҳибкорон имкон диҳад, ки ҳуҷҷатҳо ва дархостҳоро электронӣ пешниҳод кунанд ва ҳамзамон шеваи раванди баррасӣ ва тасдиқро фаврӣ ва шаффоф созад. - платформаи ягона: Созмони платформаи ягона барои ворид ва баррасии дархостҳо. Ин платформа метавонад иттилоотро дар бораи ҳамаи имтиёзҳо, талаботҳо ва ҳуҷҷатҳои лозимии гумрукӣ якҷо кунад ва равандро барои соҳибкорон осон созад.
2.	Озод намудани воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ	Сода кардани талабот ва расмиятҳо - талаботи ками ҳуҷҷатҳо: Талаб кардани якчанд ҳуҷҷати асосӣ ва лозимӣ, ки ба ҳолати махсуси соҳибкорон ё молу маводи воридшаванда мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, канорачӯии аз талаб кардани ҳуҷҷатҳо ё марҳилаҳои нолозим, ки метавонанд замони баррасии дархостро дароз кунанд. - талаботҳои маъмул ва стандартӣ: Кифоя кардани расмиятҳои аниматикӣ ва маъмул, ки барои аксар соҳибкорон мувофиқ ва фаҳмо бошанд. Иҷрои стандартҳо ва расмиятҳои дақиқ ва якхела барои ҳама субъектҳо.
3.	Кам кардани меъёрҳои боҷи гумрукии ашёи хоми барои истеҳсоли маҳсулот воридшаванда	Қисм кардани имтиёзҳо ва барномаҳои бо шартҳои содакардашуда: - имтиёзҳои поёнӣ барои тиҷорати хурд: ворид кардани барномаҳои махсус барои соҳибкорони хурд ва миёна, ки шеваи дархост ва ҷоришудани имтиёзҳоро сода мекунанд. Масалан, барои тиҷорати хурд, ки дорои шумораи ками кормандон ва табақаи маҳсулот ё хизматрасониҳо мебошанд, тартиби имтиёзҳо бояд сода ва фаврӣ бошад; - барои соҳибкорон, ки ба зудӣ ё бо камтарин миқдори ҳуҷҷатҳо имтиёз талаб мекунанд, раванде, ки имконияти шиносоии фаврии молу мавод ва таъсиси кодҳои махсус барои имтиёзҳо дошта бошад, муфид хоҳад буд.
4.	Зиёд намудани меъёрҳои боҷи гумрукӣ барои воридоти як қатор молу маҳсулоти истеҳсолашон дар дохил ба роҳ мондашуда	Мониторинг ва ҳамоҳангсозии равандҳо - назорат ва мониторинги самаранок: Системаи мониторинги автоматизатсияшуда барои таъмини шифо ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ ва расмӣ. Инчунин, барои пайгирии баррасии дархостҳо ва сатҳи иҷрои онҳо бо мақсади кам кардани монеаҳои бюрократӣ ва дароз кардани вақт барои баррасӣ. - маҳдуд кардани баррасии дастӣ: Таъмин кардани имконоти пайгирӣ ва пайвастшавӣ ба шахсони масъул дар ҳолатҳое, ки масъалаҳои хоси гумрукӣ ва баимзо даромаданд. Ин метавонад тавассути пайгирии рақамӣ ва ё самараноки дастрасии онлайн бошад.

Идомаи ҷадвали 3.1.5

5.	То андозае маҳдуд гаштани ниёзи бозори дохилӣ аз моли хориҷӣ заминаи устуворро барои дар заминаи рушди истеҳсоли моли ватанӣ	- раванди имтиёзҳо барои ширкатҳои муайян: Ташкили барномаву дастурҳои махсус барои корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки ҳангоми ворид кардани молу хизматрасониҳо, тартиби ҷории имтиёзҳо ва гирифтани иҷозатномаҳоро кӯтоҳ ва осон месозад; - роҳнамои дақиқ ва шарҳи раванд: Таъмини роҳнамоҳои дуруст ва дурусти амалҳои пешниҳодӣ, ки то чӣ андоза дар амалияи ҳаррӯза татбиқ шаванд, ба соҳибкорон кумак мерасонанд.
6.	Давра ба давра коҳиш ёфтани воридоти молҳои истеҳсолашон дар кишвар ба роҳ мондашуда аз қабили семент, ангишт, орд ва маҳсулоти аз орд тайёршуда, маҳсулоти либосворӣ (либоси ҳарбӣ ва мактабӣ), маҳсулоти қолинӣ, маҳсулоти қаннодӣ, мебел, рангҳои сохтмонӣ, маводҳо барои шустушӯй, маҳсулоти аз асбест тайёршуда, маҳсулоти аз оҳан тайёршуда ва ғайра	Рамзи сиёсати озод ва шаффоф. Шаффофият ва иттилоотӣ: - ташкил кардани боғдории васоити ахбори омма ё маърифати мардум дар бораи равандҳои имтиёзӣ, ки аз ҷониби мақомот пешниҳод мегардад. Ҳамин тавр, соҳибкорон бо дониш ва эътимод бештар метавонанд аз тартиботи имтиёзӣ баҳра баранд; -раванди муроҷиати мардум: Иҷрои шеваи манъшудаи муроҷиат ва арзёбии баҳсҳо ё зарарҳои эҳтимолии соҳибкорон, ки метавонад ба зудӣ таъриф ва ҳал шавад.

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Сода кардани тартиботи ҳуҷҷатгузорӣ ва иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи гумрукӣ барои соҳибкорон метавонад кумак кунад, ки равандҳо зуд, муассир ва шаффофтар сурат гиранд. Ворид кардани платформаи маҷозӣ ва барномаҳои махсус барои соҳибкорони хурд ва миёна, ба кумак дар аз байн бурдани бюрократия ва коррупсияро мусоидат хоҳад кард.

Бисёре аз соҳибкорон имкони харидории технологияи навро надоранд ва ҳамин тавр имтиёзҳо на ҳама вақт ба таҳаввулоти назаррас оварда мерасонанд. Содагардонии талаботи маъмурӣ ва таъмини дастгирии молиявӣ барои харидории технологияҳои пешқадам тавассути ҷорӣ намудани имтиёзҳои гумрукӣ метавонад як стратегияи муфид барои кумак ба рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини дастрасӣ ба технологияҳои нав бошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад, метавон амалҳои зеринро дар назар гирифт:

- сода кардани раванди гумрукӣ, яъне пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ фишанги муҳими воридоти технологияи нав ва таҷҳизоти муосир

башумор меравад. Он дар навбати худ ба дараҷаи рушди саноат ва таҳқиқоту кашфиёт дар мамлакат мусоидат менамояд. Барои ин метавон санадҳои гумрукиро муфассал ва ба талаботи муосир мувофиқ кард, ки сабаби кам кардани монеаҳои харид ва воридот бошад;

- қарзҳои имтиёзнок - метавонад барои ширкатҳои хурд ва миёна дар соҳаи технологияҳо, ки манбаъҳои молиявии маҳдуд доранд, як кумаки арзишманд бошад. «Дар таъмини рушди фаъолияти корхонаҳои хурд ва соҳибкории инфиродӣ механизми қарздиҳии хурд аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ва ҷори кардани имтиёзҳои андозӣ нақши назаррас дорад» [101, с. 61-69].
- сода кардани санадҳои қонунии тасдиққунанда, ин ба сохтани раванди тасдиқи тағйироти мушаххас ва технологияҳои нав тавассути қонунгузорӣ ва раванди маъмурӣ, ки ба муҳити соҳибкории кишвар кумак мекунанд, аҳамият дода шавад.

Дар умум, ин стратегияи банизомдарорӣ метавонад кумак кунад, ки соҳибкорон ба навоварӣ ва истифодаи технологияҳои пешқадам бештар рушд кунанд, дар ҳоле ки бо ёрии имтиёзҳои гумрукӣ ва кумакҳои молиявӣ онҳо метавонанд хароҷотҳои молиявии воридотро кам кунанд. Паст кардани пардохтҳои гумрукӣ барои харидории технологияҳои пешқадам тавассути ҷорӣ намудани имтиёзҳои гумрукӣ метавонад як чораи муассир барои расидан ба ҳадафи рушди соҳаҳои технологӣ ва иқтисодиёт дар маҷмуъ бошад.

Ин тадбир метавонад тавассути чанд роҳи асосӣ амалӣ шавад:

1. Имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти молҳои камчин ва талаботи стратегидошта: Сохтмони корхонаҳои нав ва замонавӣ дар мамлакат, ки дар рушди стратегии кишвар нақши калиди доранд ва танҳо бо дастгирии давлат бе имтиёзҳои гумрукӣ дар муддати кутоҳ рушд намуда наметавонанд. Чунин имтиёзҳои гаронии технологиро нисбатан коҳиш дода онро ба соҳибкорон дастрас менамояд.

2. Имтиёзҳои гумрукӣ барои содирот: бо ҳадафи эҳтимолӣ ба ширкатҳое, ки технологияҳои пешқадамро содир мекунанд, имтиёзҳои гумрукӣ ва шароити содакардашуда пешниҳод шавад.
3. Пешниҳод намудани сабукиҳои гумрукӣ барои ширкатҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд: Имтиёзҳои гумрукӣ ё сабикиҳо дар пардохти боҷҳои гумрукӣ барои чунин ширкатҳо ба таҳияи маҳсулоти нав ва рушди кашфиёту ихтироот мусоидат менамояд. Ҳадаф ин аст, ки онҳоро барои ворид кардани технологиҳои пешқадам дар кишвар расидан ба инноватсияҳо ва таъмини рушди саноатии кишвар ташвиқ кунанд.
4. Қарорҳои муваққатӣ ва марҳилавӣ: новобаста аз ҷорӣ намудани имтиёзҳои умумӣ, ҳамчунин метавон қарорҳои муваққатӣ ё марҳилавӣ барои воридоти технологиҳои муайян ё гурӯҳҳои маҳсулотро ба роҳ монд, ки ба соҳаҳои мушаххас ва ба рушди кишвар бештар алоқаманд бошад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба такмили танзими давлатии механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, хулосаҳои илмии асосиро дар чор нукта ҷамъбаст кардан мумкин аст:

- мукаммал намудани заминаи институтсионалӣ ва ҳуқуқии имтиёзҳои гумрукӣ яке аз самтҳои асосии такмили танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Самаранокии механизми имтиёзҳои гумрукӣ аз ҳамоҳангии қонунгузорӣ, фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумрук ва дигар мақомоти ваколатдор вобаста буда, зарур аст, ки меъёрҳои пешниҳоди имтиёзҳо равшан, шаффоф, устувор ва ба ҳадафҳои рушди соҳибкорӣ мутобиқ гардонида шаванд. Дар ин замина, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи муосири содагардонии савдо метавонад барои коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати гумрукӣ мусоидат намояд.
- ҳадафмандсозӣ ва дифференсиатсияи имтиёзҳои гумрукӣ бояд ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ равона карда шавад. Аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти таҷҳизоти технологӣ, техникаи

муосир, ашёи хоми истеҳсолӣ, технологияҳои рақамӣ ва таҷҳизоти экологӣ метавонад ба навсозии истеҳсолот, рушди саноат, ташаккули ҷойҳои нави корӣ ва баланд гардидани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, имтиёзҳои гумрукӣ бояд хусусияти интихобӣ ва марҳилавӣ дошта, бо нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷавӣ, аз ҷумла ҳаҷми сармоягузорӣ, истеҳсолот, содирот ва таъсиси ҷойҳои корӣ алоқаманд карда шаванд.

- рақамикунонӣ ва содагардонии расмиёти гирифтани имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун самти муҳими баланд бардоштани самаранокии танзими давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ҷорӣ намудани платформаи ягонаи электронии пешниҳоди дархостҳо, кам намудани шумораи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, автоматикунонии баррасии дархостҳо, пайгирии рақамии раванди қабули қарорҳо ва дастрас намудани маълумоти пурра оид ба намуди шартҳои имтиёзҳо метавонад хароҷоти маъмурии соҳибкоронро коҳиш дода, шаффофият ва пешгӯишавандагии низоми гумрукиро баланд бардорад. Ин тадбирҳо махсусан барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна аҳаммияти муҳим доранд.
- такмили механизми имтиёзҳои гумрукӣ бояд бо дастгирии молиявӣ, ҳамкории байналмилалӣ ва рушди технологияҳои нав ҳамоҳанг карда шавад. Истифодаи қарзҳои имтиёзнок, дастгирии сармоягузориҳои технологӣ, рушди содирот ва ҷорӣ намудани имтиёзҳои муваққатӣ барои технологияҳои афзалиятнок метавонад имкониятҳои субъектҳои соҳибкориро барои навсозии истеҳсолот васеъ намояд. Дар баробари ин, таҳкими ҳамкориҳои гумрукии байналмилалӣ ва мутобиқсозии расмиёти миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ барои содагардонии савдои хориҷӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ замина фароҳам меорад.

3.2. Амсилаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисоди мамлакат, ки ноамниҳои баналмилалӣ фаъолияти соҳибкорӣ бетаъсир намондааст, сиёсати гумрукӣ ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими танзими давлатии иқтисодиёт нақши калидӣ мебозад. «Барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ташкили низоми муассири назорати давлатӣ бар фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти муҳим дошта, ба ҷалби сармоягузорӣ, афзоиши содирот ва таҳкими мавқеи истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд» [50, с. 256].

Мувофиқи муқаррароти Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муҳими сиёсати тарифӣ барои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ истифода мешаванд. «Дар чунин шароит дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби давлат шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ мебошад. Моҳияти иқтисодии имтиёзҳои гумрукӣ дар коҳиш додани хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ ифода ёфта, барои густариши истеҳсолот ва ҷалби сармоягузорӣ ҳавасмандии иловагӣ фароҳам меорад» [92, с. 45-47].

Ҳамзамон, тибқи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин имтиёзҳо метавонанд дар шакли озодкунӣ аз пардохт, паст кардани ставка ва ё баргардонидани боҷи гумрукӣ пешниҳод гарданд. «Дар таҳлили муосири сиёсати иқтисодӣ равиши институтсионалӣ аҳамияти хос дошта, самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо аз ҳаҷми онҳо, балки аз сифати идоракунӣ, сатҳи шаффофияти расмиёти гумрукӣ ва эътимоди субъектҳои иқтисодӣ ба институтҳои давлатӣ вобаста мебошад» [53, с. 123].

Аз нуқтаи назари назарияи иқтисоди давлатӣ, имтиёзҳои гумрукӣ шакли дастгирии ғайримустақими давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳадафи онҳо коҳиши сарборӣ молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии воридоти таҷҳизоти истеҳсолӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, истифодаи чунин имтиёзҳо бе арзёбии мунтазами

самаранокӣ метавонад боиси талафоти буҷетӣ гардад. Аз ин рӯ, дар таҷрибаи байналмилалӣ қайд мешавад, ки арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бояд дар асоси таҳлили мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ ва талафоти буҷетӣ амалӣ гардад.

Таҳияи механизми арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ дар раванди муосири рушди фаъолияти савдои берунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Он имкон медиҳад самаранокӣ ва натиҷанокии ин имтиёзҳо вобаста ба саҳмашон дар рушди иқтисоди мамлакат, вооридоти технологияи нав, ташаккули навоварӣ ва дар умум ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шавад. Бонки Ҷаҳонӣ таъкид менамояд, ки имтиёзҳои гумрукӣ танҳо дар ҳолате асоснок мебошанд, ки онҳо ба афзоиши сармоягузорӣ ва рушди истеҳсолот таъсири воқеӣ расонанд. Дар ҳамин замина, истифодаи таҳлили cost-benefit ҳамчун усули асосии баҳодиҳии имтиёзҳои гумрукӣ васеъ паҳн гардидааст, ки яке аз усулҳои асосии байналмилалии баҳодиҳии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи назарияи «tax expenditures», ки аз ҷониби С. Суррей пешниҳод шудааст, «имтиёзҳои андозӣ ва дигар сабукиҳои фискалӣ ҳамчун шакли хароҷоти давлатӣ арзёбӣ мешаванд, зеро онҳо боиси кам гардидани даромадҳои буҷет мегарданд ва аз ин рӯ бояд мавриди баҳодиҳӣ ва мониторинги мунтазам қарор гиранд» [173]. Мутобиқи назарияи «tax expenditures»-и С. Суррей, «имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун шакли хароҷоти ғайримустақими давлатӣ баррасӣ мегарданд, зеро дар натиҷаи татбиқи онҳо давлат аз қисми муайяни даромадҳои буҷетӣ даст мекашад. Аз ин рӯ, баҳодиҳии мунтазами самаранокии чунин имтиёзҳо аҳаммияти муҳим дорад» [173].

Дар дастури IMF «How to Evaluate Tax Expenditures» таъкид мегардад, «арзёбии имтиёзҳои андозӣ бояд нишон диҳад, ки то кадом андоза онҳо ба ҳадафҳои пешбинишудаи сиёсати давлатӣ ноил гардидаанд» [163]. «Бо истифода аз усулҳои баҳодиҳии пешниҳоднамудаи ХБА, имтиёзҳои гумрукӣ

метавонанд аз нуқтаи назари ҳаҷми даромадҳои аз дастрафтаи буҷет ва таъсири онҳо ба рушди соҳибкорӣ, сармоягузорӣ ва истеҳсолот таҳлил карда шаванд» [163]. «Мувофиқи тавсияҳои ХБА, баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ бояд ба нишондиҳандаҳои иқтисодии ченшаванда асос ёфта, имкон диҳад таъсири онҳо ба рушди иқтисодӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва даромадҳои буҷетӣ муайян карда шавад» [163].

Мувофиқи тавсияҳои OECD, «самаранокии имтиёзҳои фискалӣ ба дараҷаи ҳадафмандии онҳо вобастагӣ дорад. Дар ин замина, имтиёзҳои мақсаднок, ки барои дастгирии бахшҳо ё гурӯҳҳои муайяни иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд, нисбат ба имтиёзҳои умумӣ метавонанд натиҷаҳои самараноктар таъмин намоянд» [171]. Дар таҳқиқоти Organisation for Economic Co-operation and Development таъкид мегардад, ки «Зарурати муқаррар намудани механизмҳои мониторинг ва баҳодиҳии мунтазами имтиёзҳои фискалиро таъкид намуда, истифодаи муҳлатҳои муайяни амалро ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии онҳо тавсия медиҳад» [171].

Муҳаққиқон Howell H. Zee, J. Stotsky ва E. Ley чунин нишон медиҳанд, «набудани назорати мунтазам ва мониторинги натиҷаҳо метавонад ба пастшавии самаранокии сиёсати тарифӣ оварда расонад. Ба андешаи онҳо, бе арзёбии даврии самаранокӣ имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба талафоти назарраси буҷетӣ оварда расонанд» [177].

Имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи муассир барои рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар кардани фазои соҳибкории кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ба вижа Тоҷикистон, метавонанд дар соҳаҳои стратегӣ ва калидӣ, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва технологиҳои инноватсионӣ, нақши муҳими худро иҷро кунанд. Мақсади асосии пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ дар ин соҳаҳо иборат аз ҳавасманд кардани соҳибкорон ва ширкатҳо барои сармоягузорӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ, афзоиши истеҳсолот ва кам кардани монеаҳои тиҷоратӣ мебошад. Барои он ки имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муассир

расонанд, кори дурусти механизми иқтисодию ташкилиро таъмин намудан зарур аст. Ин дар бар мегирад:

- шаффофият ва пешгӯишаванда, яъне соҳибкорон бояд шартҳои гирифтани имтиёзҳо ва муҳлати амали онҳоро равшан дарк кунанд. Чунин раванд кӯмакрасони банақшагирии стратегияҳо ва сармоягузориҳои тиҷоратӣ мебошад.
- интихоби имтиёзҳо, муайян кардани он вобаста ба намудҳои соҳибкорӣ, ки ба дастгирӣ бештар ниёз доранд, муҳим аст. Ин метавонад кишоварзӣ, истеҳсолот, сайёҳӣ ва дигар соҳаҳоро дар бар гирад, ки ба рушди иқтисод ва ташкили ҷойҳои корӣ мусоидат мекунанд.
- мониторинг ва назорат - мониторинги доимии самаранокии имтиёзҳои додашуда зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки механизми дастгирии соҳибкорӣ саривақт ислоҳ ва муносиб карда шавад.
- сода кардани расмиёт, яъне монеаҳои бюрократӣ метавонанд самаранокии имтиёзҳоро коҳиш диҳанд. Содагардонии расмиёти гирифтани имтиёзҳо ва кам кардани вақти ба расмият даровардани онҳо метавонад ҷолибияти онҳоро барои соҳибкорон ба таври назаррас афзоиш диҳад.
- ҳамоҳангсозӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, барои ба даст овардани самараи ҳадди аксар, ҳамоҳангсозии мақомоти гумрук бо дигар сохторҳои давлатӣ, аз қабили кумитаи андоз, мақомоти иҷозатномадиҳӣ ва сертификатсия зарур аст.
- таъсиси инфрасохтори иттилоотӣ, яъне соҳибкорон бояд ба маълумот дар бораи имтиёзҳои мавҷуда, шартҳои пешниҳоди онҳо ва тартиби бақайдгирӣ дастрасӣ дошта бошанд. Инро тавассути сохтани порталҳои махсус, хатҳои боварӣ ва дигар самтҳои иттилоотӣ рушд бахшидан имконпазир аст.
- таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба буҷети мамлакат - новобаста аз он, ки имтиёзҳои гумрукӣ омили муҳими рушди соҳибкорӣ мебошанд аз меъёр зиёд ҷудо намудани онҳо метавонад ба воридоти доробатҳои пулӣ ба буҷети давлат таъсири манфӣ гузорад. Аз ин рӯ муҳим аст, дар баробари

арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ, оқибатҳои иқтисодии он ба даромади буҷети давлатӣ низ арзёбӣ карда шавад, ки тавозуни вазифаҳои ҳавасмандкунӣ ва доромаднокии он таъмин карда шавад.

- рушди иноватсия ва сармоягузорӣ, яъне имтиёзҳои гумрукӣ бояд бештар ба воридоти молҳое ҷудо карда шавад, ки сармоягузориро ба истеҳсоли технологияи навин ва пешрафта зиёд намуда, татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро самараноктар гардонад. Ин ба гуногунрангии иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии он мусоидат мекунад.
- ҳамкории байналмилалӣ, ин барои татбиқӣ таҷрибаи пешрафтаи мақомоти гумруки давлатҳои мутараққӣ дар рушди соҳибкорӣ рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ муҳим аст. Он метавонад таҷрибаҳои муваффақи ҷаҳониро дарёфт намуда, дар мамлакат татбиқ намояд.
- мутобиқати механизм, яъне вазъи иқтисодӣ метавонад тағйир ёбад, аз ин рӯ механизми додани имтиёзҳо бояд чандир буда, ба шароити нав мутобиқ шавад.

Механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ бояд бар асоси таҳлили амиқ ва омори бозорӣ ташаккул ёбанд, то ки барои тамоми бахшҳои иқтисодӣ, махсусан барои соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон манфиатовар бошанд. Таҳлили амиқ ва омори бозорӣ ба маълумоти дуруст барои қабул кардани қарорҳои самаранок оид ба таъмини имтиёзҳои гумрукӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад. Бо истифода аз чунин таҳлилҳо, мақомоти гумрукӣ метавонанд барномаҳое коркард кунанд, ки манфиатҳои бештар барои соҳибкорон ва рушди иқтисодӣ таъмин карда шаванд. Таҳлили омори бозор барои омӯзиш ва муайян кардани талабот, мавҷудияти ашёи хом ва маҳсулоти тайёри барои истеҳсолот зарурӣ, ҳамзамон нархи маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Қадамҳои муҳими истифодаи таҳлили амиқ ва омори бозорӣ барои механизмҳои имтиёзҳо:

- идоракунии барномаҳои имтиёзӣ бо фаҳмидани эҳтиёҷот. Вақте ки таҳлили амиқ ва омори бозорӣ амалӣ мешавад, мақомоти гумрук метавонанд фаҳманд, ки кадом соҳаҳо (масалан, саноат, кишоварзӣ, технологиҳо) бештар ба имтиёзҳои гумрукӣ ниёз доранд. Дар асоси ин таҳлилҳо, имконоти пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ бо мақсади пешбурди ин соҳаҳо интихоб мешавад.
- омӯзиши бахшҳои бо иқтидори баланди рушд. Агар маълумотҳо нишон диҳанд, ки бахше барои рушд ба сармоягузорӣ ва таҳияи маҳсулот бо арзиши афзоянда имкониятҳои зиёде дорад, имтиёзҳо метавонанд ба ин бахшҳо равона карда шаванд, ки ба рушди умумии иқтисод кумак расонанд.

Бо истифода аз омори бозорӣ ва таҳлил, давлат метавонад тасаввур кунад, ки кадом молу маҳсулот ва маводҳо бо нархи баланд ворид мешаванд ва чӣ гуна имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд онҳоро дастгирӣ кунанд. Ин ба пешгирии хатарҳои сарфаи зиёд ва мувозинати арзиш дар иқтисоди миллӣ кумак мекунад.

Арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ:

- ба ҳар як механизми имтиёзӣ омори дақиқ ва таҳлилҳои мунтазам, ки натиҷаҳои бадастомада ва таъсири онҳо ба рушди соҳаҳоро нишон медиҳанд, бояд мусоидат намуд. Дар чунин ҳолат такмил ва ислоҳ намудани барномаҳои имтиёзӣ дар фаъолияти гумрукӣ манфиатовар мегардад.
- таҳлили амиқ ва омории бозорӣ метавонад ба таҳияи моделҳои пешгӯӣ кумак кунад, ки нишон медиҳанд, ки кадом имтиёзҳо дар асоси маводи воридотӣ ё маҳсулот дар дарозмуддат муфид ва самаранок хоҳанд буд.

Имтиёзҳои гумрукӣ механизми иқтисодӣ мебошанд, ки ба коҳиш додани гаронии андоз, ҳавасмандгардонии воридоти таҷҳизот, технология, ашёи хом ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолкунандагони миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ нигаронида шудаанд. Самаранокии истифодаи чунин имтиёзҳо ба ҷолибияти сармоягузории иқтисодиёт ва

динамикаи соҳибкории хурду миёна (КХМ) таъсири назаррас мерасонад. Дар ин замина, сохтани модели объективӣ, ки метавонад таъсири имтиёзҳои гумрукиро ба рушди соҳибкорӣ муайян кунад, аҳамияти омилҳоро муайян кунад ва чораҳои муносиби сиёсати давлатиро пешниҳод кунад, муҳим мегардад.

Ин бахш ба таҳия ва таҳлили эмпирикии модели регрессионӣ бахшида шудааст, ки ба арзёбии робитаи байни сатҳи истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад. Ба принсипҳои методологии сохтани модел, интихоби тағйирёбандаҳо, арзёбии сифати модел ва тафсири натиҷаҳо диққати махсус дода мешавад.

Яке аз омилҳое, ки ба рушди соҳибкорӣ дар асоси имтиёзҳои гумрукӣ таъсир мерасонад, ин рушди содироти молии мамлакат дар асоси воридот мебошад. Яъне содирот дар он вақт рушд меёбад, ки дар мамлакат рушди соҳибкорӣ назаррас бошад ва дар баробари ин имтиёзҳои гумрукӣ ба роҳ монда шавад.

Бинобар ин дар байни воридот ва содирот алоқамандии зич ҷой дорад, яъне агар таҳлили коррелиатсионӣ гузаронем он гоҳ r = 0,79 аст. Аз натиҷаи таҳлилӣ коррелиатсонӣ муайян карда шуд, ки воридот метавонад ҳамчун омили рушддиҳандаи содироти мамлакат бошад. Яъне содирот аз воридоти молу маҳсулот вобастагӣ дорад. Инчунин онҳо як муодилаи регрессионӣ пешниҳод кардаанд, ки аз натиҷаи он бар меояд, ки ба 1% афзудани воридоти кишвар ба 0,3% афзудани воридоти кишвар оварда мерасонад. Агар инро ба имтиёзҳои гумрукӣ пайваст намоем, дар натиҷаи бештар пешниҳод кардани имтиёзҳои гумрукӣ дар кишвар соҳибкорӣ рушд меёбад.

Аз ин лиҳоз, дар баробари ин мо дигар омилро дида мебароем, ки бевосита ба рушди соҳибкорӣ таъсири худро расонад. Барои ин мо кушиш кардем, ки амсилаи эконометрикии коррелиатсионӣ-регрессиониро созем.

Барои амсила чунин омилҳоро интихоб намудем, аз ҷумла:

- шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда - ҳамчун омили вобаста (Y);

- боҷҳои гумрукӣ – ҳамчун омили таъсиррасон (X_1);

- воридоти молу маҳсулот – ҳамчун омили таъсиррасон (X_2);

- содироти молу маҳсулот – ҳамчун омили таъсиррасон (X_3)

Ҷадвали 3.2.1. - Нишондиҳандаҳои асосӣ барои амсилаи коррелиатсионӣ - регрессионӣ

Солҳо	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2016	31655	462,6	4045,4	943,4
2017	31352	521,3	4297,4	977,3
2018	32084	450,6	3435,6	890,6
2019	32001	536,2	3031,2	898,7
2020	32096	584,9	2774,9	1198,2
2021	33572	592,1	3151,1	1073,3
2022	34604	660,4	3349,3	1174,4
2023	37264	542,9	3150,9	1406,9
2024	36663	680,8	4209,5	2149,6
2025 (ҳисоб)	35749	875,3	5167,5	2142.4

Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси [178, с. 429]

Сабаби асосии интихоби содирот ва воридоти молҳо ва маҳсулот ҳамчун нишондиҳандаи имтиёзҳои гумрукӣ дар он аст, ки имтиёзҳои гумрукӣ ба содирот ва воридоти молҳо ва маҳсулот бе маблағ таъсир мерасонанд. Мисол барои воридоти технологияи нав боҷи гумрукӣ ситонида намешавад, ё ин ки барои содир кардани молҳои тайёр имтиёзҳои гумрукӣ дода шудааст. Бинобар ин сабаб дар асоси нишондиҳандаи мазкур амсиларо сохтем ва у чунин натиҷаро нишон дод.

Ҷадвали 3.2.2. - Матритсаи таносуби байни нишондиҳандаҳо

Нишондиҳандаҳо	Субъектҳои хоҷагидорӣ	Боҷҳои гумрукӣ	Воридот	Содирот
Субъектҳои хоҷагидорӣ	1,000	0,601	0,219	0,785
Боҷҳои гумрукӣ	0,601	1,000	0,548	0,834
Воридот	0,219	0,548	1,000	0,600
Содирот	0,785	0,834	0,600	1,000

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Таҳлили коррелятсионӣ нишон дод, ки шумораи субъектҳои соҳибкории амалкунанда бо сатҳи боҷҳои гумрукӣ ва ҳаҷми содироти молҳо ва маҳсулот зич алоқаманд аст:

- боҷҳои гумрукӣ (0,601),
- содироти молу маҳсулот (0,785)

Бо воридоти молу маҳсулот бошад вобастагии заиф ба назар мерасад. Сабаби асосии чунин вобастагии заиф бештари молҳо ин молҳои истеъмолӣ мебошад, яъне молҳои инвеститсионӣ ва молҳое, ки ҳамчун ашёи хом барои коркард ворид мегардад, камтар ба назар мерасад.

Барои сохтани модели регрессионӣ, субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун омили вобаста, яне -Y ва боҷҳои гумрукӣ – X_1, воридот – X_2, содирот – X_3 интихоб гардид.

Барои сохтани муодилаи регрессионӣ барномаи Python statsmodels истифода гардидааст, ки натиҷаи он дар расми 3.1.1 оварда шудааст.

python Копировать Редактировать

```python
import pandas as pd
import statsmodels.api as sm

# Данные о темпах роста
growth_data = {
    "Y_growth": [0.990428, 1.023348, 0.997413, 1.002969, 1.045987, 1.03074
    "X1_growth": [1.126891, 0.864378, 1.189525, 1.091231, 1.01231, 1.11535
    "X2_growth": [1.062293, 0.79946, 0.882291, 0.915446, 1.135536, 1.06293
    "X3_growth": [1.035934, 0.911286, 1.009095, 1.333037, 0.89591, 1.09419
}

# Создание DataFrame
df_growth = pd.DataFrame(growth_data)

# Зависимая переменная (Y_growth) и независимые переменные (X1_growth, X2_
X_growth = df_growth[["X1_growth", "X2_growth", "X3_growth"]]
y_growth = df_growth["Y_growth"]

# Добавляем константу для модели
X_growth = sm.add_constant(X_growth)

# Строим регрессионную модель
model_growth = sm.OLS(y_growth, X_growth).fit()

# Вывод результатов модели
print(model_growth.summary())
```

Расми 3.1.1. - Муодилаи регрессионии барномаи Python statsmodels.
Сарчашма: таҳияи муаллиф

Натиҷа муайян намуд, ки:

- R^2 = 0,720, яъне амсила вобастагии Y-ро аз омилҳои интихобгардида ба 72% таъмин менамояд.
- Константа – 32530,0;
- X_1 – 2,09 (p-value = 0,775, таъсир намерасонад);
- X_2 −1,15 (p-value = 0,207, таъсир намерасонад);
- X_3 – 5,14 (p-value = 0,035, таъсир мерасонад);
- F - санҷиш (p-value = 0,0426): муодила дар умум ба талаботҳо ҷавобгӯй ҳаст.

Дар натиҷа муодилаи мо чунин намуд мегирад.

$$Y= \beta_0+\beta_1* X_1 + \beta_2* X_2 + \beta_3* X_3, \quad (2)$$

дар ин ҷо:

β_0 - нишондиҳандаи константа;

β_1, β_2, β_3, -коэффитсиентҳои омилҳои таъсиррасон.

Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин намуд мегирад:

$$Y= 32530,0+2,09* X_1 + 1,15* X_2 + 5,14* X_3 \quad (3)$$

Аммо боиси қайд аст, ки байни Y, X_1 *ва* X_2 вобастагии мултиколлинеарности вуҷуд дорад, бинобар ин сабаб мо наметавонем ин нишондиҳандаҳоро дар муодила истифода барем. Бинобар ин сабаб мо дар муодила танҳо як нишондиҳандаро истифода мебарем, ки ин X_3 (содирот) мебошад. Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин мешавад:

$$Y = \beta_0 + \beta_3 \cdot X_3, \quad (4)$$

дар ин ҷо:

- β_0 - константа.
- β_3 - коэффитсиенти X_3.

$$Y = 29042.93 + 3.63 \cdot X_3 \quad (5)$$

Муодилаи мо нишон медиҳад, ки ба 1 афзудани содироти молу маҳсулот ба 3,6% афзудани субъектҳои соҳибкорӣ оварда мерасонад. Яъне, кам кардани пардохтҳои гумрукӣ ба рушди содироти молу маҳсулот мусоидат мекунад. Ин дар навбати худ рушди соҳибкориро дар кишвар

ҳавасманд мекунад. Бо коҳиши боҷҳои гумрукӣ ҳаҷми содирот 1 фоиз меафзояд, ки ин боиси афзоиши шумораи соҳибкорон 3,6% мегардад.

Дар баробари ин мо кушиш кардем, ки вобастагии рушди соҳибкориро аз боҷҳои гумрукӣ муайян намоем, барои ин мо суръати рушди онҳоро гирифтем (ҷадвали 3.2.3).

Ҷадвали 3.2.3. – Суръати рушди нишондиҳандаҳои асосӣ

Солҳо	Y	X_1	X_2	X_3
	Шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда (адад)	Боҷҳои гумрукӣ (млн. доллар)	Воридот (млн. доллар)	Содирот (млн. доллар)
2017	0,990428	1,126891	1,062293	1,035934
2018	1,023348	0,864378	0,79946	0,911286
2019	0,997413	1,189525	0,882291	1,009095
2020	1,002969	1,091231	0,915446	1,333037
2021	1,045987	1,01231	1,135536	0,89591
2022	1,03074	1,115352	1,062932	1,094195
2023	1,07687	0,822078	0,940764	1,197973
2024	0,983872	1,254006	1,335968	1,527898
2025	0,97507	1,285693	1,22758	0,996464

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси [178] таҳия карда шудааст

Дар асоси ҷадвали мазкур санҷишҳои гуногун аз ҷумла, коррелиатсия, вобастагии омилҳо, таҳлили нишондиҳандаи p-value, таҳлили нишондиҳандаи Durbin-Watson stat гузаронида шуд. Дар натиҷа муайян гардид, ки танҳо X_3 дар алоҳидагӣ метавонад ба Y таъсири худро расонад.

Аз натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда истифода намуда, барои муайян намудани дараҷа ва самти таъсири омили интихобгардида ба нишондиҳандаи натиҷавӣ модели регрессияи хаттии одӣ таҳия карда шуд. Натиҷаҳои ҳисоббаробаркунӣ нишон медиҳанд, ки коэффитсиенти муайянкунӣ R^2 = 0,727 буда, тақрибан 72,7 фоизи тағйирёбии нишондиҳандаи вобаста (Y) тавассути тағйирёбии омили дохилшуда ба модел (X_1) шарҳ дода мешавад. Қисми боқимондаи тағйирёбии Y, яъне 27,3 фоиз, ба таъсири дигар омилҳое вобаста мебошад, ки дар доираи модели мазкур ба инобат гирифта нашудаанд.

Коэффитсиенти константа β_0 = 1,204-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда сатҳи назариявии Y-ро дар ҳолате ифода менамояд, ки арзиши омили X_1 ба сифр баробар бошад. Коэффитсиенти регрессияи омили X_1

бошад, β_1 =−0,175-ро ташкил намуда, таъсири баръакси X_1-ро ба нишондиҳандаи натиҷавӣ нишон медиҳад. Аз ҷиҳати иқтисодӣ, ин маънои онро дорад, ки ҳангоми як воҳид зиёд шудани X_1, дар сурати доимӣ мондани дигар шароитҳо, нишондиҳандаи Y ба ҳисоби миёна 0,175 воҳид коҳиш меёбад.

Аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши аҳаммияти оморӣ, p-value = 0,003 мебошад, ки аз сатҳи маъмулан қабулшудаи аҳаммияти 0,05 паст аст. Бинобар ин, фарзияи сифрӣ оид ба баробар будани коэффитсиенти β_1 ба сифр рад гардида, таъсири X_1 ба Y аз ҷиҳати оморӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Ҳамзамон, натиҷаи F-санҷиш (p-value = 0,003) нишон медиҳад, ки модели регрессияи таҳияшуда дар умум аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок буда, робитаи байни тағйирёбандаи натиҷавӣ ва омили таҳлилшаванда дар доираи модели пешниҳодшуда тасодуфӣ нест.

Дар натиҷа муодилаи мо чунин намуди зоҳирӣ дорад:

$$Y = \beta_0 + \beta_1 * X_1, \qquad (6)$$

дар ин ҷо:

- β_0 - нишондиҳандаи константа;
- β_1, - коэффитсиенти омили таъсиррасон

Дар натиҷа муодилаи регрессионии мо чунин намудро доро мегардад:

$$Y = 1{,}204 – 0{,}175 * X_1 \qquad (7)$$

Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар натиҷаи кам шавии боҷи гумрукӣ ба 1%, субъектҳои соҳибкорӣ (соҳибкорон) ба 0,17% афзоиш меёбад, танҳо дар ҳолати рушди дигар омилҳо бе тағйир мондан. Инчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки таъсири омилҳои дигар бештар аст (нишондиҳандаи β_0 – 1,204), яъне дар ҳолати ба 1 фоиз афзудани дигар омилҳо, субъектҳои соҳибкорӣ ба 1,2% меафзояд.

Ҳамин тариқ, модели мазкур нишон медиҳад, ки байни Y ва X_1 робитаи баръакси аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок мавҷуд буда, тағйирёбии X_1 метавонад қисми назарраси тағйирёбии нишондиҳандаи натиҷавиро шарҳ диҳад. Бо вуҷуди ин, R^2 = 0,727 набояд ҳамчун далели робитаи сабабию

натиҷавии мустақим шарҳ дода шавад; он танҳо дараҷаи мувофиқати модели пешниҳодшударо ба маълумоти таҳлилшаванда инъикос менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар дохли нишондиҳандаи мазкур чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди:

1. Муҳити иқтисодӣ;
2. Қонунгузорӣ ва сиёсати давлат;
3. Технология ва инноватсия;
4. Дастрасии ба сармоя;
5. Кумаки иҷтимоӣ ва шабакаҳо;
6. Маърифати иқтисодӣ ва қобилияти идоракунӣ;
7. Меҳнат ва захираҳои инсонӣ ва ғ. таҷассум ёфтааст.

Бинобар ин сабаб дар ҳолати мазкур вобастагии рушди соҳибкорӣ аз боҷҳои гумрукӣ чунин тасниф карда мешавад.

Истифодаи таҳлили амиқ ва омори бозорӣ дар механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ метавонад барои ошкор кардани эҳтиёҷоти воқеии бозор ва таъсири эҳтимолии имтиёзҳо ба соҳаҳои иқтисодӣ, беҳтар кардани самаранокии амалия ва кумак ба соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон муфид бошад. Бо таваҷҷӯҳ ба таҳлили оморӣ ва пешгӯии натиҷаҳо, имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба як воситаи пурқудрат барои рушди иқтисоди миллӣ, кам кардани монеаҳои тиҷоратӣ ва зиёд кардани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ табдил ёбанд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда тасдиқ менамояд, ки имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назарраси мусбат мерасонанд, ба шарте ки бо дигар омилҳои дастгирии давлатӣ якҷоя карда шаванд. Таҳлили регрессионӣ робитаҳои оморӣ байни сатҳи имтиёзҳо ва нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти тиҷоратиро ошкор кард, ки имкон медиҳад истифодаи минбаъдаи чунин воситаҳо дар сиёсати иқтисодӣ тавсия дода шавад.

Таҳлил инчунин нишон медиҳад, ки самаранокии имтиёзҳо ба таври назаррас аз муҳити институтсионалӣ ва мавҷудияти захираҳои молиявӣ вобаста аст, ки муносибати ҳамаҷонибаро дар таҳияи чораҳои дастгирӣ талаб

мекунад. Натиҷаҳо метавонанд барои такмил додани сиёсати давлатӣ дар соҳаи танзими гумрукӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ асос бошанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда оид ба такмили амсилаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ, хулосаҳои асосии зерин ба даст оварда шуданд:

- имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи иқтисодии танзими давлатӣ метавонанд ба коҳиши сарбории молиявии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии воридоти таҷҳизот, технология ва ашёи хом, инчунин рушди истеҳсолот ва фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат намоянд. Самаранокии онҳо, дар навбати аввал, аз ҳадафмандӣ, шаффофият, пешгӯишавандагӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ ва мавҷудияти низоми мунтазами мониторинг ва баҳодиҳӣ вобаста дорад. Аз ин рӯ, механизми пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бояд на танҳо ба коҳиши пардохтҳои гумрукӣ, балки ба натиҷаҳои воқеии иқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши истеҳсолот, сармоягузорӣ, содирот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона карда шавад.
- натиҷаҳои таҳлили коррелятсионӣ мавҷудияти робитаи гуногуншиддатро байни шумораи субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда ва нишондиҳандаҳои асосии савдои хориҷӣ нишон доданд. Аз ҷумла, байни шумораи субъектҳои хоҷагидорӣ ва боҷҳои гумрукӣ коэффитсиенти коррелятсия r = 0,601, байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва содирот r = 0,785 ва байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва воридот r = 0,219 ба қайд гирифта шудааст. Ин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки тағйирёбии фаъолияти соҳибкорӣ бо динамикаи нишондиҳандаҳои савдои хориҷӣ, махсусан содирот, робитаи нисбатан назаррас дорад. Ҳамзамон, чунин робитаҳо набояд далели мустақими робитаи сабабию натиҷавӣ гардад, балки ҳамчун ҳамчун вобастагии оморӣ маънидод гардид.
- натиҷаҳои модели регрессионии бисёромила нишон доданд, ки модели таҳияшуда қобилияти шарҳдиҳии нисбатан баланд дошта, қимати R^2 = 0,720-ро ташкил медиҳад. Дар байни омилҳои дохилшуда танҳо содирот

(X_3) аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок баромад (p-value = 0,035), дар ҳоле ки таъсири боҷҳои гумрукӣ (X_1) ва воридот (X_2) дар ин спецификатсияи модел аз ҷиҳати оморӣ тасдиқ нашуд. Бо дарназардошти мушкилоти вобастагии байни омилҳо ва зарурати баланд бардоштани устувории модел, барои таҳлили минбаъда модели якомила бо истифодаи нишондиҳандаи содирот ҳамчун омили таъсиррасон интихоб карда шуд.

- модели регрессияи хаттии одӣ робитаи омории аҳаммиятноки байни нишондиҳандаи фаъолияти соҳибкорӣ ва омили таҳлилшавандаро нишон дод. Қимати R^2 = 0,727 шаҳодат медиҳад, ки тақрибан 72,7 фоизи тағйирёбии нишондиҳандаи вобаста дар доираи модели мазкур аз тағйирёбии омили дохилшуда шарҳ дода мешавад, дар ҳоле ки 27,3 фоизи боқимонда ба таъсири дигар омилҳои ба модел вориднашуда вобаста мебошад. Коэффитсиенти регрессия β_1 = - 0,175 самти баръакси робитаро нишон дода, аҳаммияти омории он бо p-value = 0,003 тасдиқ мегардад. Ҳамчунин, аҳаммияти умумии модел бо натиҷаи F-санҷиш (p-value = 0,003) тасдиқ шудааст. Бо вуҷуди ин, қимати R^2 ва аҳаммияти омории коэффитсиентҳо набояд ҳамчун далели робитаи қатъии сабабию натиҷавӣ байни боҷҳои гумрукӣ ва рушди соҳибкорӣ маънидод карда шаванд.
- дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот механизми такмилёфтаи арзёбӣ ва истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ бояд ба принсипҳои ҳадафмандӣ, далелнокии иқтисодӣ, мониторинги мунтазам ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии муҳити иқтисодӣ асос ёбад. Ҳангоми муайян намудани самтҳои пешниҳоди имтиёзҳо зарур аст таъсири онҳо на танҳо ба фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, балки ба ҳаҷми сармоягузорӣ, воридоти технология, рушди истеҳсолот, содирот, ташкили ҷойҳои корӣ ва даромадҳои буҷети давлатӣ ба таври маҷмӯӣ арзёбӣ карда шавад. Аз ин лиҳоз, истифодаи таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ дар якҷоягӣ бо нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ метавонад заминаи методологии асоснок намудани қарорҳои давлатӣ оид ба самаранокии имтиёзҳои гумрукиро фароҳам оварад.

3.3. Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар шароити вусъат пайдо кардани равандҳои рақамикунонӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ба яке аз омилҳои муҳими дастёбӣ ба рушди устувори иқтисодӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мубадал гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ қарор дошта, барои рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ тадбирҳои гуногуни иқтисодӣ ва институтсионалиро ҷорӣ менамояд. Дар ин раванд механизми имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун васоити муҳими ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ ва такмили муҳити сармоягузорӣ аҳамияти махсуси иқтисодӣ пайдо менамояд.

Имтиёзҳои гумрукӣ маҷмуи тадбирҳое ба ҳисоб меравад, ки ба кам намудан ё озод кардани субъектҳои соҳибкорӣ аз пардохтҳои муайяни гумрукӣ ҳангоми воридот ва содироти молу маҳсулот пешниҳод гардиданд. Таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои хориҷӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба рушди истеҳсолоти миллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши иқтидори содиротӣ кӯмак расонад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди саноатикунонӣ ва рақамикунонии иқтисодиётро ҳамчун ҳадафи стратегии худ муайян кардааст, такмили механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити мазкур аҳамияти муҳими илмию амалӣ дорад.

Шиносоӣ бо вазъи кунунии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки онҳо хусусияти системавӣ надошта, бештар ба ҳалли ҳадафҳои кӯтоҳмуддати молиявӣ нигаронида шуда буданд ва ба бехдошти иҷтимӣ дар давраи дарозмуҳлат камтар таъсир гузоранд. Дар шароити рушди фаъоли соҳибкорӣ, набудани стратегияи дақиқи истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ба паст шудани самаранокии онҳо оварда мерасонад ва имкониятҳои ворид кардани тағйироти сохториро ба иқтисодиёт маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи стратегияи рушди соҳибкорӣ, ки имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун унсури низоми ташкилӣ ва иқтисодии танзими давлатӣ баррасӣ мекунад, торафт муҳимтар мегардад. «Арзёбии самаранокии

имтиёзҳои гумрукӣ бояд дар асоси таҳлили мувозинати байни манфиатҳои иқтисодӣ ва талафоти буҷетӣ амалӣ гардад» [3, с. 9].

Дар шароити тағйирёбии иқтисоди ҷаҳонӣ ва тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ нақши омилҳои иқтисодии хориҷӣ дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии давлатҳо меафзояд. Ба ақидаи Кругман П. «...барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ бунёди низоми муассири назорати давлатӣ бар фаъолияти соҳибкорӣ муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки воридоти сармоягузорӣ фаъол карда шавад, ҳаҷми содирот зиёд карда шавад ва мавқеи истеҳсолкунандагони маҳаллӣ дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам карда шавад» [50, с. 355]. Муҳаққиқони хориҷӣ нишон медиҳанд, ки набудани назорати мунтазам ва мониторинги натиҷаҳо метавонад ба пастшавии самаранокии сиёсати тарифӣ оварда расонад. Ба андешаи онҳо, «бе арзёбии даврии самаранокӣ имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба талафоти назарраси буҷетӣ оварда расонад» [177, с. 1497]. Дар ҳамин замина, Клем А. қайд менамояд, ки «самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бояд аз рӯйи таъсири онҳо ба рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ муайян карда шавад» [169, с. 30].

Олими ватанӣ Абдураҳмонов А.А., чунин иброз менамояд: «...Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори назарраси меҳнатӣ ва захиравӣ ҳамзамон бо як қатор маҳдудиятҳои сохторӣ, аз ҷумла маҳдудияти бозори дохилӣ, вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти тайёр ва сатҳи нокифояи рушди технологӣ рӯ ба рӯ мешавад. Дар ин шароит фаъолияти соҳибкорӣ омили асосии рушди иқтисодӣ буда, дастгирии он аз ҷониби давлат шарти зарурии навсозии иқтисодиёти миллӣ мебошад» [26, с. 345].

Муҳақиқи дигари ватанӣ Асрорзода У.С. дар таҳқиқоти худ чунин қайд менамоянд, «моҳияти иқтисодии имтиёзҳои гумрукӣ аз кам кардани хароҷоти субъектҳои хоҷагидорӣ иборат аст, ки барои васеъ кардани фаъолияти истеҳсолӣ ва сармоягузорӣ ҳавасмандии иловагӣ ба вуҷуд меорад» [91, с. 455]. Илова бар ин, Валиев Н.Ш. қайд менамояд, «таъмин намудани инкишофи босуръати фаъолияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои таъсиргузор барои татбиқи амалии пояҳои иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ,

тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои асосии он, таъмини шароити мусоиди ташаккули соҳибкории хусусӣ тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои мухталиф дар низоми андозбандии фоида, арзиши иловашуда, пардохти боҷу хироҷи гумрукӣ, ҷорӣ намудани мораторий дар давраи муайян нисбати санҷишҳои зиёди фаъолияти муваффақонаи субъектҳои соҳибкорӣ ва аз байн бурдани дигар монеаҳои мавҷуда ба қатори чораҳои муҳиму аввалиндараҷа маҳсуб мешаванд» [137, с. 61]

Барои рушди бомуваффақияти соҳибкорӣ дар шароити тағйирёбандаи вазъи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 таҳия кардан зарур аст. Ин стратегия бояд ба рақобатпазирии тиҷорати миллӣ, афзоиши иқтидори содиротӣ ва фаъолсозии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат кунад. Дар ин робита, истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун воситаи калидии сиёсати иқтисодӣ, ки қодир аст мустақиман ва ғайримустақим ба динамикаи бахши соҳибкорӣ таъсир расонад, махсусан зарур мебошад.

Дар ҷараёни таҳлили паҳлуҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба хулоса омадан зарур аст, ки бояд Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавасути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 таҳия ва пешниҳод карда шавад, ки ҳадафи он рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Азбаски корхонаҳои истеҳсолӣ, ки аксарияти онҳо мақоми соҳибкории хурд ва миёна доранд, бо мушкилоти маблағгузории таҳияҳои таҳқиқотӣ, конструкторӣ ва инноватсионӣ рӯ ба рӯ мешаванд, дар ҳоле ки онҳо бояд рақобатпазир бошанд. Аз ин сабаб таҳияи Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то давраи соли 2030 ба фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Ҳадафи асосии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити рақамикунонӣ аз фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани ҷолибияти

сармоягузорӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ иборат аст. Барои расидан ба ҳадафи мазкур, пеш аз ҳама, зарур аст, ки низоми гумрукӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мутобиқ гардонида шавад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз самтҳои муҳими стратегияи мазкур ин рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ ба ҳисоб меравад, ҷорӣ кардани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар равандҳои гумрукӣ имконият фароҳам месозад, ки расмиёти барасмиятдарорӣ сода, шаффоф ва дастрас шавад. Татбиқи низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, истифодаи имзои электронии рақамӣ, автоматикунонии амалиёти гумрукӣ ва рушди принсипи «равзанаи ягона» метавонанд вақти барасмиятдарории молҳоро ба таври назаррас коҳиш дода, хароҷоти соҳибкоронро кам кунад. Дар натиҷа сатҳи эътимоди соҳибкорон ба низоми гумрукӣ боло рафта, фаъолияти иқтисодии хориҷии онҳо густариш пайдо менамояд.

Илова бар ин, дастгирии истеҳсолоти ватанӣ тавассути имтиёзҳои гумрукӣ самти дигари муҳими стратегияи болозикр маҳсуб меёбад. Дар шароити рушди саноатикунонии босуръат, воридоти таҷҳизоти технологӣ, хатҳои истеҳсолии муосир, технологияҳои рақамӣ ва ашёи хоми зарурӣ бояд бо шароити имтиёзнок таъмин карда шавад. Ин иқдом ба корхонаҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки иқтидори истеҳсолии худро зиёд намуда, сифати маҳсулотро беҳтар созанд ва хароҷоти истеҳсолиро коҳиш диҳанд. Дар натиҷа рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ баланд мегардад.

Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити рақамикунонӣ ба ташаккули муҳити мусоиди соҳибкорӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, ҷалби сармоя мустақим, баланд бардоштани иқтидори беруниқтисодии мамлакат ва густариши истеҳсолоти ҷойгузини воридот ва ба содирот нигаронидашуда равона гардидааст. Он дар фишанги муҳими дастёбӣ ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти устуворгардонии рақобатпазирии байналмилалии иқтисоди миллӣ ва беҳдошти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон мебошад, ки дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ мусоидат намуда, нақши бахши хусусиро дар рушди фаъолияти савдои хориҷӣ боз ҳам баданд хоҳад бардошт.

Асоси методологии ташаккули стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ аз ҳисоби имтиёзҳои гумрукӣ муносибати системавӣ мебошад, ки имкон медиҳад имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун унсури низоми комплексии сиёсати иқтисодии давлат баррасӣ карда шаванд. Истифодаи усули системавӣ баҳисобгирии муносибатҳои байни сиёсати гумрукӣ, андоз, сармоягузорӣ ва саноатиро таъмин мекунад.

Лившитс В.Н. дар таҳқиқоти худ чунин қайд менамояд: «равиши институтсионалӣ низ муҳим аст, ки дар доираи он ба нақши институтҳои давлатӣ, қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, ки шароити пешбурди фаъолияти соҳибкориро муайян мекунанд, диққати махсус дода мешавад» [53, с. 280]. Вобаста ба ин самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ бештар аз рӯйи сифати маъмурият, шаффофияти амалиётҳо ва дараҷаи эътимод ба мақомоти гумрук муайян карда мешавад.

Дар Стратегияи рушди соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 бояд ба дастгирии соҳибкории хурд ва миёна таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бахш бо дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ ва сатҳи баланди хароҷоти трансаксионӣ рӯ ба рӯ мебошад. Имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти технологияи нав ва ашёи хом барои истеҳолти ба содирот нигаронидашуда метавонад ба рушди шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ дар мамлакат мусоидат намояд.

Стратегияи рушди соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ то соли 2030 бояд омилҳои иқтисодии хориҷиро, аз ҷумла иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва созишномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ ба назар гирад. Ҳамоҳангсозии сиёсати гумрукӣ-тарифӣ бо уҳдадориҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки монеаҳои тиҷоратӣ коҳиш дода шуда, барои воридшавии соҳибкорони миллӣ ба бозорҳои хориҷӣ шароити мусоид фароҳам гардад.

Стратегия, инчунин бояд механизмҳои мониторинг ва арзёбии натиҷабахшии истифодаи имтиёзҳои гумрукиро дарбар мегирад. Набудани таҳлили мунтазами самаранокии имтиёзҳо сифати қарорҳои идоракуниро коҳиш дода, ба ислоҳи саривақтии сиёсати гумрукию тарифӣ монеа эҷод мекунад. Дар ин замина, ҷорӣ намудани низоми нишондиҳандаҳо барои арзёбии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба индикаторҳои асосии рушди соҳибкорӣ оқилона аст (Расми 3.3.1).



Расми 3.3.1. - Самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳибкорӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳия ва дар амалия татбиқ намудани механизми пешниҳодшавандаи арзёбии самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ

имкон медиҳад, ки дараҷаи ҳамбастагии рушди соҳибкорӣ ба имтиёзҳои пешниҳодшаванда муқарар карда шавад. Дар баробари ин мушоҳида карда шавад, ки ҳолати нишондиҳандаҳои муҳими рушди соҳибкорӣ аз қабили сармоягузорӣ, қобилияти соҳибкорӣ ва дастрасӣ ба технологияи нав чи гуна беҳтар мегардад. Бонки Ҷаҳонӣ таъкид менамояд, ки «имтиёзҳои гумрукӣ танҳо дар ҳолате асоснок мебошанд, ки онҳо ба афзоиши сармоягузорӣ ва рушди истеҳсолот таъсири воқеӣ расонанд» [175, с. 42].

Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва таъсири онҳо ба рушди соҳибкорӣ ба таври объективӣ арзёбӣ карда шаванд.

Барои баланд бардоштани самаранокии стратегияи рушди соҳибкорӣ, бояд ҳамкории байнисоҳавӣ байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки барои сиёсати гумрук, андоз ва соҳибкорӣ масъуланд, ба роҳ монда шавад. Ин барои пешгирӣ кардани такрори вазифаҳо ва муносибкунии чораҳои дастгирӣ кӯмак хоҳад кард. Эҷоди механизмҳои ҳамоҳангсозӣ як қадами муҳим дар ин самт хоҳад буд. Чунин механизмҳо бояд мутобиқати қарорҳоро таъмин кунанд ва ба ҳадафҳои стратегии рушди соҳибкорӣ мусоидат кунанд.

Ҳамин тариқ, Стратегия бояд ҳамчун воситаи дарозмуддати навсозии сохтории иқтисодиёт баррасӣ гардад, ки ба ташаккули бахши устувори соҳибкорӣ ва баланд бардоштани саҳми он дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шудааст. Татбиқи ин стратегия имкон медиҳад, ки самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ афзоиш ёфта, таъсири ҳавасмандгардонии онҳо тақвият ёбад ва мувозинати манфиатҳои давлат ва ҷомеаи соҳибкорӣ таъмин карда шавад.

Дар доираи ташаккули Стратегия аҳамияти махсус ба системадарории ҳадафҳои стратегӣ ва воситаҳои татбиқи онҳо равона карда мешавад. Бо ин мақсад, мувофиқи мантиқ аст, ки самтҳои таъсири стратегии имтиёзҳои гумрукӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ сохторбандӣ карда шаванд (Расми 3.3.2).



Расми 3.3.2. – Стратегияи рушди соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳияи Стратегия бо зарурати татбиқи самтҳои калидии рушди миллӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар мустаҳкам гардидаанд, асоснок мегардад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, аҳамияти бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва баланд бардоштани иқтидори институтсионалии рушди соҳибкорӣ таъкид мегардад, ки заминаи ҳамгироии чунин тадбирҳо, ба мисли имтиёзҳои гумрукӣ, ба сиёсати умумии ҳавасмандгардонии ташаббуси хусусиро фароҳам меорад.

Стратегия бояд бо самтҳои стратегии миллии рушди устувор, беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва гуногунрангии иқтисодиёт ҳамгирои карда шавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки на танҳо ҳавасмандгардонии ҳадафманди соҳибкорӣ таъмин гардад, балки саҳми соҳибкорӣ дар ноил шудан ба ҳадафҳои миллии рушди дарозмуддат тақвият ёбад.

Таҳияи стратегия фароҳам овардани сенарияҳои пешгӯинамудаи рушди соҳибкориро пешбинӣ мекунад, ки эҳтимолияти самтҳои рушдро бо сатҳҳои гуногуни татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ нишон медиҳад. Пешгӯиҳо се сенария, консервативӣ, асосӣ ва прогрессивиро дар бар мегиранд, ки комбинатсияҳои гуногуни кӯшишҳои давлат ва вобастагии бахши хусусиро тавсиф мекунанд.

- сенарияи консервативӣ – нигоҳ доштани шароити амалкунандаи имтиёзҳо бидуни густариши ҳадафмандӣ;
- сенарияи асосӣ – ҷорӣ намудани қисман имтиёзҳои интихобии гумрукӣ дар соҳаҳои афзалиятнок;
- сенарияи прогрессивӣ – татбиқи комплексии стратегия бо истифодаи фаъолонаи имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун абзори ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ.

Дар ҷадвали 3.3.1 пешгӯиии нишондиҳандаҳои муҳими ифодакунандаи рушди соҳибкорӣ вобаста ба пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ барои солҳои 2026 - 2030 оварда шудааст. Дар ин пешгӯии дурнамои рушди соҳибкорӣ вобаста ба сенарияҳои гунгуни ҷудосозии имтиёзҳои гумрукӣ ва дараҷаи дастгирии институтсионалӣ муқарар карда шудааст (ҷадвали 3.3.1).

Ҷадвали 3.3.1. – Пешгӯии сенариявии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2026–2030)

Нишондиҳандаҳо	Консервативӣ	Асосӣ	Прогрессивӣ
1. Афзоиши шумораи КХМ (%)	3–5	7–10	12–15
2. Ҳиссаи КХМ дар ММД (%)	1,0	1,8	2,5
3. Ҳаҷми содироти КХМ (млн. доллари ИМА)	5–7	10–15	20–30
4. Сармоягузории мустақим (млн. доллари ИМА)	20–30	40–60	80–100

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Ҷадвали 3.3.1 нишон медиҳад, ки татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ ба соҳибкорӣ дар давраи 2026 - 2030 таъсири мусбати гуногундараҷа дорад. Дар ҳама сенарияҳо (консервативӣ, асосӣ ва прогрессивӣ) тамоюли афзоиши шумораи КХМ, ҳиссаи онҳо дар ММД, ҳаҷми содирот ва ҷалби сармоягузории мустақим мушоҳида мешавад. Дар байни сенарияҳои овардашуда дар сенарияи прогрессивӣ нишондиҳандаҳои баландтарини

рушди фаъолияти соҳибкорӣ ба чашм мерасад. Дар ин сенария имтиёзҳои гумрукиро ҳамчун омили муҳими рушди соҳибкорӣ баромад менамояд.

Ин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо як воситаи дастгирии кӯтоҳмуддат, балки омили муҳими таҳрикдиҳандаи рушди дарозмуддати иқтисодӣ мебошанд. Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда собит намуд намуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ ба муҳити соҳибкориро мусоидтар намуда, рақобатпазирии субъектони онро дар сатҳи миллӣ ва байналмиллалӣ таъмин менамояд. Ин на танҳо сабаби афзоиши истеҳсолот балки содирот ва пешбурди фаъолияти тиҷорати беруна мегардад.

Дар доираи пешгӯии нишондиҳандаҳо метавонем як чанд тавсияҳои амалиро пешниҳод намоем, аз қабилӣ:

- бо назардошти таъсири мусбати ҳамаи сенарияҳо, зарур аст, ки татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ ба таври марҳилавӣ ва мақсаднок васеъ карда шавад, то рушди устувори КХМ таъмин гардад.
- афзалият додан ба сенарияи асосӣ ва прогрессивӣ мувофиқи мақсад аст, зеро онҳо сатҳи баландтари афзоиши ММД, содирот ва сармоягузориро таъмин мекунанд.
- барои баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳо, зарур аст, ки мониторинги доимии таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҷорӣ карда шавад.
- ҷалби сармоягузории мустақим бояд бо имтиёзҳои гумрукӣ ҳамоҳанг гардонида шуда, махсусан ба бахшҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ равона карда шавад.
- тақвияти иқтидори содиротии КХМ ҳамчун омили асосии истифодаи самараноки имтиёзҳои гумрукӣ бояд дар сиёсати давлатӣ ҷойгоҳи махсус дошта бошад.

Ҳисобҳо аз рӯйи формулаи усули индекс гузаронида шуданд:

$$It=I0\times(1+gt), I_t = I_0 \times (1 + g_t), It=I0\times(1+gt), \quad (8)$$

дар ин ҷо:

It- индекси рушди соҳибкорӣ дар давраи *t*;

I0- арзиши асосии индекс (2025 с. = 100);

gt- суръати пешбинишудаи афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ.

Ҷадвали 3.3.2. - Ҳисоб кардани индекси пешбинишудаи рушди соҳибкорӣ


Сол	Консервативӣ	Асосӣ	Прогрессивӣ
2025	100	100	100
2026	103	105	108
2027	105	108	113
2028	107	112	118
2029	109	116	123
2030	110	120	130

Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф

Натиҷаҳои ҷадвали 3.3.2 нишон медиҳанд, ки индекси пешбинишудаи рушди соҳибкорӣ дар ҳамаи сенарияҳо тамоюли устувори афзоиш дорад. Дар давраи 2025-2030 нишондиҳандаҳо тадриҷан баланд шуда, сатҳи рушди иқтисодӣ сол ба сол беҳтар мегардад. Сенарияи консервативӣ афзоиши нисбатан сустро (аз 100 то 110) нишон медиҳад, ки он рушди мӯътадил ва бо суръати маҳдудро инъикос мекунад. Сенарияи асосӣ бо афзоиш то 120 сатҳи миёнаи рушди устуворро нишон медиҳад. Дар навбати худ, сенарияи прогрессивӣ баландтарин натиҷаро (то 130) таъмин намуда, аз фаъолшавии назарраси муҳити соҳибкорӣ ва самаранокии сиёсати дастгирии он шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҷадвали 3.3.2 собит мекунад, ки интихоби сиёсати фаъол ва прогрессивӣ метавонад ба суръатбахшии рушди соҳибкорӣ ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мусоидат намояд (Диаграммаи 3.3.1).

Диаграммаи 3.3.1. – Пешгӯии сенариявии таъсири имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф

Тавре дар диаграммаи 3.3.1 нишон дода шудааст, дар ҳамаи сенарияҳо динамикаи мусбати рушди соҳибкорӣ пешгӯӣ мешавад, аммо шиддати

афзоиш фарқ мекунад. Дар сенарияи консервативӣ индекс рушди соҳибкории хурд ва миёна то соли 2030 танҳо ба 110 фоиз мерасад, ки нишондиҳандаи таъсири маҳдуди имтиёзҳои гумрукӣ дар шароити набудани ҳадафмандӣ мебошад.

Сенарияи асосӣ динамикаи устувортар нишон медиҳад, ки индекс то охири давраи пешгӯӣ ба 120 фоиз мерасад. Ин таъсири мусбати ҷузъии интихобии имтиёзҳо ва равона намудани онҳо ба соҳаҳои афзалиятнокро нишон медиҳад.

Ҳадафҳои назаррастарин дар сенарияи прогрессивӣ ба даст оварда мешаванд, ки татбиқи систематикӣ ва ҷории стратегияро тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ пешбинӣ мекунад. Дар ин ҳолат индекс рушди соҳибкории хурд ва миёна ба 130 фоиз мерасад, ки нишондиҳандаи таъсири баланд ва мултипликативии имтиёзҳои гумрукӣ мебошад, агар онҳо ба низоми умумии дастгирии давлатии соҳибкорӣ ворид карда шаванд.

Пешгӯии нишондиҳандаҳо нишон медиҳад, ки истифодаи фаъол ва ҳадафмандонаи имтиёзҳои гумрукӣ метавонад ба таври назаррас рушди муҳити соҳибкорӣ ва афзоиши саҳми он дар рушди иқтисодӣ мусоидат кунад.

Барои асоснок кардани таъсироти пешгӯии татбиқи стратегия, истифодаи равиши ҳисоббарории таҳлилӣ, ки бар асоси сохтани пешгӯии сенариявӣ сурат мегирад, мувофиқи мақсад аст. Ҳисобдиҳии асосӣ ҳамчун индекс интегралӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна истифода мешавад, ки соли 2025 ҳамчун 100 адад қабул шудааст.

Самаранокии механизми имтиёзҳои гумрукӣ бояд бо натиҷаҳои мониторинг ва арзёбӣ, ки бар асоси маълумоти объективии статистикӣ сурат гирифтаанд, тасдиқ карда шавад. Дар доираи таҳқиқот низоми нишондиҳандаҳо истифода мешавад, ки динамикаи амалиёти содирот ва воридот, рушди соҳибкорӣ ва фаъолиятҳои сармоягузориро инъикос мекунанд.

Ҷадвали 3.3.3. – Нишондиҳандаҳои воқеии содирот ва воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2019-2024

Солҳо	Содирот, млн долл. ИМА	Воридот, млн долл.ИМА
2019	1195	2657
2020	891	3436
2021	2149,6	4209,5
2022	2100	5000
2023	2000	6000
2024	1946,9	7010

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [179]

Тавре аз ҷадвали 3.3.3 дида мешавад, тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёдаравии воридот нисбат ба содирот тавсиф мешавад, ки таносуби манфии савдои берунаро ташкил медиҳад. Дар соли 2019 ҳаҷми содирот тақрибан 1,2 млрд. доллари ИМА буд, дар ҳоле ки воридот аз 2,6 млрд. доллари ИМА зиёдтар буд. Дар соли 2020 коҳиши амалиёти содиротӣ, ки бо маҳдудиятҳои иқтисоди хориҷӣ вобаста буд, ҳамзамон бо афзоиши вобастагии воридот мушоҳида шуд.

Дар соли 2021 содирот ба зиёда аз 2,1 млрд. доллари ИМА афзоиш ёфт, аммо воридот низ зиёд шуда, аз 4,2 млрд. доллари ИМА зиёдтар шуд. Фарқи бештар байни содирот ва воридот дар соли 2024 мушоҳида мешавад, ки ҳаҷми воридот тақрибан 7,0 млрд. доллари ИМА ва содирот камтар аз 2,0 млрд. доллари ИМА буд.

Таҳлили сохтори савдои хориҷӣ нишон медиҳад, ки иқтисодиёти кишвар аз воридоти молҳо ва хидматҳо вобастагии калон дорад, дар ҳоле ки самти содироти бахши соҳибкорӣ камтар ба назар мерасад. Аз ин рӯй аҳамияти таҳия ва татбиқи Стратегияи рушди соҳибкорӣ барои соли 2030 бо истифода аз имтиёзҳои гумрукӣ торафт равшантар мегардад. Механизми мазкур ба дастгирии истеҳсоли содирот; коркарди ашёи хоми воридотӣ дар дохили кишвар; кам кардани хароҷот барои тиҷорат ҳангоми воридоти таҷҳизот ва технология мусоидат мекунад.

Корхонаҳои хурду миёна, ки дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ фаъолона иштирок мекунанд, кӯшиш мекунанд, ки мавқеи худро дар ин соҳа гуногунранги ва мустаҳкам кунанд. Дар ин асно таҳлили муқоисавии тағйирёбии динамикаи воридот бар содирот дар солҳои охир зарурати бозбинии сиёсати савдои хориҷӣ махсусан имтиёздиҳии гумрукиро тақозо

менамояд. Бояд сиёсати гумрукӣ дар баробари иҷрои вазифаи фискалии боҷи гумрукӣ ба рушди соҳибкорӣ ва навсозии сохтории иқтисодиёт равона шуда бошад.

Баъд аз ин, муаллиф бо истифода аз маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгӯии динамикаи содирот ва воридотро то соли 2030 анҷом додааст.

Натиҷаҳои пешгӯӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи механизми пешниҳодшуда афзоиши содиротро нисбат ба воридот суръат мебахшад ва таносуби манфии савдои хориҷиро коҳиш медиҳад.

Пешгӯиҳои динамикаи содирот ва воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз экстраполясияи равишҳои воқеии солҳои 2019-2024 сурат гирифт. Дар баробари ин ҳадафҳои рушди стратегии мамлакат то соли 2030, ки дар стратегияи миллии рушд муқарар карда шуда буданд ба инобат гирфита шуданд. Он дар натиҷа пурра таҷассумгари таъсири эҳтимолии тадбирҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ, махсусан имтиёзҳои гумрукӣ ба рушди савдои берунӣ гардид.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар раванди таҳияи пешгӯи баъзе фарзияҳо низ истифода шуданд:

- рушди миёнаи содирот дар заминаи рушди истеҳсолоти ниҳои махсусан саноати коркард дар мамлакат, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи имтиёзҳои гумрукӣ ва содагардонии расмиёти содирот;

- идомаёбии вобастагии баланди истеъмолоти дохилӣ ба воридот, қисман нигоҳдории суръати афзоиши воридот дар сатҳи муқтадил;

- набудани ҳолатҳои берунӣ ва нигоҳ доштани субот дар макроиқтисод.

Ҷадвали 3.3.4. – Нишондиҳандаҳои воқеӣ ва пешгӯии содирот ва воридоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. доллари ИМА

Солҳо	Содирот (воқеӣ)	Воридот (воқеӣ)	Содирот (пешгӯӣ)	Воридот (пешгӯӣ)
2019	1195	2657	-	-
2020	891,2	3436	-	-
2021	2149,6	4209,5	-	-
2024	1946,9	7010	-	-
2025	-	-	2050	7200
2026	-	-	2150	7400
2027	-	-	2300	7600
2028	-	-	2450	7800
2029	-	-	2600	8000
2030	-	-	2800	8200

Сарчашма: ҳисоби муаллиф

Тавре аз маълумоти ҷадвали 3.3.4 дида мешавад, дар давраи пешгӯӣ то соли 2030 ҳаҷми содирот тадриҷан афзоиш меёбад, ки бо татбиқи тадбирҳои стратегии дастгирии соҳибкорӣ метавонад аз 2,05 млрд доллари ИМА соли 2025 то 2,8 млрд доллари ИМА соли 2030 афзоиш ёбад. Ин афзоиш дар заминаи рушди истеҳсолти ба содирот нигарродидашуда, аз тарафи субъектҳои мухталифи соҳибкорӣ, кам кардани арзиши аслии маҳсулот тавассути истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ба даст омадааст.

Ҳамзамон, пешгӯӣ мешавад, ки воридот низ афзоиш ёбад - аз 7,2 млрд доллари ИМА соли 2025 то 8,2 млрд доллари ИМА соли 2030, ки вобастагии иқтисодиётро аз воридоти молҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ нишон медиҳад. Аммо суръати афзоиши воридот нисбат ба солҳои пешина нисбатан сусттар мебошад, ки метавонад нишонаи мутобиқшавии сохтории тадриҷии иқтисодиёт бошад.

Фарқи доимӣ байни содирот ва воридот аҳамияти истифодаи фаъолонаи имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун абзори ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро таъкид мекунад, ки ба рушди коркард, ивазкунӣ ва густариши потенсиали содиротии бизнеси миллӣ равона шудааст. Дар дарозмуддат татбиқи ин стратегия метавонад таносуби манфии савдои хориҷиро коҳиш дода, саҳми бахши соҳибкориро дар рушди иқтисодӣ афзоиш диҳад.

Моҳияти иқтисодии стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ дар он ифода меёбад, ки давлат бо роҳи сабук намудани сарбории гумрукӣ ва содагардонии расмиёти барасмиятдарорӣ фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкориро ҳавасманд мегардонад. Дар натиҷа, арзиши аслии маҳсулоткоҳиш ёфта, имкониятҳои бештар барои соҳибкорон дар самти истеҳсоли молҳои ба содирот нигаронидашуда ва дастрасӣ ба технологияҳои нав ба вуҷуд меояд. Чунин ҳолатҳо дар ниҳоят ба рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи мамлакат замина фароҳам меоварад (Расми 3.3.3).



Расми 3.3.3. - Стратегияи рушди фаъолияти соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҳадафи асосии чунин стратегия фароҳам овардани муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути такмили механизмҳои имтиёзҳои гумрукӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф зарур аст, ки фаъолияти мақомоти гумрукӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорон мутобиқ ва самаранок гардонида шавад. Дар ин замина принсипҳои шаффофият, қонуният, баробарҳуқуқӣ, самаранокӣ ва ҳавасмандгардонии рушди истеҳсолот бояд ҳамчун асоси сиёсати давлатӣ хизмат намоянд.

Яке аз самтҳои муҳими стратегия такмили низоми имтиёзҳои гумрукӣ мебошад. Имрӯз рушди соҳибкорӣ аз бисёр ҷиҳат ба содагардонии расмиёти гумрукӣ ва коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ вобаста аст. Дар ҳолате ки соҳибкорон барои ворид намудани таҷҳизот, технология ва ашёи хом аз расмиёти мураккаб озод карда мешаванд, имкониятҳои онҳо барои васеъ намудани истеҳсолот ва беҳтар намудани сифати маҳсулот бештар мегардад. Аз ин рӯ, такмили заминаи ҳуқуқӣ ва содагардонии тартиби пешниҳод намудани имтиёзҳо метавонад ба баланд шудани фаъолнокии соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Самти дигари муҳими стратегия дастгирии истеҳсолоти ватанӣ мебошад. Дар иқтисодиёти муосир рақобатпазирии корхонаҳо аз сатҳи технологияи истифодашаванда вобастагии калон дорад. Ҳамин тавр бе имтиёзҳои гумрукӣ имкониятҳои соҳибкоронро дар самти истиеҳсолоти молҳои рақаобатпазир рушд бахшидан имконнопазир аст. Маҳз имтиёзҳои гумрукӣ дастасии онҳоро ба таҷҳизоти муосир, технологияҳои афзалиятдошта ва ашёи хоми дастрас васеъ мегардонад. Дар натиҷа корхонаҳо метавонанд дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мавқеи устувортар пайдо кунанд.

Ҷалби сармоягузорӣ низ яке аз унсурҳои калидии рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Имтиёзҳои гумрукӣ барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ метавонанд хароҷоти ибтидоии татбиқи лоиҳаҳоро коҳиш дода, муҳити сармоягузориро ҷолибтар гардонанд. Таҷрибаи кишварҳои гуногун нишон

медиҳад, ки сиёсати дуруст тарҳрезишудаи гумрукӣ метавонад ба афзоиши ҷараёни сармоя ва рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт мусоидат намояд.

Дар баробари ин, рушди содирот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти миллӣ бояд ҳамчун самти афзалиятноки стратегия баррасӣ гардад. Имтиёзҳои гумрукӣ барои воридоти ашёи хом ва таҷҳизоти истеҳсолӣ имконият медиҳанд, ки арзиши аслии маҳсулот коҳиш ёфта, сифати он беҳтар гардад. Ин омилҳо барои афзоиши содироти маҳсулоти ватанӣ ва густариши иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ аҳаммияти рақамикунонии фаъолияти гумрукӣ низ хеле муҳим аст. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти мақомоти гумрук, хизматрасониҳои қоғазиро аз байн бурда равандҳои пешбурди фаъолиятро худкор мегардонад, ки ин дар ниҳоят шафофияти амалиятҳои боҷситониро баланд бардошта, таъсири омилҳои инсониро дар ин раванд кам мегардонад. Илова бар ин, истифодаи системаҳои муосири идоракунии хавфҳо ба суръат бахшидани барасмиятдарории гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрукӣ мусоидат мекунад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, стратегияи мазкур ба назарияҳои муосири иқтисодӣ такя мекунад. Назарияи институтсионалӣ нишон медиҳад, ки сифати институтҳо ва қоидаҳои танзимкунанда ба рушди иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонанд. Ҳамчунин, назарияи рақобатпазирӣ собит менамояд, ки беҳтар гардидани муҳити соҳибкорӣ ва дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолӣ метавонад бартарии рақобатии корхонаҳоро тақвият диҳад. Илова бар ин, назарияи рушд аҳаммияти сармоягузорӣ ба технология ва инноватсияро ҳамчун сарчашмаи асосии рушди дарозмуддати иқтисодӣ таъкид менамояд.

Ҳамин тариқ дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ва хулосаҳои ба даст омада метавон қайд намуд, ки пешниҳод ва истифодаи мақсадноки имтиёзҳои гумрукӣ дар пешбурди фаъоляити соҳибкорӣ муҳити соҳибкориро

дар мамлакат мусоидтар гардонида, онро барои соҳибкорони хориҷӣ ҷолибтар мегардонад. Дар натиҷа истеҳсолоти ватанӣ афзоиш ёфта, ҳаҷми содирот зиёд мегардад, ки дар ниҳоят ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ таъсири назаррас хоҳад расонид. Барои расидан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки такмили низоми гумрукӣ, рақамикунонии хизматрасониҳо, арзёбии самаранокии имтиёзҳо ва дастгирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҳамчун самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мавриди таваҷҷуҳи доимӣ қарор гиранд. Танҳо дар ин сурат имтиёзҳои гумрукӣ метавонанд ба воситаи муассири рушди устувори соҳибкорӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёбанд.

Ҳамин тариқ, дар зербоби мазкур стратегия барои рушди соҳибкорӣ тавассути механизми имтиёзҳои гумрукӣ пешниҳод гардид, ки бо ҳадафҳои муқараршуда дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ ҳамоҳанг мебошад, асоснок шудааст. Нишон дода шудааст, ки такмил додани механизми татбиқи имтиёзҳои гумрукӣ гузариш аз равиши умумӣ ба модели ҳадафмандонаи дастгирии давлатӣ талаб мекунад. Низоми институтсионалӣ барои ҳамкорӣ бо мақомоти идоракунии давлатӣ пешниҳод шудааст, ки шаффофияти пешниҳоди имтиёзҳоро таъмин намуда, самаранокии иқтисодии онҳоро афзоиш медиҳад. Муайян карда шуд, ки татбиқи марҳилавии стратегия дар солҳои 2025-2030 самаранокии истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ ва коҳиши хавфҳои истифодаи ғайримақсадноки онҳоро таъмин менамояд.

ХУЛОСАИ БОБИ 3-ЮМ

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибати комплексӣ ба баланд бардоштани самаранокии низоми рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва асоснок карда шудааст. Ин равиш ба таҳлили институтсионалӣ, модели иқтисодӣ-математикӣ ва истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ асос ёфтааст. Таҳқиқот пайваста аз таҳлили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ба арзёбии миқдори самаранокии имтиёзҳои зикршуда ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба татбиқи онҳо мегузарад.

Дар доираи таҳлили сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳавасмандгардонии соҳибкории истеҳсолӣ равона шудааст, баррасии маҷмӯи имтиёзҳои гумрукии дар ин юрисдиксия татбиқшаванда мақсаднок ба назар мерасад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозори ҷаҳонӣ, кишварҳо механизмҳои танзими андоз ва гумрукро барои фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди кластерҳои истеҳсолии маҳаллӣ фаъолона истифода мебаранд.

Имтиёзҳои гумрукӣ дар Тоҷикистон шаклҳои гуногунро дар бар мегиранд, аз қабили озодкунӣ аз пардохти боҷҳои гумрукӣ барои ашёи хоми воридотӣ, таҷҳизот ва ҷузъҳо, инчунин кам кардани меъерҳои боҷҳо барои маҳсулоти тайёр. Ин тадбирҳо ба паст шудани арзиши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти тоҷик дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) фаъолият мекунанд, ки имтиёзҳои иловагии гумрукиро пешниҳод мекунанд. Дар ин минтақаҳо соҳибкорон аз пардохти боҷи гумрукӣ пурра озод гардидаанд, ки ин барои муносибкунии занҷирҳои ҳамлу нақл ва кам кардани хароҷоти амалиётӣ имкониятҳои бештар фароҳам меорад. Намунаҳои мушаххаси истифодаи бомуваффақияти имтиёзҳои гумрукӣ дар МОИ самаранокии баланди онҳоро нишон медиҳанд.

Ҳамзамон муайян гардид, ки механизми институтсионалии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бо як қатор маҳдудиятҳо тавсиф мешавад, аз ҷумла парокандагии танзими зерқонунӣ, ҳамоҳангии нокифояи қонунгузории гумрукӣ ва андозӣ, инчунин бартарии равиши фискалӣ нисбат ба равиши ҳавасмандгардонӣ. Ин омилҳо пешгӯишавандагӣ ва самаранокии истифодаи имтиёзҳоро аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ, махсусан дар соҳаи саноати коркард, коҳиш медиҳанд. Дар натиҷа хулоса бароварда шуд, ки гузариш аз пешниҳоди расмии имтиёзҳо ба татбиқи институтсионалӣ мутавозин ва иқтисодӣ асосноки онҳо зарур мебошад.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

А. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳқиқи моҳияти имтиёзҳои гумрукӣ, механизмҳои татбиқ ва истифодаи онҳо, инчунин омӯзишу арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти мазкур барои муайян намудани хусусиятҳои асосии низоми имтиёзнок имконият фароҳам овард. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот метавон як қатор хулосаҳои муҳимро пешниҳод намуд:

1. Асоснок карда шуд, ки имтиёзҳои гумрукӣ ҳамчун институти нисбатан мустақили ҳуқуқии танзими гумрукӣ баромад намуда, дорои сохтори дохилии муайян ва имкониятҳои хоси танзимкунанда мебошанд. Моҳияти онҳо дар низоми ба ҳам алоқаманди меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ ифода ёфта, ин меъёрҳо асосҳо, шартҳо, тартиб ва доираи пешниҳоди имтиёзҳои гумрукиро муайян менамоянд. Ҳамзамон, муқаррар гардид, ки имтиёзҳои гумрукӣ на танҳо воситаи ҳуқуқии танзими муносибатҳои гумрукӣ, балки яке аз механизмҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб мераванд. Истифодаи онҳо метавонад ба ҷалби сармоягузорӣ, ворид намудани технологияҳои муосир, таҷдиди сохтори истеҳсолот ва рушди устувори иқтисодӣ таъсири мусбат расонад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот таърифи муаллифии мафҳуми «имтиёзҳои гумрукӣ» низ пешниҳод карда шудааст [1-М, 4-М, 11-М].

2.Таснифи имтиёзҳои гумрукӣ, имкон медиҳад, ки ҷойгоҳ ва нақши онҳо дар низоми чораҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дақиқтар муайян карда шавад. Исбот шудааст, ки таъсири бештари мултипликативӣ барои рушди соҳибкорӣ тавассути имтиёзҳои гумрукии хусусияти сармоягузоридошта, ки ба воридоти таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом ва ҷузъҳои дар қаламрави миллӣ истеҳсолнашуда ё маҳдуд истеҳсолшуда равона карда шудаанд. Ин ба пешбурди навоварӣ ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуда, инчунин рушди устуворро тавассути тамаркуз ба технологияи устувор дастгирӣ мекунад. Ғайр аз ин, имтиёзҳо барои ширкатҳо дар минтақаҳои дурдаст ба коҳиш додани номутаносибии иқтисодӣ мусоидат мекунанд, расмиёти коҳишёфта монеаҳои маъмуриро коҳиш медиҳанд ва чандирии таснифот имкон медиҳад, ки ба тағйирот дар

иқтисодиёт зуд мутобиқ шаванд ва дар ниҳоят ба иқтисодиёти устувортар ва рақобатпазир мусоидат кунанд [3-М, 6-М, 10-М].

